$\hat{x} = \Delta X = B\Delta\hat{y}$,

где, $\Delta y = (0\ 1{,}07\ 0\ 0\ 0)$, $\Delta\hat{y} = y^T + \Delta y^T$.

$\hat{x} =$ (16 163 877,0 1 661 954,0 5 212 391,3 14 402 375,1 14 088 998,3).

Видно, что по всем секторам произошло изменение ВП, что соответствует пропорциональному воздействию мультипликации, в результате чего соответственно увеличились доли ВП секторов.

По формуле (7-b) определим экспорт по отдельным секторам:

$\hat{E}e =$ (1 102 945,4 1 737 127,2 228 480,4 1 931 367,1 174 335,5).

В этом случае суммарный экспорт всех секторов равен 5 174 255, 6 тыс. сомони.

По сравнению исходной суммы, экспорт увеличился на 2% или на 99 901,6 тыс. сомони.

Таким образом, увеличение производства в каждом секторе приводит к увеличению ВВП на продукцию, затрачиваемую в процессе их функционирования, что приводит к увеличению объемов экспорта. Однако на этом процесс не заканчивается, поскольку происходит дополнительное увеличение объема затрат по всей структуре экономики.

Следует подчеркнуть, что межсекторальные взаимодействия не исчерпываются влиянием ВВП на промежуточную продукцию и взаимным влиянием промежуточной продукции на ВП. Важнейшим каналом, мультиплицирующим эффект от первоначального импульса увеличения производства, является воздействие возросших (в силу роста производства) доходов на ВВП всех секторов экономики. Этот рост доходов через ВВП (потребление населения, государственный спрос, инвестиции и экспорта) оказывает дополнительное воздействие на промежуточное потребление и продукцию всех без исключений видов экономической деятельности.

Подобный подход в экономической практике позволит государственным органам управления повысить качество принимаемых решений в процессе формирования номенклатуры экспорта и соответственно замещение импорта, а

также в вопросах оценки эффективности инвестиционных проектов. Например, наличие детального инвестиционного плана развития электрогенерирующих мощностей позволяет оценить возможные перспективы увеличения объемов производства электроэнергии в отдельных регионах, обосновать экспортный потенциал.

Межотраслевой баланс производства и распределения продукции является уникальным инструментом оценки величины мультипликативных эффектов в экономике в кратко- и среднесрочных перспективах, когда система межотраслевых связей относительно стабильны. Для оценки мультипликативного воздействия на экономику на длительном временном интервале следует использовать динамические межотраслевые модели.

**Литература**


1. Государственная Программа содействия экспорту и импортозамещению в Республике Таджикистан на 2016-2020 годы, Правительство Республики Таджикистан. - Душанбе, 2015.-64с.
2. Samuelson P.A. Abstract of a theorem concerning substitability in open Leontief models.- Activity Analysis of Production and Allocation. Cowles Commission Monograph No.13. N.Y.: Wiley, 1951, p. 142–146.
3. Леонтьев В.В. Исследования структуры американской экономики. Теоретический и эмпирический анализ по схеме затраты – выпуск/В.В. Леонтьев.-М:, Госстатиздат, 1958.- 640с.
4. Формирование таблицы «Ресурсы-Использование» (По итогам 2011года по Республике Таджикистан), Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан//Статистический сборник.-Душанбе.-2015.- 84с.
5. Международная стандартная отраслевая классификация всех видов экономической деятельности (МСОК). Организация Объединенных Наций, Нью-Йорк.- 2009.- 335с.
6. Мирзоахмедов Ф. Модели и методы оптимизации межотраслевого баланса. / Ф. Мирзоахмедов//Вестник Таджикского национального университета. Душанбе.-2012.- № 2/9. С.167-178.
7. Мирзоахмедов Ф. Макроэкономический анализ национальной экономики на базе «Затраты - Выпуск» Леонтьева. / Ф. Мирзоахмедов//Вестник Таджикского национального университета. Душанбе.-2015.-№5(32). С.64–77.
8. Мирзоахмедов Ф. Информационное обеспечение структурных схем построения статических и динамических моделей Леонтьева. / Ф. Мирзоахмедов // Материалы республиканской научно-практической конференции «Роль информационной технологий в совершенствование государственного управления экономикой», ТГФЭУ. Душанбе.-2018.- С.45-52.
9. Мирзоахмедов Ф. Анализ ключевых отраслей Республики Таджикистан с помощью методов межотраслевого баланса. / Ф. Мирзоахмедов//Известия АН Республики Таджикистана, отделение общественных наук. Душанбе.- 2017.-№2(246).- С. 91- 95.
10. Мирзоахмедов Ф. Об одном методе расчета мультипликатора Леонтьева. / Ф. Мирзоахмедов//Вестник Таджикского национального университета. Душанбе.-2017.- № 1-1. - С. 70-75.

**УДК 338.04**

# АФЗАЛИЯТҲО ВА РУШДИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР БАЛАНДБАРДОРИИ САТҲИ НЕКУАҲВОЛИИ МАРДУМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Нурализода Амрулло Назрулло*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.:* ***+992 918-75-76-68.*** *E-mail:* ***amrullon@mail.ru.***

***Сулаймонзода Шуҳрат Фирдавс,*** *ассистенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.:* ***+992 918-30-66-66.*** *E-mail:* ***Sulaymonzoda_sh@mail.ru.***

*Муаллифон дар мақола соҳаи хизматрасонӣ ва самтҳои афзалиятноки онро дар баландбардории сатҳи некуаҳволии аҳолӣ таҳқиқ намуда, дар баробари ин, муайян намудаанд, ки кадом самтҳои асосии афзалиятноки соҳаи хизматрасонӣ дар рушди иқтисодиёти давлатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.*

*Муайян карда шудааст, ки нақши соҳаи хизматрасонӣ дар ташкили ҷойҳои кории доимӣ ва муваққатӣ, ба замми ин, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад. Дар мақола самтҳои афзалиятноки соҳаи хизматрасонӣ таҳлил карда шуда, дар давоми 5 соли охир зиёд ва коҳиш ёфтани онро муайян намудаанд. Дар натиҷаи тадқиқоти гузаронидашуда муайян гардидааст, ки то кадом андоза соҳаи хизматрасонӣ дар тадбиқи стратегия ва барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ саҳмгузор аст, барои беҳтар намудани сифати зиндагӣ ва баландбардории сатҳи некуаҳволии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ афзалиятҳоро доро мебошад ва барои хубтар намудани ин вазъ пешниҳодҳо шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳаи хизматрасонӣ, самтҳои афзалиятнок, хизматрасонӣ, саҳм, иҷтимоию иқтисодӣ, сатҳи зиндагии мардум, рушди иқтисодӣ, сатҳи некуаҳволӣ.*

# ПРИОРИТЕТЫ И РАЗВИТИЕ СФЕРЫ УСЛУГ ДЛЯ ПОВЫШЕНИЯ УРОВНЯ БЛАГОСОСТОЯНИЯ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Нурализода Амрулло Назрулло*** *- кандидат экономических наук, доцент кафедры прикладная информатика в экономике, Таджикский государственный финансово-экономический университет.* ***Адрес:*** *734067, г. Душанбе ул. Нахимова, 64/14. тел: + 992 918-75-76-68. E-mail: amrullon@mail.ru*

***Сулаймонзода Шухрат Фирдавс*** *- ассистент кафедры кафедра международных финансово-кредитных отношений, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимов, 64/14. тел: + 992 918-30-66-66. E-mail: Sulaymonzoda_sh@mail.ru*

*Авторы рассмотрели сферу услуг и их приоритетные направления в повышении благосостояния населения и тем временем определили ключевые приоритеты сектора услуг в рост экономики развивающихся стран, в том числе Республики Таджикистан.*

*Роль сферы услуг в создании постоянных и временных рабочих мест также определяется степенью, которая способствует повышению уровня населения. В статье анализируются приоритетные области сферы услуг на сколько они имеют за последние 5 лет и определены их плюсы и минусы. В результате исследования было определено, что сфера услуг способствует реализации стратегии и социально-экономических программ и имеет преимущества для улучшения качества жизни и повышения уровня благосостояния населения Республики Таджикистан, кроме того предложены рекомендации для увеличения.*

***Ключевые слова:*** *сфера услуг, приоритетное направление, услуги, вклад, социально-экономический, уровень жизнь населения, развитие экономики, уровень благосостояния.*

# PRIORITIES AND DEVELOPMENT OF THE SERVICE SECTOR TO IMPROVE THE WELFARE OF THE POPULATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Nuralizoda Amrullo Nazrullo,*** *candidate of Economic Sciences, Associate Professor of Applied Informatics in Economics, Tajik State University of Finance and Economics.734067, sh. Dushanbe to. Nakhimova, 64/14.phone: + 992 918-75-76-68. E-mail: amrullon@mail.ru*

***Sulaymonzoda Shuhrat Firdavs,*** *aspirant department of international financial and credit relations, Tajik State University of Finance and Economics.734067, sh. Dushanbe to. Nakhimova, 64/14.phone: + 992 918-30-66-66. E-mail: Sulaymonzoda_sh@mail.ru*

*The authors in their article reviewed the services sector and their priorities in improving the welfare of the population and, in the meantime, identified the key priorities of the services sector in the growth of the economies of developing countries, including the Republic of Tajikistan.*

*The role of the service industry in creating permanent and temporary jobs is also determined by the extent to which it contributes to raising the level of the population. This article analyzes the priority areas of the service industry for how much they have over the past 5 years and identifies their pros and cons. In addition, the authors as a result of the study, concluded that the service sector contributes to the implementation of strategies and socio-economic programs and has the advantages to improve the quality of life and increase the level of welfare of the population of the Republic of Tajikistan.*

***Keywords:*** *services sector, priority direction, services, contribution, socio-economic, life level population, development economy, welfare level.*

Рушди иқтисодиёти давлат ва таъмини сатҳи некуаҳволии мардум маҳз ба татбиқи самараноку саривақтии афзалиятҳои миллии давлат, таъмини раванди рушди устувори кишвар тибқи Стратегияи миллии рушд, барномаҳои миёнамуҳлат ва барномаҳои соҳавию маҳаллӣ вобастагии зич дорад.

«Дар шароити ҳассоси замони муосир ҳадаф ва вазифаи асосии давлат, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ тавассути амалӣ кардани ислоҳоти низоми идораи давлатӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти он, фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ва воридоти технологияҳои пешрафта ва дар ин замина ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ мебошад» [2].

Шароити иқтисоди бозоргонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки ҳама соҳаҳои иқтисодии мамлакатро ба пешравӣ ва рушд сафарбар намуда, ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат намояд. Яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёт соҳаи хизматрасонӣ буда, пешравии он асоси пешрафти иқтисодиёти давлат ба ҳисоб меравад. Рушди соҳаи мазкур ба ташкили корхонаҳои хурду миёна, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли молу маҳсулоти нав ва дар маҷмӯъ, ба пешравии иқтисодиёти мамлакат саҳми беандоза мегузорад.

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XI соҳаи хизматрасонӣ ба яке аз омили асосии рушди иқтисодии кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба ҳисоб рафта, ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилиашон зиёда аз 70 дарсадро ташкил медиҳад.

«Хизматрасонӣ ин маҷмӯи намудҳои гуногуни фаъолияте мебошад, ки барои қаноатмандии эҳтиёҷоти одамон равона карда мешаванд» [7, 9]. Азбаски ин як таърифи умумӣ аст, мафҳуми хизматрасониро бо маънои гуногун аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, дар адабиёти иқтисодӣ ба маънои васеъ ва пӯшида чунин маънидод шудааст. Ба маънои васеъ ин маҷмӯи чорабиниҳои намудҳои мухталифи фаъолияти тиҷоратии инсоние

мебошад, ки тавассути он бо одамони дигар робита мекунанд. Ба маънои пӯшида бошад, мафҳуми хизматрасонӣ ин ташкили чорабинии мушаххас ва ҷамъомаде, ки як тараф (шарик) метавонад ба тарафи дигар пешниҳод намояд.

Соҳаи хизматрасонӣ аз тарафи дигар функсияи ҷалбсозии захираҳои меҳнатии аз соҳаҳои дигари иқтисодиёти миллӣ озодшударо иҷро намуда, барои тавозуни ҷойҳои корӣ ва захираҳои меҳнатӣ мусоидат менамояд. Ин раванд ба ҷумҳурии мо низ хос аст, ки дар он имрӯзҳо суръати рушди соҳаи хизматрасонӣ, суръати рушди соҳаи истеҳсолотро дар самти миқдори намудҳои нави хизматрасонии фаъолияткунанда ва самти тарзи мутобиқгардии онҳо ба талаботи бозор ва истеъмолкунанда пеш мегузорад. Дар баробари ин, дар навбати аввал аҳамияти соҳибкории хурд ва миёнаро дар соҳаи хизматрасонӣ қайд кардан зарур аст, ки дар муътадилгардонии вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат ба таври васеъ ширкат варзида, барои ташаккули симои позитивӣ ва муҳити кории мамлакат заминаи асосӣ ба шумор меравад, ки дар ҷиҳати амалисозии ташаббусҳои кории шаҳрвандон бениҳоят муҳим аст.

Дар соҳаи хизматрасонӣ самтҳои афзалиятнок, ки дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон пешниҳод мегарданд, ин хизматрасониҳои молиявӣ, хизматрасониҳои нақлиётӣ, хизматрасониҳои алоқа, хизматрасониҳои маишӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ (таъминоти барқ, об, партовҳо) ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ самтҳои номбаршуда афзалиятҳои бештар доранд.

**Ҷадвали 1.**

**Динамикаи ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар солҳои 2013-2017**

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | Тағйироти 2017 нисбат ба 2013 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | бо % |
| Ҳамагӣ хизматрасонии пулакӣ, млн. сомонӣ | 11457,3 | 11572,3 | 10692,8 | 10639,3 | 10884,0 | -573,3 | 95 |
| Ба ҳар нафар аҳолӣ, сомонӣ (бо нархҳои амалӣ) | 1180,0 | 1231,7 | 1131,3 | 1161,2 | 1231,7 | 51,7 | 104,1 |

*Манбаъ:* **Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АСПРТ, 2017. - 417 с.**

Тибқи маълумоти оморӣ ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ дар солҳои 2013-2017 дар ҳоли тағйирёбӣ қарор дошта, пеш аз бухрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ, яъне солҳои 2014 то ба ҳол дар ҳоли рушд қарор доштанд. Нишондиҳандаҳои оморӣ далели онанд, ки баъд аз солҳои 2014-2016 динамикаи ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коҳиш ёфта, соли 2017 бошад, аллакай афзоиши он ба назар мерасад. «Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамагӣ хизматрасониҳои пулакӣ ба сари ҳар як аҳолӣ дар соли 2013 дар ҳаҷми 11457,3 млн. сомонӣ барорбар шуда, ин нишондиҳанда дар соли 2017 ба 10884,0 млн. сомонӣ баробар шудааст, ки дар соли 2017 573,3 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфтааст» [5,

418]. Агар ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ ба ҳар сари аҳолиро таҳлил намоем, ин нишондиҳандаҳо дар соли 2013 дар ҳаҷми 1180 сомонӣ баробар буд ва соли 2017 бошад, 1231,7 сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2013 дар ҳаҷми 51,7 сомонӣ баробар гардидааст.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки соҳаи хизматрасонӣ сол то сол дар ҳоли рушд қарор дошта, аҳолӣ ба таври васеъ аз онҳо истифода мебаранд ва дар баробари ин, иқтисодиёти миллӣ рушд меёбад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ чорабиниҳои назаррасро роҳандозӣ менамояд, ки тавассути он аҳолӣ метавонанд аз имтиёзҳо барои беҳтар намудани зиндагии худ васеъ истифода баранд. Тибқи барномаву стратегияҳо, лоиҳаҳои дастгирии табақаи миёнаи аҳолӣ, як қатор хизматрасониҳои имтиёзнок пешниҳод гардидааст, ки истифода аз ин намуди хизматрасониҳо метавонад дар беҳтар намудани сатҳи зиндагии ҳар як оила саҳмгузор бошад.

Дар тамоми давлатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ аҳолӣ барои ташкили фаъолияти кории худ бештар аз хизматрасониҳои молиявӣ васеъ истифода мебаранд. Солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои аҳолии худ ин намуди хизматрасониро бо имтиёзҳо пешниҳод намуда истодааст. Хизматрасониҳое, ки барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоиву иқтисодии аҳолӣ манфиятнок аст, бояд аз тарафи давлат ва ҳукумат бо имтиёзҳо ва шароити мусоиди истифодабарӣ, барои ҳар як шаҳрванд пешниҳод карда шавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иҷтимоиву иқтисодӣ, тақвияти неруи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст.

**Ҷадвали 2.**

**Тақсимоти ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯи шаклҳои моликият дар солҳои 2013-2017** (бо нархҳои солҳои зикршуда, млн. сомонӣ)

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | Тағйироти 2017 нисбат ба 2013 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | бо % |
| Хизматрасонии пулакӣ, ҳамагӣ | 9558,5 | 10099,9 | 9615,8 | 10033,7 | 10884,0 | 1325,5 | 114 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| Муассисаҳои бонкӣ ва хусусияти ҳуқуқидошта | 997,4 | 842,4 | 658,5 | 399,2 | 384,2 | -613,2 | 38,5 |
| Нақлиёти мусофирбар | 2244,9 | 2229,4 | 1741,0 | 2024,3 | 2208,2 | -36,7 | 98,3 |
| Алоқа | 1176,7 | 1500,7 | 1331,3 | 1552,0 | 1645,3 | 468,6 | 139,8 |
| Маишӣ | 3608,3 | 3707,3 | 3758,6 | 3694,1 | 3908,3 | 300 | 108,3 |
| Манзилӣ - коммуналӣ | 55,9 | 67,2 | 72,6 | 79,3 | 99,5 | 43,6 | 1,7 баробар |
| **Дигар хизматҳо** | 256,4 | 376,9 | 557,3 | 551,7 | 665,3 | 408,9 | 2,5-баробар |

***Манбаъ:*** **Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АСПРТ, 2017. -419 с.**

Самтҳои афзалиятноки соҳаи хизматрасонӣ метавонад дар таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойи кору маоши хуб, пешниҳоди молу хизмат, сарфаи вақт ва дар ин раванд, ба беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум саҳми беандоза гузорад. Пешниҳоди хизматрасониҳо метавонад аз ҷониби давлат ва ширкатҳои хусусӣ (ғайридавлатӣ) амалӣ гардад. Дар натиҷаи тадқиқотҳо, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурии мо низ аз ин самтҳои афзалиятноки хизматрасонии аҳолӣ васеъ истифода мебаранд.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолӣ дар соли 2017 нисбат ба соли 2013 аз ҷониби давлат коҳиш ёфта, бештар хизматрасонии ширкатҳои хусусӣ (ғайридавлатӣ) дар давраи таҳлили ду баробар зиёд гардидааст. Таркиби чунин дигаргуниҳои хизматрасониҳои ғайридавлатии алоқа 7 баробар, маишӣ 1 баробар, манзилӣ-коммуналӣ 3,5 баробар ва дигар хизматрасониҳо 3 баробар зиёд гардидааст. «Танҳо дар 11 моҳи соли 2018 аз ҷониби низоми бонкӣ ба соҳибкорон ва аҳолӣ ба маблағи 7 миллиарду 250 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 201 миллион сомонӣ ё 3 фоиз зиёд мебошад» [1].

Баъд аз таҳлилҳои оморӣ муайян гардид, ки ширкатҳои хизматрасонии ғайридавлатӣ дар беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии мардум ва ташкили ҷойҳои нави корӣ сахмгузор буда, зиндагии аҳолиро бо хизматрасониҳои худ беҳтару хубтар мегардонанд.

Иқтисоди бозоргонӣ ва сиёсати дарҳои кушоди иқтисодӣ имконият медиҳад, ки самтҳои асосии ҳавасмандгардонии хизматрасониҳо дар иқтисоди миллӣ рушд намуда, барои дар оянда ба як роҳи асосии беҳтарнамоии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ табдил ёбад.

Дар хотима бояд қайд намуд, ки мо метавонем ба воситаи соҳаи хизматрасонӣ барои беҳтар намудани зиндагии мардум як роҳ ва усули баландбардории навъи сатҳи иқтисодиёт ва иҷтимоиётро барои аҳолӣ пайдо намоем. Рушди соҳаи мазкур имконият медиҳад, ки табақаи миёнаи аҳолӣ аз самтҳои афзалиятноки соҳаи хизматрасонӣ истифода бурда, дар ташкили фаъолияти соҳибкорӣ, дар ин замина, таъмин намудан бо ҷойи кори доимӣ ва муваққатӣ барои табақаи миёнаи аҳолӣ, инчунин, пешниҳоди молу хизмати ватанӣ бо нархи дастрас ба аҳолиро фароҳам оварад. Пас аз тадқиқот пешниҳод менамоем, ки:

1. Истифодаи молу хизмат ба таври электронӣ ба мардум пешниҳод гардида, сифат ва суръати хизматрасониҳо дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад.

2. Барои боварии комил доштани аҳолӣ ба марказҳои хизматрасонӣ аз тарафи давлат дастгирӣ ёфтани соҳибкорон ва пешниҳодкунандагони молу хизмат ба роҳ монда шавад.

3. Фароҳам овардани шароити муносиб барои фазои иттилоотӣ, ки мардум тавонанд бе мамоният молу хизмати лозимаро дархост намоянд.

4. Ба роҳ мондани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ дар шакли электронӣ аз тарафи шабакаҳои хизматрасонӣ ва молу хизмат ба аҳолӣ.

Дар натиҷаи тадқиқот ба хулоса омадан мумкин аст, ки аҳолӣ метавонад тамоми молу хизматрасониҳоро дар вақти муайяншуда ва босифат дастрас намоянд. Ҳамзамон, чунин чараёни хизматрасониҳо бе сарфаи вақт ва хароҷоти зиёд аз ҷониби истеъмолкунандагон мавриди истифода қарор гирад.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 *[манбаи электронӣ]:* **URL:** http: //www.president.tj/ (санаи истифодабарӣ 28.05.2019).
2. Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 *[манбаи электронӣ]. URL:* http://medt.tj/tj/strategiya-va-barnomaho/bmr-2020 (санаи истифодабарӣ 21.05.2019).
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 *[манбаи электронӣ]. URL:* http: //medt.tj /documents /main/ strategic_national _programm /strategic_national_prog_tj.pdf (санаи истифодабарӣ 08.06.2019).
4. Нуралиев А.Н. Уровень жизни населения: теория, мониторинг и пути повышения. Монография / А.Н. Нуралиев. -Душанбе: Ирфон, 2011. - 160 с.
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АСПРТ, 2017. - 480 с.
6. Раджабов Р.К. Региональные особенности развития сферы платных услуг / Р.К. Раджабов. -Душанбе: Ирфон, 2014. - 234 с.
7. Раджабов Р.К. Сфера услуг: проблемы и перспективы развития / Р.К. Раджабов и др. -Душанбе: Дониш, 2007. - 544 с.

---

УДК 005.915

# ГУНОГУНШАКЛИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ҲАМЧУН ШАРОИТИ САМАРАНОКГАРДОНИИ МЕНЕҶМЕНТИ ЗАМОНИ МУОСИР

***Маъдиев Саъдихоҷа,*** *н.и.и., дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992 93) 934 36 90 95, E-mail:* Sadikhoja.m@mail.ru

***Маъдиева Шукрона Саъдихоҷаевна****, магистранти курси 1-уми ихтисоси менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, тел.: 985 000 515, E-mail: shukrona_madieva@mail.ru*

*Муаллифон дар мақола масъалаҳои ташаккул ёфтани баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва назоратро ҳамчун мавзӯи мунтазам баҳсноки баррасишавандаи олимон ва коршиносони соҳаи баҳисобгирӣ ва менеҷмент баррасӣ намудаанд. Самти мазкур дарёфти мақоми махсус ва ҷараёнгирии раванди баҳисобгириро аз рӯи шакл ва намуд, баҳодиҳии таъсири онҳо дар ҳолати қабули қарорҳо бо мақсади устуворгардонии фаъолияти истеҳсолӣ ва хизматрасониро дар бар мегирад. Бинобар ин, муаллифон мазмуни анъанавии баҳисобгирии муҳосибиро соҳавӣ қабул намуда, асоснокии назариявӣ ва таркибии ташаккулёбии баҳисобгирии шаҳрвандиро ҳамчун зинаи сифатан баландтари иттилооти муҳосибӣ ва самаранокгардонии фаъолияти менеҷментӣ пешниҳод менамоянд. Бо мақсади ташаккул додани баҳисобгирии муҳосибии анъанавӣ варианти муаллифии ташаккулёбии назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар робита ба нишондиҳандаҳои агрегатигардонидашудаи молия ва иқтисод, таркиб ва сохтори баҳисобгирии шаҳрвандӣ асоснок гардонида мешавад.*

*Дар мавриди амалисозии баҳисобгирии муҳосибӣ сатҳи муҷассамгардидаи иттилоот ва характери таҳлилию иҷтимоии онҳо бо усулҳои менеҷментӣ барои арзёбии мазмуни шаҳрвандӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Ҳамин тавр, мақолаи таълифгардида бо истифода аз маълумоти расмии воқеии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ асоснокии илмию назариявӣ ва методӣ гирифта, ҳамчун заминаи ташаккули ахбороти шаҳрвандӣ баррасӣ гардидааст. Дар ин замина, омилҳои критериявии такмил додани муносибатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бо истифода аз усулҳои менеҷменти муқоисавӣ аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ пайдо намудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *гуногуншаклии баҳисобгирӣ, шароити самаранокӣ, нишондиҳандаи агрегатӣ, иттилооти муҷассамгардида, сикли ахборотӣ, ташаккули иттилооти шаҳрвандӣ, маҳаки баҳисобгирии шаҳрвандӣ, иқтидори баҳисобгирии шаҳрвандӣ,*

*фаъолнокгардонии субъектҳои иқтисодӣ, майли образи саодатмандӣ, афкори менеҷментӣ, арзёбӣ намудани сатҳи зиндагӣ.*

## РАЗНОВИДНОСТЬ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА КАК УСЛОВИЯ ЭФФЕКТИВНОГО ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ СОВРЕМЕННОГО МЕНЕДЖМЕНТА

***Маъдиев Саъдиходжа,*** *к.э.н., доцент, заведующий кафедрой бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово - экономический университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14 (+992 93) 934 36 90 95, E-mail:* Sadikhoja.m@mail.ru

***Маъдиева Шукрона Саъдиходжаевна****, магистрант 1-го курса специальности менеджмент Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14, тел:933775550, E-mail:shukrona_madieva@mail.ru.*

*Авторы в статье рассматривают вопросы формирования бухгалтерского учета, анализа и контроля как тема непрерывной дискуссий со стороны специалистов учета и менеджмента. Данное направление предполагает нахождение специфического положения учета по конкретным видам и формам осуществления операций, обращая основное внимание на оценки его влияния в процессе принятия решений для целей обеспечения устойчивой деятельности производства и оказание услуг. Поэтому, авторы обращая внимание на традиционные отраслевые содержания бухгалтерского учета, тем самым стремились теоретически и по структуре обосновать формирование гражданского бухгалтерского учета, рассматривая это как звено относительно высокого уровня бухгалтерской информации в форме гражданского бухгалтерского учета и обеспечения эффективности менеджмента. С целью совершенствования традиционного бухгалтерского учета, предложен авторский вариант формирования теории бухгалтерского учета в сочетании с агрегированным показателем в области финансов и экономики, где делается попытка по обоснованию структуры формирования гражданского учета.*

*В процессе практического применения бухгалтерского учета, уровень осуществления информаций его интегрированность и социально аналитический характер этих процессов в контексте инновационного менеджмента направлены для оценки и применения гражданского содержания формирования учета социально- экономических процессов. Таким образом, представленная статья охватывает научно- теоретические и методические обоснования по применению официальных данных как предпосылки формирования гражданскокой информации. На этой основе критериальные факторы совершенствования отношений бухгальтерского учета с учетом применения методов сравнительного менеджмента приобретают научно-теоретические и практические значения.*

***Ключевые слова:*** *разновидность учета, условия эффективности, агрегатный показатель, овеществленная информация, информационный цикл, формирование гражданской информации, критерии гражданского учета, потенциал гражданского учета, активизация экономических субъектов, мотив счастливого образа жизни, менеджмент мыслей, оценка уровня жизни.*

## A VARIETY OF ACCOUNTING AS A CONDITION FOR THE EFFECTIVE FUNCTIONING OF MODERN MANAGEMENT

***Madiev Sadikhoja,*** *Ph.D., associate professor, head of accounting department Tajik State University Financel and Economics, 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14 (+992 93) 934 36 90 95, E-mail:* Sadikhoja.m@mail.ru

***Madieva Shukrona Sadikhojaevna,*** *1st year undergraduate student of the specialty of Management of the Tajik State University of Finance and Economics, 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14, tel: (+992) 9337755 50, E-mail: shukrona_madieva@mail.ru*

*The authors of this article consider the issues of accounting, analysis and control as a topic of continuous discussions by accounting and management specialists. This direction involves finding a specific accounting position for specific types and forms of operations, focusing on*

*assessing its impact in the decision-making process for the purposes of ensuring sustainable production activities and the provision of services. Therefore, the authors, paying attention to the traditional sectoral accounting content, thereby sought to theoretically and structurely justify the formation of civil accounting, considering it as a link to the relatively high level of accounting information in the form of civil accounting and management effectiveness. In order to improve traditional accounting, the author proposed the formation of the theory of accounting in combination with aggregated indicators in the field of finance and economics, where an attempt is made to justify the structure of the formation of civil registration.*

*In the process of practical application of accounting, the level of implementation of information, its integration and the socially analytical nature of these processes in the context of innovation management are aimed at assessing and applying the civil content of the formation of social and economic accounting. Thus, the presented article covers the scientifically theoretical and methodological justification for the use of official data as a prerequisite for the formation of civil information. On this basis, the criterion factors for improving relations in business accounting, taking into account the use of comparative management methods, acquire scientific, theoretical and practical values.*

***Keywords:*** *type of accounting, efficiency conditions, aggregate indicator, materialized information, information cycle, formation of civil information, criteria of civil registration, potential of civil registration, activation of economic actors, the motive of a happy lifestyle, thought management, assessment of living standards.*

Тараққиёти пуршиддати муносибатҳои иқтисодию молиявӣ, мураккаб гардидани алоқамандии иқтисодию молиявии дохилию берунӣ зарурати диверсификатсияи хизматрасонӣ ва ба эътибор гирифтани силсилаҳои бухронии молиявию иқтисодиро дар шароити бозори ҷаҳонӣ ва аҳамиятнокии таъсисёбии баҳисобгирии идоравиро дар робита ба мардум ва шаҳрвандони кишвар аз пештара дида афзунтар гардонидааст. Имрӯзҳо қисми бештари илмҳои соҳавӣ ва аз ҷумла илмҳои молия ва иқтисод ҷиҳатҳои муҳими масъалагузории тахассусиро тавассути қиёснамоӣ бо маълумоти оммавӣ пеш мебаранд. Бахравар шудан аз чунин заминаи маълумот дар бисёр мавридҳо боиси такони ҷиддии ақидаронӣ дар ин ё он ҷодаи илмҳои соҳавӣ, аз ҷумла баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит мегардад. Бинобар ин, такмилдиҳӣ ва самаранок ба роҳ мондани таркиби сохтории баҳисобгирӣ ҳамчун фишанги идоракунии давлатӣ барои дарёфт ва сафарбар намудани имкониятҳои афкори мардумӣ ва ташаккули иттилооти шаҳрвандӣ дар зинаи сифатан нави маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ истифода мегардад. Чунин меҳисобем, ки низоми амалкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, новобаста аз номусоидии вазъи моддӣ, тавонист, ки то ба имрӯз талаботи истеъмолкунандагони зиёди ташкилоту муассисаҳаро қонеъ гардонад. Моҳиятан мазмун ва мундариҷаи маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ, амалиётҳои гуногунҷабҳаи соҳаи кор ва фаъолият дар макон ва вақт ҷараёнгирии муайян доранд. Чун анъана, онҳо асосан ҳамчун ҷамъбасти вазъи молиявӣ, ҳисоббаробаркуниҳои уҳдадориҳои молиявӣ ва пешбурди фаъолияти истеҳсолию маъмурии субъектҳои хоҷагидор ва хизматрасонро тибқи муқарраротӣ ҷойдошта ифода менамоянд. Чунин маълумотҳо аз рӯи таъйинот танҳо аз нигоҳи ҳамон субъекти истеҳсолӣ ва хизматрасон ва дар робита ба истеъмолкунандагон фаҳмида мешавад, ки ин аз назари мо хело маҳдуд аст.

Дар ин самт зарур аст, ки ба маълумот ва ахбори баррасишаванда тавассути сикли ҳаётии он тавaҷҷуҳи бештар зоҳир намоем. Яъне, маълумоте, ки бо ташаккулёбии раванди амалиёти баҳисобгирии

муҳосибӣ пайдо мегардад, ҳамзамон дар вақт ва макон ифодагари миқдор ва сифати ҷараёни амалиётҳои иҷтимоию иқтисодӣ эътироф мегардад. Чунин маълумот ҳамчун замина барои баҳодиҳии ҳолат ва вазъияти раванди амалиётҳои ҳаёти фаъоли шаҳрвандӣ, қабули қарори муфид дар ин самт аз ҳисоби менеҷменти муқоисавӣ истифода бурда мешавад. Ҳамин тавр, қимати ахбори баҳисобгирии муҳосибӣ дар баробари қабули қарори истеҳсолию хоҷагидорӣ ва дигар хизматрасониҳо, ки аслан ба соҳибкорон ва коршиносон мансуб аст, акнун майдони васеътар гирифта, муносибат ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва иттилооти он дигар гашта, аз рӯи майли мардумӣ дар самти аниқ интихоб карда тавонистани нафъу хароҷоти мардумӣ, дарки танзими расму ойин ва дигар ҳолатҳои ҳаётан муҳим давраи сифатан нави ташаккулёбиро пайдо кардааст.

Шояд аз тарафи мутахассисони соҳаи молия ва иқтисод қобили қабул набуда, пазируфта нашавад. Лекин мантиқан мо худ шоҳиди он ҳастем, ки тамоми ҳодиса ва равандҳои иҷтимоию иқтисодии баамаломадаи замони муосир хеле хуб ва дақиқ ба воситаи нишондиҳандаҳои мушаххаси оммавӣ баррасӣ, натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ карда мешаванд. Мутобиқи маълумоти расмӣ қисми бештари аҳолии кишвар (73,7%) ба деҳот рост меояд [4, 27]. Чунин қисмат ҳамчун натиҷаи даврии ташаккул ва дараҷаи нисбатан баландтари ахборот буда, моҳиятан дар заминаи баҳисобгирии соҳавӣ, масалан ташаккулёбӣ ва дарҷи миқдорию сифатии таркиби теъдоди хонаводаҳо ба вуҷуд омадааст. Фақат ҳамин, ки бо тариқи хосаи мардумӣ мавриди муаррифӣ ва пешниҳод қарор мегиранд. Бисёр қисматҳои муносибатҳои иқтисодию молиявӣ, аз қабили фаъолияти истеҳсолӣ, тақсимотӣ, муомилот ва истеъмолӣ натиҷаи муҷассамгардидаи иқтисод ва молия буда, бо мазмуни шаҳрвандӣ мавқеи устувор гирифта истодааст. Ҳамаи ин зарурати асоснокии илмӣ - назариявӣ ва методологии баҳисобгирии муҳосибии шаҳрвандиро ҳамчун зинаи илми баҳисобгирӣ ба миён меорад.

Даромад ва хароҷоти буҷет, истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохила, музди меҳнати номиналию воқеии кормандон ва ғайра пайваста дар баромадҳои расмии Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқотҳои дохилӣ ва берунӣ бо муаррифӣ ва фаҳмондадиҳии ҳаҷм, дараҷа ва динамикаи онҳо дар вақт ва макон, ин худ ифодаи як навъи сикли ҳаракати маълумоти мушаххаси баҳисобгирии муҳосибию таҳлилӣ, аудиторию назоратӣ мебошанд. Мазмун ва мундариҷаи иқтисодию молиявии онҳо дар ин давраи таъсисёбии худ бештар функсияи иҷтимоиро гирифта, онҳо дар фазои шаҳрвандӣ сифатҳои нави иқтисодию молиявӣ мегиранд. Бо баррасӣ ва муаррифии расмии онҳо, шаҳрвандон аз ҳолат, ҳаракат, вазъи ҳозира ва ояндаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа хело хуб маълумот мегиранд. Аз муваффақият ва дастовардҳо огоҳ мешаванд. Камбудиҳои муайян ошкор шуда, таваҷҷуҳи омма ба хислати сар задани онҳо ҷалб гардида, чораҳои назоратию бартарафнамоии онҳо таъкид карда мешаванд. Шаффофияти ҳаётӣ, эътимоднокии воқеии онҳо ҳамчун маҳаки баҳисобгирии шаҳрвандӣ баромад карда, бо назардошти аҳамиятнокии иҷтимоӣ метавонем баҳисобгирии шаҳрвандиро чун соҳаи назария ва амалияи илми баҳисобгирии муҳосибӣ мақоми хоса диҳем. Раванди ҳаёти воқеии кишвар нишон медиҳад, ки баробари паҳн гардидани маълумотгирии шаҳрвандӣ муҳити маънибардорӣ таъсис

меёбад. Нишондиҳандаҳои баррасишаванда ҳамчун маводи хеле пурарзиш баромад мекунанд. Майдони васеи омӯзиширо ба миён меорад. Чунин маълумотгирӣ аз тарафи хурду калони аҳолӣ мафкураи муайяни зарурииро дар соҳаҳои гуногуни кор ва фаъолият, аз сатҳи одӣ то мураккаб таъмин месозад. Ҳатто то дараҷае, ки барои шарҳу арзёбии фарзияҳои нисбатан мураккаб дар байни дигар табақаҳои ҷамъиятӣ, масалан олимон ва коршиносони соҳавӣ мавриди истифода ва пажуҳиш қарор мегиранд. Ҳамин тавр, ҷомеа бо маълумоте фарогир мешавад, ки истеъмолкунандаи он шаҳрвандон буда, маълумоти таъсисёфта ба худ хос буда, мазмун ва мундариҷаи муҳосибиро бо рангу образи васеътар таҷассум менамояд. Маҳз ташаккул ёфтани ҳамин гуна маълумоти умумӣ ифодагари розу ниёзи мардуми кишвар ба ҳисоб меравaнд. Онҳо чигунагии сиёсати иҷтимоию иқтисодиро дарк намуда, бо як самимияти хос аз пайи ноил шудан ба мақсадҳои ба зиндагии шоиста баранда мешаванд. Мақом ва мартабаи кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон чӣ дар дохил ва чӣ берун аз он, тавассути асоснокии муаррифии он ба вуҷуд меояд. Ҳамаи ин ҳолатҳо метавонанд ҳамчун заминаи мақоми илмию амалӣ пайдо кардани баҳисобгирии шаҳрвандӣ ва мардумӣ хизмат кунанд.

Бавуҷудоии танҳо ҳамин маълумоти муқоисавии рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 7,3 фоиз ҷамъбаст гардида, таваррум дар сатҳи 5,4 % фоиз нигоҳ дошта шуда, ки дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 арзёбӣ шудааст [2, 27], ин худ таҷассумгари рушд ва пешравӣ, заҳмати мардуми меҳнаткаши кишвар буда, бо иттилооти мушаххаси маъмурӣ ҳамчун функсияи менеҷментӣ ифода меёбад. Рақамҳои зикршуда натанҳо маълумоти миқдорӣ, балки ченаки муайяни майли ҷараёнгирии паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ва идорашавандагии онҳо мебошанд. Маҳз ҳамин нишондиҳанда ҳаст, ки кору фаъолияти ҷомеа арзёбии таъсирбахш гирифта, самти рушди иҷтимоиро дар байни мардум образи саодатмандӣ медиҳад. Дар чаҳорчӯбаи муайян ҳолати ҷорӣ ва стратегии фаъолияти кулли субъектҳои воқеӣ ва ҳуқуқиро заминаи обу ранги умедбахш медиҳад. Ахборе ба шумор меравад, ки дар робита бо дигар аломатҳои таҳтулнишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, мақоми сифатан нави онро дар шакли афкори мардумӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии шаҳрвандӣ пайдо мекунад. Яъне, арзишнокии амалиёти шаҳрвандӣ дараҷаи нисбатан баландтари таъсисёбии ахбори баҳисобгирии муҳосибии заминавӣ мебошад. Дар маҷмӯъ, устувории давлати тоҷиконро дар арсаи дохилӣ ва байналмилалӣ воқеан ва ҳаётӣ нишон дода метавонад. Аз ин ҷо, чӣ қадар, ки афкори ҷомеа фаъолона аз ҳисоби баҳисобгирии муҳосибии шаҳрвандӣ эътимоднок, пурра ва саривақтӣ ташаккул ёбад, ин ҳамон қадар қимати омӯзишӣ ва чораандешии самараноки идоракунии давлатӣ меафзояд. Алалхусус дар шароити таҷдиди вазифаҳо ва талаботи наве, ки ҳаёти воқеӣ онҳоро ба миён меоварад. Шароити имрӯза муҳити бозорӣ буда, албатта аз бисёр ҳолатҳои эҳтимолӣ вобаста аст. Тамоми субъектҳо дар ин самт бояд омода бошанд. Дар чунин шароит танҳо ахбори шаҳрвандии илман асоснок ва боварибахш метавонад ҷараёнҳои эҳтимолиро маҷрои муфид ва самараноки идорашаванда диҳад. Барои ин лозим аст, ки пеш аз ҳама, вазъи таҳлилии корҳои мақомоти

махсусгардонидашудаи ташаккулдиҳии иттилооти мардумӣ ба талаботи нав бо ташаббус ва фаъолнокии мувофиқ таъсис ёбанд. Таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам нишон медиҳад, ки таъсисёбии маълумоти шаҳрвандӣ бештар аз ҳисоби ташаббус ва навгониҳо ба тадқиқот ва пурсишҳои интихобӣ асос ёфта, бо ҷалби мутахассисон ва коршиносони нуктасанҷ зич алоқаманд мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки бисёре аз нишондиҳандаҳои таркибӣ, махсусан минтақавӣ моҳияти татбиқи саривақтӣ ва пуррагии барномаҳои рушди соҳаҳои воқеиро дар ноҳия ва минтақаҳои алоҳида пайдарҳамии нишондиҳандавиро дар бар нагирифта истодаанд. Бинобар ин, тамоюл ва қонуниятҳо барои дарёфт ва сафарбар кардани захираҳои ҷойдоштаи маҳалҳо аз нигоҳи таваҷҷуҳ ба маҳдудияти захираҳо, мотиватсия ва ташаббускорӣ, ҳавасмандгардонии фаъолият хусусияти таҳлилии кам доранд. Мақомоти идоракунии давлатӣ дар ноҳияҳо ва минтақаҳои алоҳида бояд тамоми сайъю кӯшиши худро барои дарёфти сабабҳои рушд ва нобарориҳои соҳавӣ, махсусан дар самти амалӣ гардонидани барномаҳои махсусгардонидашуда дар такмили баҳисобгирии мардумӣ равона созанд. Нишондиҳандаҳои амалкунандаи омории ин самтҳо ҳоло низ бештар хислати миқдорӣ дошта, онҳо дар самти ҷамъбасти натиҷавӣ аломатҳои сифатии маҳдуд доранд. Масалан рушди соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ, ки хусусияти хоси таъсисёбии нишондиҳандаи муҳосибии шаҳрвандиро доро мебошанд, дар алоқамандӣ бо таъсиси нишондиҳандаҳои сифатӣ метавонанд иқтидори идоравии нисбатан самаранокро дар бар гиранд.

Зарурате пеш омадааст, ки рақамҳо бо таври услубияти саҳеҳ ифодагари воқеият дар қабули қарори инноватсионӣ дар идоракунии давлатии мақомоти маҳаллӣ бояд бошанд. Ҳар як субъекти ин минтақаҳо ва умуман, шаҳрванди кишвар тавонад бо дарки мазмун ва мундариҷаи нишондиҳандаҳои мушаххас, муқоиса ва хулосбарорӣ намуда, дар таъмини ҳадафҳои ҷорӣ ва ояндавии кишвар саҳми мувофиқ гузорад. Яъне, истифодабарандагони баҳисобгирии шаҳрвандӣ худро бояд ҳамчун қисми ҷудонашавандаи идоракунандаи давлатӣ эҳсос намоянд. Бартараф кардани диққати нокифоя дар тартиб додани ҳисоботҳо, қатъӣ риоя намудани тартиботи давлатӣ дар ин раванд, кафолати рушди босуботи минтақаҳо ва мунтазам арзёбӣ намудани сатҳи зиндагӣ ифода меёбад. Дар робита ба ин, воқеан пеш гирифтани таъмини ҳифзи иҷтимоӣ, таъсисёбии баҳисобгирии шаҳрвандӣ ба талаботи воқеии идоравӣ дар маҳалҳо нигаронидашуда имкониятеро фароҳам оварда метавонанд, ки мақом ва нуфузи баҳисобгирӣ дар ҷомеа таъсирнок ва боварибахш бошад.

**Адабиёт**

1. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030года // Утверждено Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1декабря 2016 года,№636.-Душанбе, 2016.-104с.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 26 декабри соли 2018. Душанбе: ДДМИТ.- 46с.

3. Друри К.Введение в управленческий и производственный учет: Учебное пособие для вузов. / К.Друри. Пер.с англ. под ред. Н.Н. Эриашвили; Предисловие проф.П.С.Безруких.-3-е изд., пераб. и доп.-М.: Аудит, ЮНИТИ, 1998.-783с.

4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – 340с.

5. Мескон Майкл. Основы менеджмента,3-е издание: Пер.с англ./ М. Мескон, М. Альберт, Х. Франклин - М.:ООО «И.Д.Вильямс»,2008.-672с.
6. Молия ва ҳисобдорӣ (Маҷаллаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. №1 (148) январи 2019. Душанбе, 2019. – С.23-28.

**УДК - 330.3**

# ФОРМИРОВАНИЕ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФЛЯЦИОННЫХ ПРОЦЕССОВ КАК ФАКТОР СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

***Мукимов Кудбуддин Мирзоджонович*** *- к.э.н., доцент кафедры налога и налогообложения Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел:98-800-40-28, E-mail: qutbiddin240779@gmail.com*

*В статье рассматривается сокращение темпов и снижение уровня инфляции в стране, приводятся характеристика инфляции, ее уровни, обосновываются причины ее возникновения и развития. Отмечается, что инфляционный процесс отрицательно влияет на все стороны жизни общественного развития, тем самым обесценивает результаты труда, обесценивает сбережения физических и юридических лиц, препятствует долгосрочным инвестициям и экономическому росту страны. Используя статистические данные развития инфляции в Республике Таджикистан, особое внимание уделяется практике развития инфляции в передовых и развивающихся странах. Автором делается вывод о мерах по сокращению уровня инфляции в стране и предотвращения негативных последствий влияния ее как условие социально-экономического развития в стране. Главный акцент делается на выявление основных факторов влияющий на инфляционные процессы в Республике Таджикистан.*

***Ключевые слова****: инфляция, уровень инфляции, гиперинфляция, инфляционные процессы, денежные средства, рынки, банки, рост цен, государство, потребительские цены.*

# ТАШАККУЛ ВА ИСТИФОДАБАРИИ РАВАНДҲОИ ТАВАРРУМӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ

***Муқимов Қудбуддин Мирзоҷонович*** *- н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14. Тел:98-800-40-28, E-mail: qutbiddin240779@gmail.com*

*Дар мақола суръати камшавии сатҳи таваррум дар мамлакат мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки ба ин васила тавсифи таваррум, сатҳи он, сабабҳои пайдоиш ва рушди он оварда шудааст. Қайд карда мешавад, ки раванди таваррум ба тамоми паҳлӯҳои ҳаёту рушди ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад, натиҷаҳои меҳнат, пасандозҳои шахсони воқеию ҳуқуқиро беқурб мекунад ва садди роҳи сармоягузории дарозмуддату рушди иқтисодии кишвар мегардад. Бо истифодаи маълумоти оморӣ рушди таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷрибаи рушди таваррум дар мамлакатҳои гузариш ва рӯ ба инкишоф диққати асосӣ дода шудааст. Аз тарафи муаллиф оид ба миқёси ихтисор кардани сатҳи таваррум дар мамлакат ва пешгирии оқибатҳои манфии он ҳамчун асоси рушди иҷтимоӣ - иқтисодӣ дар давлат хулоса пешниҳод гардидааст. Муаллиф асосан ба муайян намудани омилҳои асосие, ки ба раванди таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, диққат додааст.*

***Калидвожаҳо:*** *таваррум, сатҳи таваррум, таварруми шадид, равандҳои таваррум, воситаҳои пулӣ, бонкҳо, баландравии нархҳо, давлат, нархҳои истеъмолӣ.*

# FORMATION AND USED OF INFLATIONARY PROCESSES AS A FACTOR OF SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT

***Muqimov Kutbuddin Mirzojonovich*** *- Ph.D., assistant professor of tax and taxation, Tajik State Financial and Economic University, 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, dis. Nakhimov, 64/14. Tel: 98-800-40-28, E-mail: qutbiddin240779@gmail.com*

*The article discusses the reduction in the rate and level of inflation in the state where the inflation characteristic is given, its levels, and the reasons for its occurrence and development are justified. It is noted that the inflation process negatively affects all aspects of life of social development, thereby devaluing the results of labor, devaluing the savings of individuals and businesses, hindering long-term investment and economic country's growth. Using statistical data on the development of inflation in the Republic of Tajikistan, special attention is paid to the practice of developing inflation in advanced and developing countries. The author concludes on measures to reduce the level of inflation in the country and prevent the negative consequences of its influence as a condition for socio-economic development in the country. The main focus is on identifying the main factors influencing inflationary processes in the Republic of Tajikistan.*

***Keywords****: inflation, inflation rate, hyperinflation, inflationary processes, cash, markets, banks, price rises, government, consumer prices.*

Инфляция как одна из самых частых явлений в экономике страны появилась достаточно давно, практически с момента появления первых денег. Фактически, инфляция является неотъемлемой частью функционирования платежных средств. Термин «инфляция» берет свое начало от слова «inflatio» латинского происхождения, которое переводится как «вздутие» [7, 212].

Впервые он был применен в XIX веке в Северной Америке, во время войны 1861-1865 годов. Уже тогда под инфляцией понимался процесс увеличения бумажно-денежного обращения. В том же веке данное слово стало использоваться и в Европе, в первую очередь, в таких странах как Великобритания и Франция. Однако массовое распространение данного термина в экономической литературе произошло после окончания первой мировой войны, в двадцатых годах XX века и в СССР.

Инфляционный процесс отрицательно влияет на все стороны жизни общественного развития, тем самым обесценивает результаты труда, обесценивает сбережения физических и юридических лиц, препятствует долгосрочным инвестициям и экономическому росту страны. Высокая инфляция разрушает денежную систему, что усиливает отток финансовых ресурсов в торгово-посреднические операции и ускоряет «бегство» капитала, приводит к вытеснению во внутреннем обращении национальной валюты иностранной, подрывает возможности финансирования государственного бюджета.

Инфляция обесценивает доходы населения, особенно занятого в бюджетной сфере, выступает самым мощным средством перераспределения национального богатства от наиболее бедных к наиболее богатым, усиливая тем самым социальную дифференциацию общества. Инфляция подрывает социальную и политическую стабильность общества, способствуя развитию авторитарных, диктаторских тенденций [6].

В настоящее время под инфляцией следует понимать сокращение покупательной способности денежных средств, а также их обесценивание; нарушение баланса спроса и предложения. Иными словами, этот термин означает переизбыток бумажных денег в каналах обращения, причем данные денежные средства не обеспечены увеличением товарной массы. На данный момент причины инфляции существуют несколько видов, причем все они

взаимосвязаны и проявляются они не только в росте цен на продовольственные и промышленные товары. Также следует отметить, что такое явление, как скрытая инфляция - это ухудшение качества товаров и их дефицит.

Исходя из вышеизложенного, можно сделать вывод, что инфляция это избыточное присутствие в обращении денежных средств, вследствие переизбытка товарооборота, вызывающее рост цен и обесценивание денег.

Определить уровень инфляции можно с помощью анализа изменений, произошедших за определенный интервал времени с набором ряда услуг и товаров, благодаря чему можно узнать и изменение покупательской способности денежных средств, в целом по стране.

Уровень инфляции является одним из ключевых факторов экономики государства, в котором отражающим является её состояние; признаки нестабильности экономической ситуации в стране, являющимся, как дефляция (отрицательный уровень инфляции), так и гиперинфляция (высокий уровень инфляции)[2, 82].

Дар давраи Амир Музаффар тартиби андозситонӣ шадид гардид. Ӯ ба ҳар таноб замин маблағ муқаррар намуда, онро ба хироҷи расмӣ даровард. Ҳатто аз заминҳои бекорхобида ҳам аз мардум андоз мерӯёнид. Танобпулӣ аз боғу токзор, кишти юнучқа, полизу обчакорӣ ва ғайра ситонида мешуд. Масалан, дар номаи амир Ҳайдар соли 1807-1808 чунин қайд шудааст: “...аз ҳар таноб ба маблағи як тилло розӣ нашавад, он гоҳ ба тариқи мол сеяки ҳосилро ситонед” [1, 45-95]. Соли 1860 аз мулкҳои Самарқанд тақрибан сеяки хироҷ бо пул рӯёнида шуд [5, 122]. Дар асри X1X дар аморат тамоюли афзудани ҳаҷми хироҷ аз зироаткорон то 40%-и ҳосил мушоҳида карда мешавад [3, 182]. Бо вуҷуди ин, раванди ин давра тамоили ниҳоят муҳими моҳияти таърихидоштаро ба вуҷуд овард. Тамоми қабоили дар аморат маскунбуда: тоҷикон, ӯзбекон, арабҳо, қазоқҳо, қирғизҳо ва ғайра ба таври пурра ба шуғли зироатчигию чорводорӣ машғул шуданду аз русуми саҳронишинӣ берун баромаданд.

Пешрафти маҷмаи истеҳсолоти кишоварзӣ бо ривоҷи обёрии сунъӣ тавассути сохтмони иншоотҳои обёрӣ, - аз ҳисоби давлат ва заминдорони калон сурат мегирифт. Ҳанӯз дар замони Шоҳмурод барои обёрӣ кардани заминҳои тумани Ургут аз дарёи Зарафшон наҳри Қазонариқ, ки 40 км. дарозӣ ва 2 м. чуқурӣ дошт, дар тумани Сургут-Тогузариқ, ки 24 км.

дарозӣ ва 2 м. чуқурӣ дошт, кофта шуданд [10, 195]. Масрафи онҳо аз хазинаи давлат, аз ҳисоби андози қушпулӣ анҷом ёфта буд. Дар бекигариҳои Ҳисор, Қубодиён ва Қӯрғонтеппа (Леваканд) даҳҳо каналу ҷӯйборҳо ба кор дароварда шуда буданд.

Обёрии мавзеъҳои водии Зарафшон аз тарафи олиму муҳандиси бузургу маъруф, зодаи Раштонзамин - Халифа Ҳасани Мироб (1702-1865) ривоҷ дода шуд. Ӯ, ки дар кӯхсори Қаротегин ҳунари худро ба хизмат дода натавонист, ба шодоб кардани заминҳои нисбатан фароху обёришавандаи ноҳияи номбурда камар баст. Бо иҷозати хони Хуқанд Норбута кори худро аввал аз кандани корезу ҷӯйҳо барои обёрии заминҳои Конибодому Пудевак сар кард. Ӯ ширкати махсусе ташкил дода, бо фарогирии кишоварзони маҳаллӣ иқдоми неки худро бо муваффақият ба анҷом расонид.

Баъди он бо мададу иҷозати амири Бухоро Ҳайдар ба шодоб кардани заминҳои ҷанубу ғарбии Панҷакент шурӯъ намуд. Аввал аз шохоби дарёи Чиларча (ҳозира Киркача) барои обёрии 460 десятина (1 дес 1,09 га) ҷӯйбор кашид. Бо мурури замон дар заминҳо бакоровардаи Ҳасан деҳаҳои зиёде, ба монанди Шурнова, Элакҷар, Урта-қишлоқ, Камар ва Чимқӯрғон ба вуҷуд омаданд.

Ҳамин ки Халифа Ҳасан бо заҳматҳои беғаразу ҳалоли худ овозадору маъруф гашт, бо ширкати ташкилдодаи худ аз як шохоби дарёи Зарафшон, ки Мингдонааш мегуфтанд, кашидани ҷӯеро тарҳрезӣ кард. Ҷӯй аз камари кӯҳҳои ноҳамвор бояд мегузашт ва коркарди он илму донишу заҳмати зиёдеро талаб мекард. Халифа Ҳасан баъди анҷоми он аъзоёни ширкати худро, ки аксар фалғариҳо буданд, соҳибзамин карду таҳҷоӣ намуд. Дар натиҷа, дар як қисмати ин заминҳо 200 оилаи кишоварзон соҳибмулк гаштанд.

Дар пахлуи рости Зарафшон болотар аз Панҷакент ҳам, заминҳои ташналаб зиёд буданд. Халифа Ҳасан дар обёрии ин заминҳо - ширкати нав аз мардуми Қаротегин, Масчоҳ ва деҳоти Шоҳтутро ҷалб намуд. Деҳоти Шоҳтутро шодоб гардонд. Аз шохаи дигари Зарафшон Ҷӯйи Бодом дар муддати се сол анҳоре канда ба даштиҳо овард. Бар ивази заҳматҳои кашидаи Халифа амир Насрулло ин заминҳоро мулки хоссаи ӯ эълон кард. Халифа Ҳасан дар мулки худ соли 1821 мадрасае бино карда, он заминҳоро ба сифати вақфӣ меросӣ гардонду барои донишандӯзии фарзандони диёр супорид.

Каротегиниҳою дигар мардумоне, ки дар ширкати халифа Ҳасан ҳамроҳӣ карда буданд, дар заминҳои вақфии Халифа Ҳасан муқимӣ гаштанд. Деҳаи Хуҷа Панҷро ба номи панҷ хоҷае, ки мазорашон аз пеш дар ин ҷо буданд, ташкил доданд.

Дар заминҳои обшоргашта паи ҳам деҳаҳои ободу зебои пурдолу дарахт, боғу токзорҳои дилкушо қомат андохтанд. Халифа бошад, барои шодоб кардани деҳаҳои нав болу пар мекушод. Ӯ ба обёрии дашти паҳновари Тусар, ки аз гарданаи рӯди Киштут то Марғедар ва аз деҳаи Тусар ба тарафи ғарб доман афрохта буд, машғул гашт.

Ширкати Халифа Ҳасан бо нақшаи ӯ аз дили кӯҳ корез гузаронида, оби рӯди Киштутро ба ҳамвориҳо ҷорӣ сохт. Корезе, ки аз синаи кӯҳ мегузашт, 1,06 км дарозӣ дошт ва бо истифодаи зоғнулу белу каланд анҷом ёфта буд. Ҳамин тариқ, Халифа Ҳасан дар Панҷакент, дар маҳаллае, ки ҳоло номи (эшони Халифа Ҳасан)-ро дорад, муқимӣ гашта, умрашро ба

обод намудани заминҳои гирду атроф ва мавзеъҳои ба Самарқанд наздик сарф кард [8, 93-95].

Аъмоли Ҳасани Мироб дар таърихи зиёда аз дуасраи Осиёи Миёна, ватани қадимаи ориёиҳо, падидае ҳисоб мешавад, ки барои рушду камолоти он сарф гашта буд. Дар замони худ алломаи қобусназару фурӯтани хизматнигор ба ҳисоб мерафт. Ӯро мардум ҳамчун муҳандиси нотакрори соҳаи обёрӣ, ҳакими мушфиқу меҳрубон, донишманди бузурги ҳикматҳои ориёӣ, исавию масеҳӣ, ҳиндуию буддоӣ, кашмирӣ ва исломӣ мешинохтанд. Ӯ ҳаёти худро ба касби обёрии Замин ба он хотир сарф намуд, ки касби аҷдодӣ буду шоҳроҳи пешрафти кишоварзӣ гардида буд.

Тибқи маълумоти таърихӣ, барои обёрии заминҳои доманакӯҳ кушодани коррезҳо аз камари харсангҳо ҳанӯз аз ҷониби шоҳи Пешдодӣ Ҳушанг (тахминан дар ҳазораҳои V-1V п. аз м.) оғоз ёфта буд. Дар асрҳои 1-V м. дар замони шоҳони Кушонӣ бо шарофияти афзалият пайдо кардани олоти меҳнатии филизӣ: бел, каланд, зоғнул, досу болғаҳо ва дар нӯги омоҷ ҳамроҳ кардани бели филизӣ, ин пеша аз ҷониби кишоварзон боз ҳам ривоҷ дода шуду дар биёбонҳои беоб барои истифодаи обҳои зеризаминӣ низ мавриди кор қарор гирифт. Бо истифода аз ин таҷрибаҳо касби пешакардаи Ҳасан барои ҳаёти мардуми Бухоро ниҳоят аҳамияти калон пайдо кард. Бисёр мардуми бодиянишинро муқимӣ гардонд, мардуми кӯҳии безаминро заминдор сохт ва қувваҳои истеҳсолкунандаро афзун кард. Чуноне ки 2-2,5 миллион аҳолие, ки дар ибтидои асри Х1Х дар аморат зиндагӣ мекарданд, 40%-ро одамони нав муқимгашта ташкил медодагӣ шуданд [5, 103-104].

Пешбурди кишоварзиро бо усулҳои маъмули киштгардон; таъмин бо ғизоҳои иловагӣ (порӯ) додан; дар зимистон яхоб мондан; такмили олоти меҳнатӣ ва истифода аз олоти замонавӣ: омоч, мола, сихмола, якҷоя бо қувваҳои кории ҳайвонот - хар, асп, гов ва уштур таъмин месохтанд. Мардуми меҳнатӣ бо ин санъатҳо талаботи зиндагии худро бо тамоми анвоҳои ғалла, меваҷот, полезӣ, маҳсулоти чорвогӣ таъмин мекарданд ва бозорҳои сершумор доштанд. Ин бозорҳо доимо моломоли маҳсулоти истеҳсолкардаи деҳқонон: 17 навъи харбуза, 32 намуди меваҷот: ангур, себ, нок, тут, чормағз, олу, зардолу шафтолу, бодом, писта, гелос, лиму, афлесун, анҷир, олуча ва амсоли инҳо буданд [10, 195-197].

Вале ҳукуматҳои подшоҳию шӯравии Россия, бо вуҷуди ворид сохтани пешравиҳои назаррас дар таърихи музофот, ба хотири ба даст овардани ашёи хоми арзону фаровон ба қувваҳои истеҳсолкунандаи он зарбаҳои фоҳиш ворид сохтанд. Дар замин зироати пахта яккаҳукмрон шуд, деҳқонҳои асили таҷрибанок аз замин маҳрум шуданд. Риояи расмии пешрафти мутаносибонаи зироатҳо, обёрӣ, зотҳои чорво ва ғайра аз миён рафт. Парвариши бисёр зироатҳо, растаниҳо ва зотҳои нодири чорво қатъ гаштанд. Заминҳои барои истеҳсоли пахта ҷудошуда, ки зиёда аз 40% беҳтарин майдонҳои зироатиро ташкил медоданд, дар натиҷаи истифодаи бе меъёри об, нуриҳои кимиёвӣ, бе киштгардон ба ботлоқу шӯразор ва оҳакзор табдил ёфтанд. Дар натиҷа кишваре, ки табиаташ қудрати тамоми неъматҳои моддиро ато кардан дорад, ба касодии озуқавӣ рӯ ба рӯ гашт.

**Адабиёт**

1. Абдураимов М.А. Вопросы феодального землевладения и феодальной ренты в письмах Эмира Хайдара: монография / М.А. Абдураимов. – Ташкент, 1961. - 160 с.

2. Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»: монография / С. Айнӣ. – Душанбе, 1956. - 170 с.

3. Айни С. Воспоминания. / С. Айнӣ. - М., 1960. -300 с.

4. Аҳмади Дониш Рисола ё мухтасаре аз таърихи хонадони Манғития. / А.Дониш. - Душанбе: Сарват, 1992. - 95 с.

5. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав, 1, 2. Монография / Б. Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1998. қисми 2. - 412 с.

6. Литвинский Б. А., История таджикского народа: монография / Б. А. Литвинский, А.Мухторов. - Душанбе: Маориф, 1992. - 176 с.

7. Мукминова Р.Г. К истории аграрных отношений в Узбекистане XVI в. По материалам «Вакф-номе»: монография/ Р.Г. Мукминова. – Ташкент: 1966. - 170 с.

8. Сардоров М.Н. Таърихи маданияти аҷдодии кишоварзии тоҷик. / М.Н. Сардоров, А.Ҳақназаров – Душанбе: 2004. - 198 с.

9. Фитрат А. Давраи ҳукмронии Амир Олимхон. / А.Фитрат. –Душанбе, 1991. - 60 с.

10. Шукуров М.Р. Таърихи халқи тоҷик. қ.1.Монография / М.Р.Шукуров, А.З. Раҳматуллоев. –Душанбе, 1975. - 275 с.

**УДК. 323. 297**

# ИНКИШОФИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ОМОДАСОЗИИ МУТАХАССИСОНИ КАСБӢ (ДАР СОЛҲОИ 70-УМИ АСРИ XX)

***Муллоҷонов Асадулло Кучакович*** *– номзади илми таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ. Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимова 64/14, бинои 4 Телефон: 93 412 60 00. E-mail: asadullo1976@mail.ru.*

***Имомзода Муҳаммадхолид*** *- магистри соли 2, ихтисоси таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.*

*Дар мақолаи мазкур баъзе ҷанбаҳои таърихи инкишофи низоми маориф дар Тоҷикистони Шӯравӣ ва нақши он дар омодасозии мутахассисони касбӣ дар солҳои 70-уми асри XX баррасӣ гардидааст. Дар мақола шумораи макотиби олӣ, миёна, миёнаи махсус дар солҳои 60-80-ум дар ҶШС Тоҷикистон нишон дода шудааст. Инчунин, дар мақола хусусияти хоси идеологии макотиби олӣ дар давраи мазкур қайд гардидааст.*

*Таваҷҷуҳи асосӣ ба масъалаҳои рушду нумуи низоми маориф дар Тоҷикистон дода шуда, масъалаи тайёр намудани омӯзгорон, ташкили заминаи моддӣ ва техникии системаи маориф, нашри китоби дарсӣ ва ғайраҳо таҳлил шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *системаи маориф, инқилоби маданӣ, рушди илм, нашри китобҳои дарсӣ, сифати таълим, мутахассисони соҳибкасб, ташкили заминаи моддӣ-техникӣ, маблаггузорӣ, барқароршавии илми тоҷик, инкишофи маориф.*

# РАЗВИТИЕ ОБРАЗОВАНИЯ СОВЕТСКОГО ТАДЖИКИСТАНА И ЕГО РОЛЬ В ПОДГОТОВКЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ СПЕЦИАЛИСТОВ (В 70-ЫЕ ГОДЫ XX ВЕКА)

***Муллоджанов Асадулло Кучакович*** *- кандидат наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин ТГФЭУ. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14, 4-й корпус Телефон: 93 412 60 00 E-mail: asadullo1976@mail.ru.*

***Имомзода Мухаммадхолид*** *- магистр второго года исторической специальности Таджикского государственного университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.*

*В данной статье рассматриваются некоторые аспекты истории системы образования в период Советского Таджикистана в период 70-х годов XX века.*

*Приводится статистика по количеству высших и средних учебных заведений в Таджикской ССР на период 60-х, 80-х г. г. XX века. Дается характеристика идеологической составляющей высшего образования в данный период.*

*Также подчеркиваются вопросы развития системы образованиа в Таджикистане в подготовке учителей, строительство материальной базы технической системы образования, порядок опубликования учебных книг и др.*

***Ключевые слова**: система образования, культурная революция, публикация учебных книг, качество обучения, квалифицированные кадры, строительство материальной базы, финансирование, становление таджикской науки, развитие образования.*

## DEVELOPMENT EDUCATION OF SOVIET TAJIKISTAN AND HIS ROLE IN TRAINING OF PROFESSIONAL EXPERTS (IN THE 70TH YEARS OF THE XX CENTURY)

***Mullojanov Asadullo Kuchakovich** - Candidate of Sciences, Associate Professor of the Department of Humanities of TGFEU. Address: Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14, 4th Corps Phone: 93 412 60 00 E-mail: asadullo1976@mail.ru*

***Imomzoda Muhammadkholid**, master of the second year of historical specialties of the Tajik State University Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.*

*This article discusses some aspects of the history of the education system in the Soviet period of the 1970s during the 20th century.*

*The statistics on the number of higher and secondary educational institutions in the Tajik USSR for the period of the 60s - 80s of the 20th century is given. The characteristic of the ideological component of higher education in this period is given.*

*It also emphasizes the development of the education system in Tajikistan, the training of teachers, the construction of the material base of the technical education system, the procedure for publishing educational books, etc.*

***Key words:** educational system, cultural revolution, publication of educational books, quality of education, qualified personnel, construction of material resources, financing, development of Tajik science, development of education.*

Таърихи инкишофи низоми маориф дар Тоҷикистони Шӯравӣ аз аввал то охири мавҷудияти давлати Шӯравӣ диққати бисёр олимони соҳаи таърихро бо худ ҷалб намуда буд. Ин масъала дар асари як қатор олимон, аз қабили М. Эркаев, И. Обидов, профессорон М. Шукуров, Ш. М. Султонов ва ғайраҳо инъикос ёфтааст. Дар асарҳои олимони номбаршуда масъалаҳои рушду нумуи низоми маориф дар Тоҷикистон, тайёр намудани ҳайати сершумори омӯзгорон, сохтмони базаи моддӣ ва техникаи системаи маориф, тартиб додан, нашри китоби дарсӣ ва ғайраҳо хеле хуб таҳлил шуданд.

Бо мақсади инкишофи соҳаи маориф аз аввали солҳои 60-ум сар карда барои сохтани биноҳои таълимии мактабҳо диққати махсус дода шуд. Дар натиҷа, дар солҳои 70-80-ум дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиёда аз 1,7 ҳазор мактаби нав сохта ба истифода дода шуданд. Дар Тоҷикистон аз соли 1971 сар карда шумораи мактабҳои ибтидоиро хеле зиёд намуданд. То соли 1985 шумораи мактабҳои таълимии умумӣ ба 2761 адад расид (аз онҳо 1508 мактаби маълумоти миёна, 649 мактаби 8-сола, 594 мактаби ибтидоӣ), ки дар онҳо 1131,5 ҳазор нафар мактаббачагон таълим мегирифтанд, мавҷуд буд. Аз ин рақамҳо низ маълум мегардад, ки дар ин давр ҳиссаи мактабҳои маълумоти миёна хеле зиёд гардида, ҳиссаи мактабҳои ибтидоӣ кам шудааст. Қариб 80%-и ин мактабҳо дар ҳудуди деҳот ҷойгир буданд.

Бо сабаби он ки ба масъалаи тарбияи ҷавонон диққати махсус дода мешуд, бинобар ин, дар баробари мактабҳои умумӣ шумораи макотиби олӣ низ меафзуд. Дар давраи номбурда он 5 мактаби олие, ки пештар бунёд гардида буданд, ба монанди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллӣ), донишкадаҳои омӯзгории Душанбе ва Хуҷанд,

донишкадаҳои аграрӣ ва тиббии Тоҷикистон (ҳоло ҳамаи онҳо ба донишгоҳ табдил ёфтаанд) боз панҷ донишкадаҳои нав илова гардиданд. Яъне, соли 1956 - Донишкадаи политехникӣ (ҳоло Донишгоҳи техникӣ) таъсис ёфт, соли 1962 - Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб аз нав ба кор шурӯъ намуд, соли 1971 - Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонӣ, соли 1973 - Донишкадаи давлатии санъат (Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон) ва соли 1980 - Донишкадаи давлатии омӯзгории забон ва адабиёти рус (ҳоло Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон) бунёд гардиданд. Ба ғайр аз инҳо, шуъбаи Донишкадаи политехникӣ дар шаҳри Хуҷанд ва шуъбаи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе дар шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳозира шаҳри Бохтар) кушода шуда буд. Яъне, шумораи умумии мактабҳои олии Тоҷикистон, ғайр аз шуъбаҳо ба 10 адад расид. Ин ҳама имконият дод, ки шумораи донишҷӯёни мактабҳои олии ҷумҳурӣ хеле зиёд гардад. Чунончи, агар соли таҳсили 1960/61 шумораи онҳо 20 ҳазор нафарро ташкил намояд, пас соли таҳсили 1984/85 ба 58,8 ҳазор нафар расид, яъне 2,9 баробар афзуд. Дар ҳамин давра шумораи таълимгоҳҳои миёнаи махсус ҳам аз 22 адад ба 39 адад расид. Ин ҳама имконият дод, ки шумораи донишҷӯёни мактабҳои олии ҷумҳурӣ хеле зиёд гардад.

Агар соли 1964 дар Тоҷикистон аз рӯи 102 ихтисос мутахассис тайёр карда бошанд, пас он соли 1985 ба 200 ихтисос расид. Инчунин, соли 1985 аз Тоҷикистон дар мактабҳои олии шаҳрҳои Москва, Ленинград, Тошкент, Киев, Новосибирск, Воронеж ва ғайраҳо зиёда аз 3 ҳазор нафар донишҷӯён таълим мегирифтанд. Ҳиссаи духтарон дар ҳайати донишҷӯён соли таҳсили 1960/61 - 29,6% буд ва он соли таҳсили 1984/85 ба 39% расид. Мувофиқи қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 22 октябри соли 1969 дар назди мактабҳои олӣ шуъбаҳои тайёрӣ ташкил карда шуданд.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини инқилоби мадании даврони Шӯравӣ таваҷҷуҳ ба маориф ва рушду нумуи он буда, барои ин соҳаи воқеан муҳим аҳамияти аввалиндараҷа дода мешуд. Бо дастгирии пайвастаи давлат дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин соҳаи маориф нисбат ба дигар соҳаҳо пеш рафта буд. Масалан, дар Ҷумҳурии сотсиалистии Тоҷикистон сатҳи саводноки аҳолии калонсол аз 27%-и соли 1925 ба 65% - и соли 1937 бардошта шуд [12, 12].

Бояд қайд намуд, ки беҳтар гардидани  сифати кори маорифи халқ бештар аз заминаи моддӣ-техникии боғчаҳои бачагона, мактаби миёна, махсус ва олӣ вобастагӣ дошт. Мукаммалёбии доимии заминаи моддӣ-техникии макотиби ҷумҳурӣ барои баланд бардоштани сифати таълим ва омода намудани мутахассисони соҳибкасб аҳамияти калон дошта, ҳамвора ба ин соҳа диққати ҷиддӣ дода мешуд.

Ба базаи моддӣ-техникӣ чуноне ки маълум аст, пеш аз ҳама, воситаю материалҳо, хазинаи маблағгузорӣ, бинои мактабҳои миёна ва дигар муассисаҳои таълимӣ, ки дар онҳо бевосита ҷараёни таълиму тарбия сурат мегирад, шомил мебошанд. Ба қатори базаи моддӣ-техникӣ, инчунин хизматрасонии ёрирасон, хобгоҳҳои донишҷӯёни муҳассилини интернатҳо, таҷҳизоти таълимию илмӣ, воситаи нақлиёт ва ғайра, ки дар раванди таълим истифода мешаванд, шомил мебошанд [11, 60].

Дар солҳои 70-ум дар натиҷаи ба миён омадани шароити мусоид шумораи мактабҳо дар Тоҷикистон зиёд шуда, базаи моддӣ-техникии онҳо низ беҳтар гардид. Дар баробари ин, сафи мутахассисони дорои

маълумоти олӣ низ зиёд гардид. Умуман, маълумоти ҳатмии миёна водор намуд, ки талаботи нав дар фаъолияти омӯзгорон ва муҳассилини мактабҳо ба миён гузошта шавад.

Дар баланд бардоштани базаи моддӣ-техникии мактабҳо нақши асосиро маблағгузорӣ ташкил менамояд. Дар панҷсолаи нуҳум, яъне солҳои 1971-1975 базаи моддӣ-техникии мактабҳои Тоҷикистон хеле хуб гардонида шуда буд. Аз ҳисоби сармояи давлатӣ дар ин давра мактабҳои иловагӣ барои 108 ҷойи хонанда сохта шудаанд [5, 31]. Агар соли 1965 дар ҷумҳурӣ 492 мактаби миёнаи умумии рӯзона мавҷуд буданд, пас соли 1970 шумораи онҳо ба 902 ва 1972 бошад, ба 940-то расонда шуд, ки дар онҳо 57% таълимгирандагон таҳсил мекарданд [2, 61].

Тибқи маълумоти М. Шукуров дар охири панҷсолаи 11 бошад, ин гуна мактабҳо дар Тоҷикистон 80% аз шумораи умумии мактабҳоро ташкил медоданд [12, 32].

Яке аз вазифаҳои асосии ин давра таъмин намудани мактабҳо бо таҷҳизоти муосир, воситаҳои техникии аёнӣ ва таҷҳизоти дигар аз қабили мизу курсӣ ва ғайра иборат буд. Махсусан, дар мактабҳои деҳот ҳоло ҳам дар ин масъала камбудӣ ба назар мерасид. Барои ҳамин маблағгузории буҷа ба соҳаи маориф зиёд гардида, он соли 1970 29,2%.-ро ташкил медод [12, 40].

Дар соли 1972 56 %, 1975 77% ва соли 1979 бошад, 86% хонандагон маълумоти миёнаи пурраро гирифтанд, ки ин худ аз рушди маорифи Тоҷикистон дарак медод [7, 61]. Дар баробари мустаҳкам гардидани базаи моддӣ-техникии мактабҳои миёна дар мактабҳои олӣ низ тайёр намудани мутахассисони касбӣ беҳтар гардид. Дар баробари ин, мақом ва ҷойгоҳи муассисаҳои педагогии маълумоти нопураи олӣ низ дар ин давра мустаҳкам гардида, маблағгузорӣ низ дар ин самт зиёд карда шуд.

Умуман, дар солҳои 70-ум дар ҷумҳурӣ ҳашт омӯзишгоҳи педагогӣ амал мекарданд, ки онҳо асосан мутахассисонро барои муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ тайёр мекарданд. Инҳо омӯзишгоҳҳои шаҳри Кӯлоб, Ғарм (ҳозира Рашт), Панҷакент, Бохтар (собиқ Қӯрғонтеппа), Хуҷанд (собиқ Ленинобод), Конибодом, Ҳисор ва Душанбе буданд. Ҳар муассисаи миёнаи педагогӣ аз ҷиҳати моддӣ-техникӣ пурра таъминоти хуб доштанд. Онҳо дар назди худ лаборатория дошта, бо таҷҳизоти замонавӣ, асбобҳои таълимӣ, мошинаҳои электронии ҳисоббарор, китобхонаҳо, ошхонаҳо, хобгоҳ ва нуқтаи тиббӣ таъмин буданд.

Барои тақвияти фикри худ як мисол овардан кифоя аст: омӯзишгоҳи педагогии Ҳисор, ки соли 1963 таъсис ёфта буд, дар соли 1974 дар назди худ се лаборатория, китобхонаи дорои 16 ҳазор нусха китоб, 11 кабинети таълимӣ, ду бинои хобгоҳ, як нуқтаи тиббӣ ва ду ошхона дошт [11, 45].

Инчунин, барои омӯзишгоҳи ноҳияи Конибодом низ соли 1975 бинои нав сохта шуд, ки он дорои 28 синфхона, хобгоҳ, ошхонаи алоҳида барои 120 ҷойи нишаст, лабораторияҳо, устохона, толори варзишӣ буд [11, 27].

Дар ибтидои солҳои 70-ум бо сифати баланд бинои таълимӣ ва хобгоҳи омӯзишгоҳи Кӯлоб низ аз таъмир бароварда шуд. Дар омӯзишгоҳи мазкур кабинетҳои таълимӣ аз фанҳои физика, математика, химия, биология, санъати тасвирӣ, ҷамъиятшиносӣ, педагогика, забон ва

адабиёти модарӣ, забони русӣ амал мекарданд, ки онҳо бо маводи таълимӣ таъмин ва бо асбобҳои техникӣ ҷиҳозонида шуда буданд. Дар китобхонаи омӯзишгоҳи мазкур 10 нусха китоб маҳфуз буд, ки дар хизмати устодон ва донишҷӯён қарор доштанд. Ба монанди ин, омӯзишгоҳи Ғарм низ дорои кабинетҳои ҷиҳозонида, китобхона бо қироатхонааш буда, аммо дар ин омӯзишгоҳ китобҳо ба қадри кофӣ дастрас набуданд. Муассисаҳои миёнаи касбӣ, ки дар баробари макотиби олӣ ба тайёр намудани мутахассисони соҳаи маориф машғул буданд, дар соли 1971 маоши миёнаи кормандони он 91 сӯмро ташкил медод [9, 33 ]. Ғайр аз маоши таъингардида, он замон барои омӯзгорон аз ҳисоби фанҳои ҷамъиятӣ ба намуди пардохти суғуртаи иҷтимоӣ, нафақа, ёрдампулиҳо дода шуда, барои донишҷӯён бошад, идрорпулӣ, таълими бепул ва ёрии тиббии ройгон таъмин буд.

Қобили қайд аст, ки устодони мактабҳои олӣ дар инкишофи илми ҷумҳурӣ низ ҳиссагузор мебошанд. Зеро онҳо низ дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ бо корҳои илмӣ машғул буданд. Якҷоя бо кормандони академия, соли 1985 шумораи умумии кормандони илмӣ дар ҷумҳурӣ ба 8452 нафар расида буданд, ки 229 нафарашон докторон ва 3074 нафарашон номзадҳои илм ба ҳисоб мерафтанд. Ҳамаи онҳо якҷоя барои пешрафти соҳаҳои гуногуни илм ҳиссаи босазо гузоштаанд.

Дар ташаккулу инкишофи маориф ва илми тоҷик олимони машҳур, аз қабили таърихшиносон Б.Ғ. Ғафуров, А.А. Семёнов, А.Ю. Якубовский, З.Ш. Раҷабов, Б.И. Искандаров; шарқшиносон С. Айнӣ, Е.Э. Бертелс, А. Мирзоев; файласуфон А.М. Баҳоваддинов, М.С. Осимӣ, М.Д. Диноршоев; зоолог ва паразитолог Е.Н. Павловский; хокшинос И.Н. Антипов-Каратаев; селексионерҳо В.П. Красичков, Б. Сангинов; ҳуқуқшинос С.А. Раҷабов; геологҳо С. Юсупова, Б. Баротов; физикҳо С.У. Умаров, А.А. Адҳамов; риёзиёт А.Ҷ. Ҷӯраев; зилзиласанҷӣ С.Ҳ. Неъматуллоев; тиб К.Т. Тоҷиев, Ҳ.Х. Мансуров, Ю.Б. Исоқӣ, М.Ғ. Ғуломов ва дигарон ҳиссаи босазо гузоштанд.

Аз тарафи олимон асарҳои зиёди илмӣ офарида шуданд. Маҳз дар ҳамин давра асари машҳури Б. Ғафуров «Тоҷикон» (нашри аввали русӣ, соли 1972) дастраси хонандагони сершумор гардид. Ин асар бори дигар тоҷиконро ҳамчун халқи қадима ва фарҳанги бойдошта, аз нуқтаи назари илмӣ исбот намуд ва ба забонҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума шуд. Ба ғайр аз ин, таърихшиносон асари бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик»-ро иборат аз 3 ҷилд, 5 китоб нашр намуданд. Забоншиносон асари дуҷилдаи «Фарҳанги забони тоҷик»-ро омода ва нашр карданд. Адабиётшиносон иборат аз ду ҷилд «Очеркҳои таърихи адабиёти советии тоҷик»-ро дастраси хонандагон намуданд. Умуман, чунин дастовардҳо ба ҳамаи соҳаҳои илми ҷумҳурӣ хос аст.

Дар маҷмӯъ, маорифи замони Шӯравӣ яке аз қавитарин маорифҳои ҷаҳон ба шумор рафта, тамоми зинаҳои таҳсилот бо мақсад ва назорату таъминоти моддию техникии он дар сатҳи баланд қарор дошт. Тавре дар боло зикр намудем, тамоми мактабҳои миёна, миёнаи махсус ва донишгоҳу донишкадаҳои замони Шӯравӣ вобаста ба соҳаҳои худ ба тамоми шароит ва кадрҳои баландихтисос таъмин буда, баъди хатми ин муассисаҳо ҳар нафар метавонист барои идомаи таҳсил ва ё фаъолияти корӣ бо ихтисоси гирифтааш соҳиби ҷойи кор гардад. Имрӯз мо дар замони Истиқлолият бо вуҷуди дастовардҳои зиёд ва таваҷҷуҳи хоси

Ҳукумати кишварамон ба соҳаи маорифи замони Шӯравӣ бо назари нек менигарем ва тамоми заминаи соҳаи маорифамонро мероси ҳамон замон медонем.

**Адабиёт**


1.Абдуллаев С. Профессорско-преподавательский корпус высшей школы Таджикистана. Монография / С. Абдуллаев. –Худжанд, 1994. - 200 с.

2.Абдуллоев С. Высшая школа Таджикистана (1931-1991г. г.): автореферат. докт. ист. наук. / С. Абдуллаев. –Душанбе, 1996. -50 с.

3. Иркаев М.И. Расцвет народного образования в Советском Таджикистане. Монография/ М.И. и др. –Душанбе, 1987. -260с.

4. История таджикского народа. - Том VI. – Душанбе, 2011. - 800 с.

5. Каримов М.Б. Развитие народного образования в районах республиканского подчинения Таджикистана (1960-1980 гг.). Монография / М. Б. Каримов. -Душанбе, 1990.-300 с.

6. Каримов С. Н., Храм знаний. К 60-летию Худжандского государственного университета/ С. Н. Каримов, Г.Х. Хайдаров. – Худжанд, 1992. -75с.

7. Коммунистическая партия Таджикистана в условиях развитого социалистического общества. Монография. - Душанбе, 1974. - 422 с.

8. Одинаев В. Ҳисори шодмон. Монография. / В. Одинаев. – Душанбе, 1992. - 230 с.

9. Фозилова М. Подготовка женских педагогических кадров в Таджикистане (1971-1991г.г.). Диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук по специальности 07.00.02. - Отечественная история. / М. Фозилова. – Душанбе, 2011. - 160 с.

10. Шукуров М. Культурная жизнь Таджикистана в период развитого социализма. Монография. / М. Шукуров. –Душанбе, 1980 - 280 с.



**УДК 342.7**


# ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТИ ҲАХОМАНИШИҲО


***Расулов Фотеҳ Мирқозиевич*** *– номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 933162280. E-mail: foteh83@mail.ru.*

***Элмуродов Чеҳрон Зарифович*** *– ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 928600804. E-mail: zarifzod94@mail.ru.*



*Дар мақола таърихи пайдоиш ва рушди фаъолияти молиявӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун ниҳоди давлатдории тоисломии тоҷикон дар аҳди Ҳахоманишиҳо таҳлил гардидааст. Дар заминаи таҳқиқот муаллифон ба хулосае омадаанд, ки дар аҳди Ҳахоманишиҳо, махсусан пас аз ислоҳоти Дорои Бузург сохтору мақомоти махсуси молиявӣ ташкил гардида, низоми молиявии марказию маҳаллӣ ва соҳавӣ мавҷуд буд. Дар идоракунӣ Ҳахоманишиҳо аллакай сохтори мақомотҳо ва шахсони мансабдори ҳокимияти давлатиро таъсис намуданд, ки ба ҷамъоварӣ ва омилони андоз, хазинаи маҳаллӣ, даромад ва хароҷоти ҳокимони маҳаллӣ ва ҳарбӣ назорати молиявӣ мебурданд. Шахсони мансабдор ва мақомотҳои номбурда инчунин шикоятҳоро баррасӣ мекарданд, тафтишу санҷишро ба роҳ монда, вайронкунандагони муносибатҳои андозбандиро ба ҷавобгарӣ ҷалб менамуданд.*



***Калидвожаҳо:*** *ниҳоди назорати молиявӣ, омор, дабир, шоҳомордабир, ганҷомордабир, эрономоргар, кодоҳомордабир, охурҳоморкор, шаҳроморкор, дароморкор, сатрап, дорик.*


## ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ФИНАНСОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ГОСУДАРСТВА АХЕМАНИДОВ

***Расулов Фотех Миркозиевич*** – *кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 933162280. E-mail: foteh83@mail.ru.*

***Элмуродов Чехрон Зарифович*** – *ассистент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 928600804. E-mail: zarifzod94@mail.ru.*

*В статье проведено историко-правовое исследование становления и развития финансово-правовых основ финансовой деятельности государства Ахеманидов. На основе исследования авторы приходят к выводу, что во времена правления Ахеманидов, особенно после реформы Дария Великого образовались специальные финансовые структуры и ведомства, существовали центральные, местные и отраслевые финансовые системы. В правление Ахеманидов уже начали создаваться схемы и структура органов и должностных лиц государственной власти, которые вели финансовый контроль за сбором и сборщиками налогов, за местными казначеями, за доходами и расходами военных, местных правителей. Указанные должностные лица и органы также рассматривали жалобы, вели расследование и привлекали виновных за нарушения налогово-правовых отношений к ответственности.*

***Ключевые слова:*** *институт финансового контроля, статистика (омор), дабир, шохомордабир, ганджомордабир, эрономоргар, кодохомордабир, охурхоморкор, шахроморкор, дароморкор, сатрап, дорик.*

## LEGAL BASIS OF FINANCIAL ACTIVITY OF THE STATE OF AHEMANIDS

***Rasulov Foteh Mirkozievich*** – *candidate of low Sciences,* Assistant professor of the department of economy, finance and anti-corruption law *of the Tajik state financial and economic University. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov 64/14. Phone: (+992) 933162280. E-mail: foteh83@mail.ru.*

***Elmurodov Chehron Zarifovich*** – Assistant of the department of economy, finance *and anti-corruption law of the Tajik state financial and economic University. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov 64/14. Phone: (+992) 928600804. E-mail: zarifzod94@mail.ru.*

*The article contains a historical and legal study of the formation and development of the financial and legal foundations of the financial activities of the Ahemanid state. Based on the study, the authors conclude that during the reign of the Ahemanids, especially after the reform of Darius the Great, special financial structures and departments were formed, and there were central, local and sectoral financial systems. During the rule of the Ahemanids, the schemes and structure of state bodies and officials began to be created, which exercised financial control over the collection and tax collectors, the local treasurers, the income and expenses of the military, local rulers. The said officials and bodies also considered complaints, conducted an investigation and brought those responsible for violations of tax and legal relations to responsibility.*

***Keywords:*** *institute of financial control, statistics (omor), dabir, shokhomordabir, ganjomordabir, eronomorgar, kodokhomordabir, okhurkhomorkor, shahromorcore, daromorcore, satrap, doric.*

Фаъолияти молиявӣ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ, чун дар дигар манотиқи ҷаҳон, баробари пайдоиш ва рушди давлату муносибатҳои давлатӣ, гузариш ба тарзи ҳаёти кишоварзӣ ва инкишофи заминдорӣ пайдо шуда, минбаъд ташаккул ёфтааст.

Таъсиси мақомоти махсуси идоракунии марбут ба муносиботи молиявӣ, ҳанӯз ба замони пайдоиши давлатҳои қадим мансуб аст. Аз ин рӯ, ҳақ ба ҷониби муҳаққиқонест, ки таърихи қадима доштани идораҳои молиявиро тасдиқ менамоянд. Манбаъҳо оид ба мавҷудияти ду девони молиявӣ – девони боҷ ва девони хазина дар сарзамини қадимаи тоҷикон ҳанӯз дар замони Каёниён – нахустин ташкилаи давлатӣ (дар давраи ҳукмронии шоҳаншоҳ Гуштосп) хабар медиҳанд [13, 83]. Вале фаъолияти

молиявии рушдёфта дар замони худ дар ҳудуди Осиёи Марказии имрӯза дар асрҳои VI – IV то милод бо пайдоиши давлати Ҳахоманишиҳо ба миён омадааст. Давлати Ҳахоманишӣ ба асоси таълимоти ойини зардуштӣ бунёд ёфта буд, адолатхоҳӣ ва раиятпарварӣ аз фазилатҳои муҳим ва барҷастаи он ба шумор мерафтанд. Побандӣ ва ихлосмандӣ ба таълимоти зардуштӣ Ҳахоманишиҳоро ба корнамоиҳои арзишманде дар соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳидоят ва роҳнамоӣ карда буд [8, 47-48]. Ин ҷо, бояд дар назар дошт, ки мазмуни истилоҳи «адолат» нисбӣ буда, дар раванди таърих он хеле тағйир хӯрдааст. Чунончи, моҳияти «адолат» дар замони мо аз он мазмуне, ки дар Эрони бостон дошт, албатта, фарқ мекунад. Бинобар ин, «адолат»-е, ки дар нақлу ривоёт ва ҳуҷҷатҳои таърихӣ ёд мешавад, хоси ин ё он замон мебошад. Асосгузори давлати Ҳахоманишиҳо Куруши Кабир дар пешгоҳи Худо Аҳурамаздо савганд ёд карда буд, ки дар кӯҳи Бесутун нигошта шудааст: «…Ман ва хонаводаам мутобиқи ростӣ ва дурустӣ ҳукумат кардем, ростиро дӯст доштаам ва аз неростӣ парҳез кардаам. Иродаи ман буд, ки ҳеҷ беадолатӣ ба бевазане ва ятиме нашавад…» [8, 40]. Ин гуфтаҳо дар фаъолияти молиявии шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо низ принсипҳои роҳбарикунанда дониста мешуд.

Дар аҳди Ҳахоманишиҳо, ки империяи бузурги фарогири ҳудуди калони Шарқ, аз ҷумла Осиёи Марказӣ буд, фаъолияти молиявӣ ва назорати молиявӣ самти муҳими функсияи давлатро ташкил медод. Шоҳаншоҳи Ҳахоманишӣ Дорои Бузург дар баробари ислоҳоти маъмурию ҳарбӣ, ислоҳоти молиявию пулиро ба амал баровард, ки дар натиҷа, ниҳодҳои молиявӣ-ҳуқуқӣ дар давлат рушду такомул ёфтанд. Пас аз ислоҳоти ӯ бо таъсиси девонсолорӣ оид ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти молиявӣ дар Тоҷикистони таърихӣ сухан рондан мумкин аст. Дар ин марҳила ҳалли масоили сиёсӣ ба рушду такомули низоми идоракунӣ фаъолона мусоидат намуд ва баръакс. Бо вусъатёбии ҳудуди давлат зарурати ташаккули тарзи муносибати нав дар идоракунии давлат пурзӯр гардид. Вобаста ба ин бо мақсади таҳкими шоҳаншоҳӣ ислоҳот гузаронида шуд. Таҳкими ҳолати ҷуғрофию маъмурии давлат, ташаккули низоми нави идоракунии ҳудуди паҳновари мамлакат ва рушди худфаъолиятии аҳолӣ ҷорӣ намудани идоракунии молиявии маҳаллиро бо шаклу усулҳои назорати ба онҳо хос тақозо намуд. Шумораи мақомоти алоҳидаи баамалбарорандаи идоракунии вилоятҳои нав ва ҳудудҳои фатҳшуда ва ё ҳамроҳгардида мунтазам афзуданд. Аз ин марҳила шурӯъ карда, дар давлати Ҳахоманишиҳо ташаккули фаъолонаи низоми идоракунии омезишёфтаи идоракунии марказонидашудаи давлат ва маҳалҳо оғоз ёфт. Низоми девонсолории ташаккулёфтаи бар ивази идоракунии шахсию бевоситаи шоҳ бавуҷудомада ба як қатор вазоратҳо функсияи идоракунии молиявиро ҷудо намуд.

Албатта, дар тамоми давраи ҳукмронии Ҳахоманишиҳо дар ба амал баровардани функсияи идоракунии молиявӣ, пеш аз ҳама, шоҳаншоҳ – сарвари давлат мақоми махсусро дошта, ҳокимият ва салоҳиятҳои номаҳдудеро соҳиб буд. Шоҳаншоҳ дар баробари ҳуқуқи қонунгузорӣ, эълони ҷангу сулҳ, муайян намудани сиёсати дохилию берунаи кишвар, ҳуқуқи таъйин кардан ба вазифа ва озод намудан аз он, ҳуқуқи таъйини ҷазо ва авфи онро дошта, инчунин, андозҳоро муқаррар менамуд, сатрапиҳоро аз пардохти молиёт озод мекард ва дар маҷмӯъ фаъолияти молиявӣ таҳти назорату роҳбарии умумии ӯ сурат мегирифт.

Аз шоҳаншоҳии Дориюши Кабир оғоз намуда, дар назди шоҳаншоҳ мақомоти машваратӣ – Шӯрои ҳафтнафара (Шӯрои хирадмандон) таъсис гардид. Ин шӯро мақоми машваратӣ ва додрасӣ дошта, шоҳ барои баррасии масоили муҳими сиёсӣ, аз ҷумла оид ба масоили молиявӣ, назорату ҷамъоварии молиёт низ ба он муроҷиат менамуд. Агар оид ба масъалае шӯро қарор қабул менамуд, бо имзои шоҳаншоҳ он эътибори ҳуқуқӣ пайдо карда, иҷроишаш хусусияти ҳатмӣ-ҳокимиятӣ мегирифт.

Пас аз шоҳаншоҳ мансаби муҳимтарини давлатӣ вазифаи Вазрак Фармодор (Вазир) - раиси тамоми риҷоли дарбор, дабирони давлат ва роҳбари дастаи муҳофизони шоҳ - дастаи даҳҳазорнафара буд. Сиёсати дохилии кишвар, некуаҳволии халқ, масоили додрасӣ ва мазолим, таъмини дастгоҳи давлатӣ ва нафақаю олоту аслиҳаи низомиён, аз ҷумла идораи умумии молияи давлат ва ҷамъоварии молиёт зери назорати вазир анҷом мегирифт [2, 46-47]. Салоҳияти молиявии вазири бузург то ҳамон дараҷа яке аз самтҳои муҳими фаъолияти ӯро ташкил медод, ки дар баъзе сарчашмаҳо Вазрак Фармодор вазири боҷ (ё мумкин аст хазина) ва ёрдамчии ӯ Эрон оморгар номида шудааст [13, 83]. Бояд ёдовар шуд, ки дар асрҳои VI-VII коргузори хоҷагии дарбор ва масъули назорати воридоту содироти давлатро Фрамандор (фармондор) меномиданд [6, 396]. Таҳлили вазифаҳои мансабии вазир баёнгари он аст, ки аллакай Ҳаҳоманишиҳо падида ва ё ниҳоди идоракунии умумиро ҷорӣ намуда буданд. Дар тафовут бо ин, мувофиқи ислоҳоти Дорои Бузург ниҳоди идораи соҳавӣ низ таъсис ва ташаккул дода шуд. Идораи соҳавӣ (девонҳо) аз ҷониби дабирон амалӣ мегардид. Девонҳои махсуси алоҳидае, ки масъули ҳисобу китоб, назорат, инчунин, танзими муносиботи молиявӣ ва ҷамъоварии андозҳо буданд, таъсис гардиданд. Муҳаққиқи эронӣ М. Рашшод ба таври зайл дабирони (вазирони) давлати Ҳахоманишиҳоро номбар карда, дар қавсайн мазмуни имрӯзии онҳоро меорад: шоҳомордабир (вазири доропӣ), ганҷҳомордабир (вазири хизонадорӣ), кодоҳомордабир (вазири муҳосаботи дарбори салтанатӣ), охурҳомордабир (вазири истаблхона), оташҳомор (вазири муҳосаботи оташкадаҳо), равангондабир (вазири авқоф), доддабир (вазири додгустарӣ), эрондабирбад (вазири расоил ва муншаот), артишторонсолор (фармондеҳи кулли сипоҳ), аргбад (қалъабегӣ), гундсолор (раиси фавҷ), биғонсолор (раиси пиёдагон), андарзбадоспваргон (омӯзгорони саворон), сутурпизишк (байтор) [10, 107-108]. Тавре аз ин ҷо маълум мегардад, панҷ дабир, яъне шоҳомордабир (вазири доропӣ), ганҷҳомордабир (вазири хизонадорӣ), кодоҳомордабир (вазири муҳосаботи дарбори салтанатӣ), оташҳомор (вазири муҳосаботи оташкадаҳо), охурҳомордабир (вазири истаблхона) ба масоили хоҷагию молиявӣ, хазинадорию муҳосибот ва назорати молиявӣ ваколатдор будаанд. Агар диққат диҳем, ба назар мерасад, ки дар фарқият аз дигар дабирон дар таркиби ин панҷ калимаи мураккаб истилоҳи «омор» мавҷуд аст ва ин моро водор месозад, ки маънои ин калимаи қадимаи форсию тоҷикиро ин ҷо баррасӣ намоем. Мусаллам аст, ки дар забони имрӯзаи тоҷикӣ «омор» асосан ба маънии «статистика» истифода бурда мешавад. Агар ба маънии таърихии истилоҳи мазкур ба луғатномаҳо муроҷиат намоем, дар онҳо «омор» ба маънии шумор, ҳисоб, ҳисобу китоб [11, 309-310] ва ба маънии ниҳояти талаб ва тафаҳҳус, таҷассус (ҷосусӣ, назорати пинҳонӣ), истиқсо (тадқиқу тафтиш) ва татаббӯъ (таҳқиқу кофтуков) ба назар меояд [3, 60-61]. Ҳатто истилоҳи дабир низ дар баробари маънии котиб ва вазирро доштанаш,

таърихан ба маъноҳои муҳосиб, ҳисобчӣ, ҳисобгир, дафтардори махсуси дарбор, ки ба ҳисобу китоби пул маъмур буд, фаҳмида мешуд. Муаллифи Ғиёсуллуғот низ дарҷ кардааст, ки дар Баҳори Аҷам навишта, ки «дабир» ба маънии муншӣ ва муҳосиб ҳар ду омада [7, 327].

Хоразмӣ низ баъзе аз мансабдорони масъули фаъолияти назоратӣ ва молиявии давлати Ҳахоманишиҳоро дар асараш Мифотеҳулулум номбар карда, ваколати онҳоро шарҳ медиҳад, ки дар таркиби номи онҳо истилоҳи «омор» мавҷуд аст. Чунончи, тибқи иттилои ӯ, «шаҳроморкор» муставфӣ ва раиси ҳисобдории шаҳристонҳо, «охуроморкор» ҳисобдори истабл ва «дароморкор» раиси ҳисобдорӣ ва маъмури дахлу харҷи оидоти дарбор будааст [9, 189]. Дар аҳди Ҳахоманишиҳо, ба қавли Р. Фрай, сатрапҳо монанди ҳукумати марказӣ дарбор ва дастгоҳи идораи худро доштанд [12, 151]. Ба андешаи мо, эҳтимол мансабдороне, ки Хоразмӣ номбар мекунад, мансабдорони дарбору дастгоҳи идории сатрапҳо ва кормандони маҳаллии девонҳои дар боло зикргардида мебошанд.

Муҳаққиқи таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон И.Б. Бӯриев ваколатҳои дабирони Ҳахоманишиҳоро номбар карда, менависад, ки шоҳомордабир асосан масъули омор ва баҳисобгирии дахлу харҷи давлат, даромадҳои давлатӣ, аз ҷумла андоз, таъмини сиёсати давлатӣ бо воситаҳои пулӣ буда, дар ҳалли вазифаҳои худ бо ганҷомордабир (хазинадор) ҳамкорӣ менамуд [2, 47]. Кормандони ин девон, ки тобеи шоҳомордабир буданд, шаҳроморкор ном доштанд. Ганҷомордабир бошад, барои баҳисобгирии даромади буҷет, ҷобаҷогузорӣ ва нигоҳдории онҳо масъул буда, тартиботи муайяни қабули онро дошт. Бояд гуфт, ки охуромордабир ба идораи артиш масъул набуда, фаъолияти молиявию хоҷагии лашкарро назорату идора ва тафтишу ҳисобу китоб мекард, яъне таъминоти моддии ҷанговарон бо хӯрокаю либосу аслиҳа, асп ва ему хошоки онро охуромордабир бар ухда дошта, ба ӯ охуроморкорҳо (ҳисобдорони истабл) тобеъ буданд.

Ба ин монанд оташомордабир низ фаъолияти молиявию хоҷагии оташкадаҳо, маъбадҳо ва умуман, молияю хоҷагии муассисаҳои диниро идораву назорат ва ҳисобу китоб менамуд ва бевосита ба корҳои динӣ масъулу ваколатдор набуд. Гуфтан мумкин аст, ки Ҳахоманишиҳо, на танҳо дар сатрапиҳо бо мақсади пешгирӣ сохтани қудратмандӣ ва марказгурезӣ ҳокимияти ҳарбию гражданӣ ва молиявию додрасиро таҷзия намудаанд, балки дар девонҳои соҳавӣ низ бо ин мақсад фаъолияти молиявию хоҷагиро ба девонҳои алоҳида вогузор сохтаанд.

Ин навъ таҷзияи ваколатҳо дар аҳди Ҳахоманишиҳо хеле иқдоми қатъию пешрафта буда, раванди тафриқасозии соҳаҳои идоракуниро тезонид, ки ба махсусгардӣ ва пешбурди касбии кору фаъолияти идоракунию хидмати давлатӣ, аз ҷумла дар фаъолияти молиявӣ-ҳуқуқӣ оварда расонд.

Ҳахоманишиҳо сулолаи муқарраркунандаи принсипи назорати ҳокимияти маҳаллӣ, эътирофгари функсияи назорат аз болои ҳокимияти маҳаллию шахсони мансабдори маҳаллӣ дониста мешаванд. Тибқи ислоҳоти Дорои Бузург дар бахши ҷамъоварии андозҳо дар сатрапиҳо дар баробари сатрап, мансабдорони махсусе, ки барои ҷамъоварии андоз, баррасии баҳсҳои амволӣ масъул буданд, таъйин гардидаанд. Яъне, дар маҳалҳо баробари шохаҳои гражданӣ, низомӣ ва додрасӣ шохаи ҳокимияти алоҳидаи молиявӣ низ таҷзия карда шуд.

Ин ҷо қобили таваҷҷуҳ аст, ки ҳар як шахси мансабдори аз марказ таъйингардида нисбати дигар мансабдорони ҳамин маҳал функсияи назоратиро соҳиб буданд. Доро бо гузаронидани ислоҳот дар як вақт идоракунии давлатро беҳтар сохт, соҳаҳоро ҷудо намуд, унсурҳои идоракунии соҳавиро дар маҳалҳо низ роҳандозӣ намуд, шароити мавҷудияти боздошт ва мувозинаро муҳайё сохт, ки натиҷаҳои мусбат ба бор оварда, давлату давлатдории мазкурро дар давоми зиёда аз дусад сол таҳким бахшид.

Бояд қайд кард, ки боз як низоми дигари назорат аз ҷониби давлат, аз ҷумла дар соҳаи молия амал мекард. Ин гумоштагони ҳокимияти марказӣ – «чашму гӯш»-ҳои шоҳ буданд, ки дар тамоми гӯшаву канори мамлакат ва давлатҳои ҳамсоя таъйин мегаштанд ва ба ҷамъоварии иттилооти гуногун аз аҳволи мардум то ғункунии андозҳо, аз ҷумла роҷеъ ба фаъолияти молиявии шахсони мансабдор ва олирутбаи маҳалҳо машғул буданд. Иттилоъ дода мешавад, ки вазъият дар шаҳру рустоҳо, дар ҳар як кунҷу канори мамлакат зери назорат қарор дошт, ки ба мансабдорон ва ҳамаи дигар шахсон имкон намедод ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ё халалдорсозии ҳуқуқи мардум машғул шаванд. Сатрап ва ё мансабдоре, ки ба ҷамъоварии андоз масъул буд, наметавонист худсарона ва бенизому беадолатона андоз ситонад, ҳаҷми онро баланд намояд ва ё дар хазинаи худ пинҳонӣ чизе боздорад. Ба андешаи муҳаққиқон, ислоҳоти гузарондашуда зуҳури ҷудоихоҳӣ ва марказгурезиро дар ҳокимони маҳаллӣ бартараф месохт, ки онҳо ҳаматарафа зери назорат қарор доштанд, иттилоот чӣ аз фаъолияти ҳарбӣ ва чӣ молиявии мансабдорони сатрапӣ мунтазам ба дарбори шоҳ расонда мешуд.

Вобаста ба ин, муаррихи шинохтаи франсуз Р. Гиршман менависад, ки шоҳи ҷавон Дорои Бузург ислоҳоти ниҳоят олии низоми кишвардориро ба амал баровард, ки таваҷҷуҳи соири зимомдоронро ба худ ҷалб сохт ва ҳатто, сиёсати кишвардории подшоҳи бузурги асри VIII-уми сарзамини Гал (Фаронсаи кунунӣ) Карлро низ таҳти таъсир қарор дод. Ӯ низ ба иқтибос аз сиёсати Доро аз соли 742 сар карда, солона ҳайати иборат аз бозрасони мухталифро ба нуқтаҳои гуногуни императории худ фиристода, робитаи мустақиме байни сатрапиҳо ва ҳукумати марказӣ барқарор намуд [4, 152].

Ба амал баровардани идораи молиявӣ, низоми дурусти андозбандӣ ва робитаи иқтисодии доимӣ низоми ягонаи пулиро дар саросари кишвар талаб мекард. Дар натиҷа, ислоҳоти пулӣ дар ташкили низоми ягонаи пулӣ, сикказании тангаҳои шакли ягона ва вазни ягона ифода ёфт. Тангаҳои тиллоӣ, нуқрагӣ ва мисӣ сикка зада мешуданд. Воситаи асосии муомилоти пулӣ тангаҳои тиллоии 8,4-грамма ба ҳисоб мерафтанд, ки ба шарафи Дорои Бузург «дорик» номида шуда буданд. Онҳо дар тамоми қаламрави давлати Ҳахоманишиҳо бемамоният ба кор мерафтанд ва рушди устувори иқтисодиётро таъмин намуда, иқтидори молиявиро таҳким бахшиданд [1, 23]. Сикка задани онҳоро танҳо хазинаи марказии давлат ҳуқуқ дошт. Тангаҳои нуқрагиро сатрапҳо ва мисиро бошад ҳар як шаҳр сикка зада метавонист [5, 24]. Ҳаминро ҳам бояд хотирнишон кард, ки халқҳои Осиёи Миёна дар давраи Ҳахоманишиҳо аввалин бор бо пули танга ошно шуданд [6, 116]. Ҳатто баъзе муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки дар ҷаҳон ин нахустин бор буд, ки мубодилот дар асоси тилло ва нуқра қарор гирифт [9, 184]. Муҳаққиқи тоҷик бо иқтибос аз китоби Р. Гиршман, В. Минорский, Р. Саизви (Персия – безсмертное царство. Лондон. 1971. С.

60) иттилоъ медиҳад, ки «таъсиси бонкҳо (албатта, на ба маънои имрӯза – Р.Ф.) ва сурат гирифтани муомилоти молу пулӣ аз тариқи онҳо ба ҳамин давра рост меояд. Бонкҳои хусусӣ ва давлатӣ мавҷуд буд, ки онҳо ба мизоҷони худ вексел-эътиборнома медоданд» [8, 55].

Мувофиқи ислоҳоти дар соҳаи молия ва андозситонӣ ҷоринамудаи Дорои I ҳар як вилоят мебоист андози солонаро бо пул адо кунад. Ғайр аз ин, ба тариқи молиёти ҷинсӣ, яъне маҳсулоти зироатӣ, ё ки ҳунармандӣ андоз мепардохтанд. Илова бар ҳамаи ин, боҷҳои дохилӣ ва андозҳои роҳ низ вуҷуд доштанд.

Албатта, ҳудуди паҳновари давлати Ҳахоманишиҳо ва мавҷудияти андозу пардохтҳо ва лашкаркашиҳои бузург ба Миср, Юнон, Шарқ ва Ғарб талаб мекард, ки барои даромад ва сарвати давлат созмони дурусте ба вуҷуд ояд.

Муҳаққиқи иронӣ Ҷаъфар Маҳдии Ниё менависад, ки ҳазорон лавҳаи гилии пайдошуда дар «Тахти Ҷамшед»-и Ирон оид ба мавҷудияти интизоми молиявӣ, ҳисобу китоби рушдёфта дар ин шоҳаншоҳии қадима шаҳодат медиҳанд. Се ҳазори ин лавҳаҳои гилиро профессор Ҷорҷ Камрон ба шаҳри Чикаго (ИМА) бурдааст ва таҳлилу таҳқиқи онҳо нишон додааст, ки аксарияти онҳо асноди харҷӣ буда, ҳаҷми андозҳои нақдӣ ва ҷинсии андозсупорандагони мушаххас, пешпардохти кори муҳосибонро, ки бояд хазина мепардохт, дар бар мегирифтанд [9, 183].

Ҳаҷми андозҳо барои ҳар як сатрапӣ аз ҷониби шоҳаншоҳ муайян мегардид, ки албатта, сатрапро дар истисмор намудани аҳолӣ ва инчунин, ҷамъоварии сарват, ки метавонист барои марказгурезӣ ва ҷудоихоҳӣ боис гардад, маҳдуд менамуд. Дар аҳди Дорои Бузург ҳаҷми андози ҳар як сатрапӣ аниқ муқаррар гардид, то ки принсипи адолат ва қонуният дар ҷамъоварии молиёт риоя шавад. Ба қавли Геродот, маблағи умумии андози солонаи давлати Ҳахоманишиҳоро 14560 талант (як талант – қариб 30 кг нуқра) нуқраи бобулӣ ташкил намуда [9, 183-188], аз ҷумла қабилаҳои кӯчманчии сокини канораҳои баҳри Каспӣ (сатрапии XI) 200, Бохтар (сатрапии XII) 360, сакоиҳо (сатрапии XV) 250, Хоразм, Суғд ва Порт (сатрапии XVI) 300 талант молиёт медоданд [6, 98]. Тибқи маълумоти муаррихон, ҳаҷми андозҳо дар дафтари «дот» (қонун), дафтарҳои девонӣ ва молиётӣ сабт мешуд [9, 183-188] ва дар ҳар як аз сатрапӣ ва шаҳру деҳаҳо ҳар сол санаде (сурате) мунташир мегардид, то аҳолӣ аз ҳаҷми андозҳое, ки бояд бипардозанд, хабардору огоҳ бошанд ва нафаре ба онҳо зулму ситам нанамояд [10, 102].

Доро чунин низомеро муқаррар намуд, ки зимни он ҳар кас нисбати шахси мансабдори андозситон шикоят карда метавонист, маблағеро ки сатрап барои нигоҳдошти лашкар ва ҳокимияти маҳал ҳуқуқи истифода бурдан дошт, муайян намуд, боқимондааш бояд ба хазинаи давлат супорида мешуд. Бояд қайд намуд, ки хароҷоти андозҳои ҷамъоваришуда чунин сурат мегирифт, нахуст хароҷотҳои маҳаллӣ пардохт мешуданд, аз ҷумла маоши гарнизони маҳаллӣ ва қисмҳои ҳарбӣ, баъдан боқимондааш ба хазина супорида мешуд [9, 188].

Ба ақидаи Соякс, маҳдудиятҳои муқарраршуда ва таъйини мансабдорони махсус, инчунин, ҳаҷми аниқи андозҳо кафолати равнақи минтақа буд, аз он ки сатрап ҳеҷ наметавонист қоидаи муқарраргардидаро вайрон кунад, ӯ масъул буд роҳу муросилотро дар ҳолати истифода нигоҳ дорад, инчунин, тартиботи ҳуқуқӣ ва амнияти аҳолиро таъмин созад,

дигар ин ки тибқи тартиботи мазкур подшоҳ низ наметавонист аз сатрапҳо маблағу молиёти иловагию фавқулода талаб намояд [9, 187].

Бо вуҷуди он ки дар саросари кишвар қонуни ягона қабул шуда амал мекард, албатта, давлати Ҳахоманишиҳо дар қиёс бо имрӯз хусусияти истибдодӣ дошта, ҳокимияти шоҳ мутлақу номаҳдуд буд. Дар самти фаъолияти молиявию назоратӣ низ ин баръало ба назар мерасид. Масалан, дар асоси меъёрҳои одатӣ подшоҳ ҳар гоҳ ба яке аз атрофиёни худ изҳори лутфе мехост бикунад ё хизматҳои ӯро подош диҳад, ҳукумати яке аз ин сатрапиро, ки дар суратҳои молиётӣ дарҷ буд, медод. Ҳатто метавонист ӯро аз пардохти андозҳо озод намояд. Чунон ки Доро бо Зопир, ки шӯриши Бобилро фурӯ нишонд, ба ҳамин тартиб рафтор кард, яъне фармонравоии Бобилро якумра ба ӯ супурд ва ӯро аз пардохти молиёт озод кард ва тухфаҳо низ тақдим намуд.

Ҳамин тавр, дар аҳди Ҳахоманишиҳо аллакай тарҳу сохтори мақомотҳои ҳокимияти давлатии умумию соҳавие, ки функсияи идоракуниву назорати молиявиро нисбати ҷамъоварони андоз, хазинаҳои маҳаллӣ, дахлу харҷи ҳокимони маҳаллӣ, ҳарбиён ва маъбадҳо ба амал мебароварданд, ташкил ёфтанд ва дар давраҳои минбаъда ҳамчун намунаи давлатдорӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

**Адабиёт**


1. Бӯриев И.Б. История государства и права Таджикистана (от древнейших времен до начала XX века) / И.Б. Буриев. – Душанбе, 2007. –Т.1, Ч. 1-2. –244 с.
2. Бӯриев И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми аввал / И.Б. Буриев. – Душанбе, 2013. –268 с.
3. Бурҳон М. Бурҳони қотеъ.Ҷ. I. / М. Бурҳон. – Душанбе: «Адиб», 1993. –416 с.
4. Гиршман Р. Таърихи Ирон (аз даврони бостон то пирӯзии Ислом). Чопи аввал. / Тарҷумаи Муҳаммад Ҷавдӣ / Р. Гиршман. –Теҳрон, 1385 ҳ. – 414 с.
5. Ғафуров Б.Ғ. Таърихи мухтасари халқи тоҷик / Б.Ғ. Ғафуров. –Сталинобод, 1949. – 476 с.
6. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: (Иборат аз ду китоб). Китоби якум: Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна / Б.Ғ. Ғафуров. –Душанбе: «Ирфон», 1998. –704 с.
7. Ғиёсуддин М. Ғиёс-ул-луғот: Иборат аз се ҷилд. Ҷ. 1. Алиф-шин / М. Ғиёсуддин. – Душанбе: «Адиб», 1987. – 480 с.
8. Назаров Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон/ Ҳ. Назаров. – Душанбе: «Пайванд», 2005. - 492 с.
9. Ниё Ҷ.М. 7 бор ишғоли Ирон дар 23 қарн. Ҷ. 2 / Ҷ.М. Ниё. Теҳрон, 1377 ҳ. – 345 с.
10. Рашшод М. Фалсафа аз оғози таърих (дар 7 ҷилд). Ҷ. 1 ва 2 / М. Рашшод. – Душанбе, 1990. – 480 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ (X – ибтидои асри XX). Дар ду ҷилд. Ҷилди I А-О. / Зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М., 1969. – 951 с.
12. Фрай Р. Наследие Ирана / Р. Фрай. – М.: «Наука», 1971. – 468 с.
13. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право) / А.Г. Халиков. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2005. – 488 с.

**УДК. 336.2:65.01**

# НИЗОМИ АНДОЗБАНДИИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Бобоев Ҷамрод*** *– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64\14. Телефон: 918668971 E-mail: Boboev Jam /@ mail.ru*

***Каримов Ашурбой*** **-** *магистранти курси 2-юми ихтисоси ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64\14. Телефон: 906995856. E-mail: karimov 6 asad@*

*Ин мақола муаммои асосии низоми имрӯзаи андозбандии соҳибкории хурдро дар бар мегирад, ки дар навбати худ, ҳангоми ҳалли он ба рушди иқтисодиёт таъсири мусбат мерасонад.*

*Муаллифон хулоса кардаанд, ки бо баланд бардоштани самаранокии низоми андозбандии соҳибкории хурд зарур аст, ки он бо воқеияти иқтисодии замони истиқлолияти Тоҷикистон ҷавобгӯ бошад.*

*Мубориза бар зидди рақобати носолим, кирдорҳои коррупсионӣ, вайронкунии қоидаи андозбандӣ ва бастани шабакаҳои интиқоли ҷараёни маблағҳо ба бахшҳои иқтисоди пинҳониву минтақаҳои офшорӣ, фаъолияти соҳибкории ғайриқонуниро аз байн мебарад.*

*Зиёд будани гаронии андоз, қонунгузории мураккаби он зарурати ҳисоботи бисёри андозиву муҳосибӣ, тақвият бахшидани ин соҳаро заиф мегардонад.*

*Ин ҳолат соҳибкоронро ба ҷустуҷӯи усулҳои ғайриқонунии саркашӣ намудан аз пардохти андозро водор месозад, ки ин боиси афзудани бахшҳои иқтисоди пинҳонӣ гардида, ниҳоят ҳаҷми пардохти андозҳои ҷамъоваридашударо коҳиш медиҳад.*

***Калидвожаҳо****: соҳибкории хурд, низоми андозбандӣ, даромади давлатӣ, низоми содакардашуда, соҳибкории ғайриқонунӣ, гаронии андоз, сиёсати фискалӣ, рушди соҳибкорӣ.*

# СИСТЕМА НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Бобоев Джамрод*** *– кандидат юридических наук, заведующий кафедрой экономического и финансового права и антикоррупции Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64, 14. Телефон: 918668971. E-mail. Boboev Jam /@mail.ru*

***Каримов Ашурбой*** **-** *магистрант 2 курса по специальности экономического права, Таджикский государственый финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64 /14. Телефон: 906995856.E-mail: karimov6asad@mail.ru*

*Эта статья определяет основные проблемы современной системы налогообложения малого предпринимательства, что, в свою очередь, в результате его решения оказывает положительное влияние на развитие экономики.*

*Повышая эффективность налогообложения малого предпринимательства, необходимо, чтобы оно соответствовало экономической реальности независимости Таджикистана. В борьбе с несовместной конкуренцией, коррупцией и нарушением правил налогообложения и закрытием денежных переводов в уязвимые сегменты экономики и на офшорные зоны исключается незаконная деятельность предпринимательства.*

*Увеличение налогового бремени, сложное законодательство, многократная налоговая и бухгалтерская отчетность приводят ослабление этого сектора.*

*В этом случае предпринимательство стремится найти незаконные методы отказа от уплаты налога, что ведет к все более убыточным секторам теневой экономики и, в конечном итоге, к уменьшению суммы налоговых вычетов.*

***Ключевые слова**: малое предпринимательство, система налогообложения, государственный доход, упрощенная система, нелегальное предпринимательство , налоговая нагрузка, фискальная политика, развитие бизнеса.*

**TAX SYSTEM OF SMALL ENTREPRENUALSHIPIN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

***Boboev Jamrod -** k.of l. Head of departmen the Right to Economics State Finance and Economics University of Tajikistan. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64 14. Phone: 918740668. E-mail:Boboev Jam /@ mail.ru*

***Karimov Ashurboy -** Master of Science 2 specialization of "Economic Law" State Financial and Economic University of Tajikistan. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64 14Phone: 906995856.E-mail: karimov6asad@mail.ru*

*This article identifies the main problems of the modern system of taxation of smallentreprenual, which, in turn, as a result of its solution, has a positive impact on the development of the economy.*

*By increasing the efficiency of taxation of small entreprenual ship, it must be matched to the economic reality of Tajikistan's independence. In the fight against non-competitive competition, corruption and violation of the rule of taxation and the closure of remittances in vulnerable segments of the economy and in offshore zones, illegal business activities are excluded.*

*The increase in tax burden, complex legislation, a lot of tax and financial statements, lead to the weakening of this sector.*

*In this case, the takeover seeks to find illegal methods of tax evasion, which leads to increasingly unprofitable sectors of the shadow economy and, ultimately, to a reduction in the amount of tax deductions.*

***Keywords**: **entreprenualship**ofsmall, tax system, government revenue, simplified system, the illegal business, tax burden, fiscal policy, business development.*

Низоми андози соҳибкории хурд бо дарназардошти ҳамаи унсурҳои андозбандӣ ва барои пешбурди сиёсати андозӣ нигаронида шуда, ҳамаи ҷабҳаҳои ҳуқуқиву иқтисодиро дар бар мегирад. Соҳибкории хурд унсури муҳими иқтисоди бозаргонӣ мебошад. Соҳибкории хурд ва миёна дар Аврупо тақрибан 67 фоизи аҳолии қобили меҳнатро бо ҷойи кор таъмин мекунад [12]. Ин бахши иқтисодиёт бо қобилияти зуд мутобиқшавӣ ба тағйироти беруна тавсиф меёбад ва ҳамчун сарчашмаи рушди инноватсионӣ барои иқтисодиёт хизмат мекунад. Соҳибкории хурд ба таври ҷиддӣ ба дигаргунии шароити бозорӣ ва қонунгузории андоз мутобиқат пайдо менамояд, фазои мусоиди рақобатро фароҳам меорад, ҳамчунин манбаи ташаккулёбии синфи миёна суботи сиёсӣ ва иҷтимоиро дар ҷомеа таъмин менамояд ва ба фаъолияти соҳибкории минтақаҳо таъсир мегузорад. Мувофиқи иттилои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳиссаи бахши хусусӣ дар ММД дар соли 2016 тақрибан 70% буд. Бахши хусусӣ 67 фоизи аҳолиро бо ҷойи кор таъмин намуда, 78 фоизи даромади андозро ба буҷаи миллӣ ташкил медиҳад [10]. Рушди бахши мазкур яке аз мақсадҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ буда, қонуну қарорҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор аз ҷониби давлат барои дастгирии фаъолияти соҳибкории хурд ҳамасола қабул мешаванд. Бинобар ин, имрӯз ҳиссаи соҳибкорӣ дар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ басо назаррас мебошад.

Таъсис додани муҳити мусоид барои соҳибкорӣ, хусусан дар соҳаи истеҳсолот, ҳадафи муҳим ва ҷузъи муҳими сиёсати иқтисодии давлат мебошад. Бо вуҷуди ин, соҳибкорӣ дар кишвар бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешавад, ки бо мавҷудияти онҳо ба натиҷаҳои дилхоҳ расидани соҳибкорӣ имкон намедиҳад. Бинобар ин, аз тарафи Маркази тадқиқоти

стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқоти илмӣ барои рушди соҳибкорӣ гузаронида шуд ва он чанд муаммои фаъолияти соҳибкориро маълум намуд [11]. Яке аз масъалаҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ ин гаронии андоз, инчунин, баланд будани фоизи қарзҳо ва рақобати носолим, боз дар сатҳи паст қарор доштани маърифати ҳуқуқӣ мебошад. Мақсад ва ҳадафҳои тадқиқот ин таҳлил ва таҳияи самтҳои асосии ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Ҷиҳати манфиатбахши амалӣ ва аҳамияти илмии ин тадқиқот он аст, ки хулосаҳои алоҳидаи он метавонанд барои коркарди барномаи давлатии рушди соҳибкорӣ, ҳам дар заминаи соҳавӣ, ҳам минтақавӣ, ташаккули ҳамкории муштараки давлатӣ ва хусусӣ дар соҳаи лоиҳаҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатиро таъсири қобили таваҷҷуҳ расонад.

Аз соли 2015 то ба имрӯз дар кишвар 820 корхонаи истеҳсолӣ дар соҳаҳои гуногуни саноат бо 20 ҳазор ҷойҳои нави кории доимӣ ташкил карда шуд, ки аз онҳо 80 корхонаи муштарак бо фонди оинномавии беш аз 800 миллион сомонӣ ба фаъолият оғоз намудаанд [6]. Ин нишондиҳандаҳо водор месозанд, то барои намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди он шароити мусоидтаре фароҳам оварда шавад.

Умуман, татбиқи босамари ислоҳоти иқтисодӣ дар даҳ соли охир имкон дод, ки рушди устувори иқтисодиёти кишвар ҳамасола ба андозаи то 7 фоиз таъмин гардида, беш аз 650 ҳазор ҷойҳои кори доимӣ таъсис дода шаванд ва даромади пулии аҳолӣ чор баробар афзоиш ёбад. Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаи 20 соли пеш аз 83 фоиз ба 30 фоиз поён бурда шуд [8]. Бухронҳои иқтисодӣ дар навбати худ таъсир ба ҷой хоҳанд гузошт. Яке аз имкониятҳои асосӣ барои баровардани иқтисоди кишвар аз бухрон ин ҳавасмандсозии соҳибкории хурд мебошад. Давлат соҳиби фишангҳои муайян буда, сиёсати андозӣ низ аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, масъалаи беҳсозии низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкории хурд дар шароити ҳозира басо муҳим аст. Низоми андоз, ба андешаи мо, дар шаклҳои ҷории худ ба мақсадҳои амалидошти функсияи молиявӣ ва содагардонии маъмурияти андозӣ аз ҷониби мақомоти андоз, на ба ҳадафҳои коҳиш додани гаронии андоз, сабукии андоз ва ҳисобдории муҳосибӣ барои соҳибкории хурд равона шудааст.

Низоми андозбандии ҷорӣ хусусиятҳои хароҷоти соҳибкории хурдро ба инобат намегирад. Сарчашмаи асосии захираҳо барои сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории хурд, ба таври анъанавӣ, маблағҳои худӣ мебошанд. Ҳамзамон, дар шароити бухронӣ соҳибкорон танҳо ба худашон такя мекунанд ва аз гирифтани маблағҳои қарзӣ даст мекашанд. Илова бар ин, таъсиси меъёри андоз бе таҳлили кофӣ ва баҳисобгирии таъсири иқтисодии онҳо дар истеҳсолот муқаррар шудааст. Дар низоми андозбандии имрӯз оид ба ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар бораи ташкили шароитҳое, ки андозсупорандагон бо монеа рӯ ба рӯ шаванду аз он варта бе эҳсоси мушкилӣ баромада тавонанд ва пардохти андозҳоро сари вақт ба субут расонанд, чораҳои аниқ дида намешавад. Сиёсати андоз танҳо дар ҳалли вазифаи ғанигардонии буҷет буда, камтар дар андешаи таъмини рушди иқтисодӣ аст, ки ин ба назари мо, боиси сустшавии пояи низоми андозӣ мегардад [8, 87]. Дар чунин шароити пешбурди фаъолияти

соҳибкорӣ, соҳибкорон ба иқдому дастгириҳои давлат ниёз доранд. Дар зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати мушаххаси давлатӣ ба нақша гирифта шуда, вазифа ва ҳадафи он таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки он, ҳамчунин, ҳалли буҳрони комуникатсионӣ ва табдил додани он ба транзити байналмилалӣ, таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ва бо ин васила ба сифати баланди озуқаворӣ гузаштани кишвар мебошад. Амалӣ шудани ин ҳадафҳои стратегӣ, албатта, фазои мусоиди соҳибкориро ба вуҷуд меоварад. Дар соли 2018 соҳибкорон нисбат ба соли 2017 зиёд шудаанд.

Диаграммаи 1.




**Манбаъ: http://www.investcom.tj (санаи муроҷиат 6.10.2018).**

Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки аз ҳад зиёд гардидани андоз имконияти ҷамъоварии маблағи рушди омилҳои истеҳсолиро кам намуда, боиси қатъ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ мегардад, ки он, дар натиҷа, сабабгори фаъолияти соҳибкории пинҳонӣ ва ғайриқонунӣ мегардад. Мақсад аз танзими низоми андоз ин фароҳам овардани шароити сармоягузорӣ, боло бурдани натоиҷи молиявӣ ва, алалхусус, кумак намудан ба афзоиши фонди умумимиллии воситаҳои пулӣ мебошад [2, 70]. Соҳибкории хурд бояд имтиёзҳои махсуси андозиро гирад, зеро фаъолияти истеҳсоливу хизматрасонӣ хароҷоти зиёд дошта, истифодаи техникаву таҷҳизот ва кормандони баландихтисосро талаб мекунад. Масъалаи дигари андозбандии соҳибкории хурд дар Тоҷикистон ин тағйироти мунтазами қонунгузории андоз мебошад, ки на танҳо ба пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, зиёда аз он, ба кори мақомоти андоз таъсир мерасонад. Низоми андоз бояд ба базиси иқтисодӣ мувофиқ бошад [5, 54], зеро ки бе таҳлили ҷабҳаҳои иқтисодӣ андозбандӣ ба оқибати ногувор меорад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи дастгирии давлатии соҳибкорӣ” ҳуқуқу уҳдадориҳои соҳибкорӣ қайд гардидааст. Аммо, мутаассифона, теъдоди зиёди соҳибкорон оид ба ҳуқуқҳояшон тасаввуроти комил надоранд. Ин аз маърифати пасти ҳуқуқии қисмате аз

соҳибкорон шаҳодат медиҳад. Ин аст, ки онҳо ҳангоми коркарди номувофиқи ҳуҷҷатҳо ё пешниҳоди ариза ва пардохтани андозҳо зуд - зуд ба мушкилӣ дучор мешаванд.

Масъалаи дигар дар андозбандии соҳибкории хурд мураккабии низоми андоз мебошад. Дар айни замон соҳибкорон бояд дониши баланд оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ дошта бошанд, то андози худро битавонанд мустақилона пардохт намоянд, ё коргарони баландихтисос ва мутахассисони андозро ба кори андозбандиву муҳосибот ҷалб намоянд. Шумораи зиёди андозҳо ва пардохтҳо ба он оварда мерасонад, ки ҳатто, муҳосибони касбӣ хатоҳо содир мекунанд, дар натиҷаи он, андозсупорандагон барои пардохти саривақтии андозҳо қадами устувор намегузоранд [9, 89]. Бинобар ин, унсурҳои ҳатмии андозҳо на ҳама вақт бо якмаъногӣ дар қонунгузорӣ инъикос меёбанд, пас аз тағйир додани дастурҳои гуногун тавзеҳ меёбанд ва раванди фаъолияти соҳибкориро мушкил мегардонанд. Бо ҳолати андозбандии соҳибкории хурд ва сатҳи пасти саводи молиявии соҳибкорон ва надоштани иттилоот дар бораи барномаҳои дастгирии давлатӣ, вазъиятро боз ҳам мураккаб мегардонад [4, 34]. Намуди нисбатан маъмули чунин дастгирӣ ин дастгирии молиявии мақсаднок аз буҷети давлатӣ мебошад, ки ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаҳои муайяни фаъолияти афзалиятнок равона карда шудааст ва барои беҳбуди як қатор соҳибкорони хурд аз намуди баъзе андозҳо озод карда мешаванд.

Бо вуҷуди ин, аксарияти соҳибкорон дар бораи мавҷудияти як қатор шаклҳои дастгирии давлатӣ, аз ҷумла имтиёзҳои дорои хусусияти андозӣ огоҳӣ надоранд ва барои беҳбудии дастгирии иттилоотӣ ташаббусҳои Ҳукуматро талаб мекунанд. Аммо бояд тасдиқ кард, ки тавсифи тағйироте, ки дар қонунгузории андоз шудааст, ҳамчунин, паҳнкунии васеи чунин чорабиниҳо тавассути ВАО метавонанд мушкилотро қисман ҳал кунанд. Ҳамин тариқ, масъалаи самти молиявӣ - буҷавии сиёсати андоз бо “Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар соли 2012-2020” бо ҳам мутобиқ нестанд. Самтҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна, пеш аз ҳама, таъсиси фазои мусоиди соҳибкорӣ ва инфрасохтори таҳиягардида, бартараф намудани монеаҳои мавҷудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маъмурӣ, инчунин, дастрасии зиёд ба захираҳои сармоягузорӣ мебошанд [6]. Соҳибкорони хусусӣ ба кумаки молиявӣ, иттилоотӣ, ташкиливу методологӣ ниёз доранд. Мунтазам кор кардан дар ин соҳа ба баланд бардоштани самаранокӣ, ҷалби пешбурди фаъолияти соҳибкорони хурд дар Тоҷикистон ва мавқеи хуб пайдо кардани онҳо дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Гузашта аз ин, дар Тоҷикистон чор навъи низоми махсуси андозбандӣ - низоми андозбандии умумӣ, содакардашуда, ягона ва низоми андозбандии субъектонӣ (бизнес бозӣ) вуҷуд доранд [3, 274]. Аз як навъ ба навъи дигар бо кадои роҳ гузаштанро соҳибкорон на он қадар хуб мефаҳманд. Бо баланд бардоштани самаранокии низоми андозбандии соҳибкории хурд зарур аст, ки он бо воқеияти иқтисодии замони истиқлолияти Тоҷикистон ҷавобгӯ бошад. Дар навбати худ, мубориза бар зидди рақобати носолим, кирдорҳои коррупсионӣ, вайронкунии қоидаи андозбандӣ ва бастани шабакаҳои интиқоли ҷараёни маблағҳо ба бахшҳои иқтисоди пинҳониву минтақаҳои офшорӣ, фаъолияти соҳибкории ғайриқонуниро аз байн мебарад. Бо вуҷуди ин ҳама

теъдоди қатъшавии фаъолияти соҳибкорӣ ва баробари он зиёд шудани соҳибкорӣ дар назар аст.

Диаграммаи 2.




**Манбаъ.http://www.investcom.tj (санаи мурочиат 16.10.2018)**

Сиёсати андозӣ набояд ба таъсири мусбати барномаи дастгирии давлатии соҳибкорони хурд маҳдудият ворид намояд. Зиёд будани гаронии андоз, қонунгузории мураккаби он зарурати ҳисоботи бисёри андозиву муҳосибӣ, тақвият бахшидани ин соҳаро заиф гардонида, соҳибкоронро ба ҷустуҷӯи усулҳои ғайриқонунии саркашӣ аз пардохти андозро водор месозад, ки ин боиси афзудани бахшҳои иқтисоди пинҳонӣ гардида, ниҳоят ҳаҷми пардохти андозҳои ҷамъоваришударо коҳиш медиҳад. Ҳамаи қонунгузориҳои дар ин соҳа буда бояд дар амал татбиқ карда шаванд, на ин ки дар ҳолати шахшуда қарор гиранд.

Дар охир мо таъкид мекунем, ки зарурати ислоҳот дар соҳаи андозбандии бахши хурд ба таври аниқ маълум аст. Низоми андозбандии фаҳмо, боэътимод ва ҳуқуқиву иқтисодӣ буда, дар баланд бардоштани ҷамъоварии андоз ва содагардонии маъмурияти он, ҳамчунин, баланд бардоштани ҳавасмандии рушди соҳибкории хурд, ки бе он дар шароити иқтисодиёти бозорӣ рақобат кардан мушкил аст, нақши калидиро дорад.

**Адабиёт**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: "Шарқи озод", 2017.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 24.12.2017.

3. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо соҳибкорону сармоягузорони ватанӣ 14.10.2018.

4.Гулмирзоев Д. Назарияи андоз ва андозбандӣ: (дастури таълимӣ). / Д. Гулмирзоев. -Душанбе:“Сурушан”, 2000/ 297 с.

5.Круглова Н.Ю. Хозяйственное право. Учебное пособие. 2-е изд. / К 84 испр. и доп Н.Ю Круглова. - М.: Издательство РДЛ, 2001. – 912 с.

6. Доброва М.А. Мини-курсы в Москве. Литература: Проблемы налогообложения малого бизнеса. // М.А.Доброва, И.А Елина. М., 2016, №24. - 170 с.

7.«Омори солонаи 2018» 13.10.2018. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
8. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. / Д.Ш Сангинов, П. З Мирзоев. - Душанбе: “Андалеб-Р”, 2015. - 600 с.
9. Шомуродов Ф. Низомҳои андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. / Ф Шомуродов. Нашри аввал. - Душанбе: “Андалеб-Р”, 2015. - 280 с.
10. Кумитаи идораи амвол ва сармоягузорӣ. [манбаи электронӣ] URL:.http://www.investcom.tj (санаи истифодабарӣ:16.10.2018)
11. http://www.mts.tj (санаи истифодабарӣ:18.10.2018)
12. http://www,poldpred.com (санаи истифодабарӣ:21.10.2019)

**УДК: 352.1 (575.3)**

# РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДОН БА ХУДИДОРАИ МАҲАЛЛӢ

***Қодиров Зоҳир Қодирович*** *– н.и.ф., дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов 64/14, ҳуҷ. 206. Тел.: 935629854, E-mail: zohir-85@mail.ru*

***Нурализода Тилло Назрулло, Нуралиев Лутфулло Назруллоевич-*** *магистрантони курси якуми ихтисоси ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов 64/14*

*Дар мақола масъалаҳо оид ба амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба худидоракунии маҳаллӣ баррасӣ карда шудааст. Дар рафти омӯзиши мавзӯи мазкур муайян гардид, ки муқарраротӣ санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо оид ба худидоракунии маҳаллӣ ба таври мушаххас ҳуқуқи шаҳрвандонро ба худидоракунии маҳаллӣ кафолат надодаанд. Ҷой надоштани заминаҳои мукаммали ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ наметавонад ба таври самаранок амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандонро ба худидоракунии маҳаллӣ таъмин намояд. Бинобар сабаби дар сатҳи паст қарор доштани шуури худидоракунии шаҳрвандон, иштироки шаҳрвандон низ дар мақомоти худидоракунии маҳаллӣ хеле суст мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна, манбаъҳои иқтисодӣ-молиявӣ, масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта, ваколатҳои вогузоркардашуда.*

## К ВОПРОСУ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ПРАВ ГРАЖДАН НА МЕСТНОЕ САМОУПРАВЛЕНИЕ

***Кадиров Зохир Кадирович*** *– к.ф.н., доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14, каб. 206, тел.: 935629854, E-mail: zohir-85@mail.ru*

***Нурализода Тилло Назрулло, Нуралиев Лутфулло Назруллоевич -*** *магистранты 1-го курса специальности “экономическое право”, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.*

*В статье рассматриваются вопросы о реализации прав граждан на местное самоуправление. В ходе изучения данной темы было определено, что положение законодательных актов, регулирующих правовые отношения местного самоуправления, конкретно не гарантировали права граждан на местное самоуправление. Наличие устойчивых правовых, экономических и финансовых предпосылок могут эффективно обеспечить осуществление прав граждан на местное самоуправление. В нынешнее условие*

*самоуправленческое сознание граждан находится на низком уровне, связи с этим, участие граждан в органов местного самоуправление, также оценивается пассивным.*

***Ключевые слова:*** *органы самоуправления поселков и сел, государственные органы исполнительной власти, местное сообщество, гражданское общество, деятельности малого и среднего предпринимательства, экономические и финансовые источники, вопросы местного значения делегированных полномочий.*

## TO THE ISSUE OF THE EXERCISE OF CITIZENS' RIGHTS TO LOCAL SELF-GOVERNMENT

***Qodirov Zohir Qodirovich*** **-** *Candidate of philosophic science, associate professor of Department of Economic, Financial and Anticorruption Right of Financial-Economic State University of Tajikistan. 734067, Dushanbe, street. Nakhimov 64/14, room 206, phone: 935629854, E-mail: zohir-85@mail.ru*

***Nuralizoda Tillo Nazrullo, Nuraliev Lutfullo Nazrulloevich*** **-** *1st year undergraduates in economic law from the Tajik State Financial and Economic University. 734067, Dushanbe, ul. Nakhimov 64/14*

*In article questions of realization of the rights of citizens on local self-government is considered. During studying of this subject it was defined that provisions of the acts governing legal relations local self-government specifically did not guarantee the rights of citizens to local government. Existence steady legal, economic and financial prerequisites can effectively provide implementation of the rights of citizens to local government. In the current conditions self-administrative consciousness of citizens is at a low level, communications with it participation of citizens local self-government is also estimated at institute passive.*

***Keywords:*** *Bodies self-government of settlements and villages, public authorities of executive power, local community, civil society, activity of small and average business, economic and financial sources, questions local value delegated power.*

Инкишофи худидоракунии маҳаллиро дар даврони собиқ ҶШС Тоҷикистон метавон давраи демократияи мутамарказ номид, ки он баъд аз ғалабаи Инқилоби Октябр дар Бухорои Шарқӣ аз соли 1924 оғоз меёбад. Яке аз принсипҳои асосии ин давраро тобеияти пурраи зинаи поёнии идоракунӣ ба зинаи болоӣ ташкил медод. Аз 5 феврали соли 1925 ҳамаи институтҳои куҳнаи давлатии Бухорои Шарқӣ барҳам дода шуданд. Бо сабаби мавҷуд набудани коргарони баландихтисоси Шӯравӣ дар сатҳи маҳал функсияи Советҳоро муваққатан оқсақол ва амлокдор иҷро мекард. Моҳи апрели соли 1925 ҳамаи институтҳои анъанавии худидоракунии маҳаллӣ ба Советҳои маҳаллӣ иваз шуданд. Советҳо ба низоми ягонаи мақомоти давлатии ҳокимияти Шӯравӣ дохил шуда, ҳамчун намоянда ва иҷрокунандаи иродаи ҳокимияти марказӣ дар маҳал ба шумор мерафт [12, 69].

Танҳо Конститутсияи соли 1936 ИҶШС ин нақшаро қисман тағйир дод. Съезди советҳо барҳам дода шуд. Аз соли 1937 РСС Тоҷикистон, дар баробари дигар республикаҳои иттифоқӣ советҳои маҳаллиро бо роҳи интихоботи бевосита ташаккул медод. Аммо на советҳои олӣ ва на советҳои маҳаллӣ мустақилияти идоракуниро дар мамлакат соҳиб набуданд. Мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатии ИҶШС-ро низоми ягонаи ҳизби давлатӣ ташкил медод. Бе мувофиқаи Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ, советҳо ҳеҷ ягон қарорро новобаста аз муҳиммияти он қабул карда наметавонистанд [5, 87-88].

Истилоҳи худидоракунии маҳаллӣ бо Советҳои маҳаллӣ як хел нисбат дода мешуд, аммо он ҳаргиз маънои худидоракуниеро, ки дар давлатҳои Аврупо амал мекард, надошт. Советҳои маҳаллӣ дар якҷоягӣ бо ҳамаи дигар Советҳо асосҳои сиёсии давлати сотсиалистӣ ва мақоми

ҳокимияти халқиро ташкил медод [3]. Корҳоеро, ки онҳо иҷро мекарданд, қисман кори давлатӣ буда, онро худи меҳнаткашон, ки аз ҷониби аъзоёни ҷомеа интихоб шуда буданд, иҷро мекарданд. Моҳияти асосии худидоракунии маҳаллӣ танҳо бо аз тарафи аҳолии маҳал интихоб шудани аъзоёни Советҳои маҳаллӣ маҳдуд мегардид [5, 33]. Вобаста ба ин, Советҳои маҳаллиро ҳамчун мақоми худидоракунии маҳаллӣ тавсиф менамуданд, ки аз асли воқеият тамоман дур буд.

Ҳамин тариқ, Шӯрои Олии ИҶШС ва советҳои олии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла советҳои олӣ ва маҳаллии Тоҷикистон дар кишвар воқеан мустақилияти худидоракуниро надоштанд.

Раванди ба вуҷуд омадан ва дар амал тадбиқ гардидани принсипҳои асосии демократия дар ИҶШС солҳои 80-ум аз мақомоти асосии ҳокимият- Советҳои олӣ ва маҳаллӣ ворид намудани тағйиротро дар фаъолияти ташкилиашон талаб намуд.

Бояд зикр намуд, ки дар ин давра советҳои маҳаллӣ вобаста ба иҷрои функсияашон ҳам ба сифати мақоми давлатӣ ва ҳам ба сифати мақомоти худидоракунии халқӣ баромад менамуданд.

Яке аз камбудии ҷиддие, ки дар системаи сиёсии он давра ҷой дошт, ин аз ҳад зиёд давлатӣ кунонидани ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор мерафт. Вобаста ба ин, ба таври фаврӣ дар миқёсӣ умумиҷумҳуриявӣ аз 9 апрели соли 1990 Қонун «Дар бораи принсипҳои умумии ташкили худидоракунии маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллӣ дар ИҶШС» [7] қабул карда шуд. Аввалин маротиба дар қонунгузорӣ мафҳуми моликияти коммуналӣ истифода гардида, дар баробари заминаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, инчунин, барои таъмини фаъолияти он заминаҳои моддӣ ва техникӣ низ фароҳам оварда шуд.

Ташаккули институти худидоракунии маҳаллӣ бо қабул гардидани «Эъломияи соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 сентябри 1991, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ Тоҷикистонро ҳамчун давлати мустақил эълон намуд, оғоз мегардад. Бо сабаби оғоз гардидани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1991 ва 1997 дар Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии худидоракунии маҳаллӣ, ки дар солҳои охири мавҷудияти ИҶШС гузошта шуда буданд, аз байн рафтанд.

Мазмуни консепсияи худидоракунии маҳаллӣ дар сатҳи қонунгузории кишвар мантиқан баъд аз қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 қисман дар моддаи 78 бо як ҷумла: «Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷамоат аст…»[1] ифодаи худро ёфт.

Баъд аз қабули констиутсия дар муҳлати кӯтоҳ аз 01.12.1994 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» [2] қабул карда шуд, ки он ҳамчун қонуни асосӣ аввалин бор ба таври равшантар тартиби ташкил ва фаъолияти онро танзим намуд ва аз 05.08.2009 сол бошад, таҳти рақами №549 бо таҳрири нав аз нав қабул карда шуд.

Дар шароити муосири рушди кишвар институти худидоракунии маҳаллӣ ба сифати унсури асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва принсипи муҳими низоми демократӣ баромад менамояд. Дар заминаи барнома ва стратегияҳои рушди маҳал, яке аз ҷойҳои асосиро ташаккул додани унсурҳои худидораи маҳаллӣ ташкил медиҳад. Зеро мақомоти худидоракунии маҳаллӣ тавозуни муайяни ҳокимияти марказиро бо сатҳи

маҳал нигоҳ дошта, ҳамчун маќоми наздиктар ба сокинони маҳал масъалаҳои аҳамияти маҳаллидоштаро баррасӣ менамояд. Рушди минбаъдаи иқтисодӣ-иҷтимоии давлат аз баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии давлат, хусусан аз худидораи маҳаллӣ низ вобастагии зич дорад. Таҷрибаи гузаронидани ислоҳот дар низоми худидоракунии маҳаллӣ ва воқеан татбиқ намудани принсипҳои асосии ҳокимияти халқиро аз кишвари ба мо ҳамсоя Ҷумҳурии Қирғизистон бояд мавриди омӯзиш қарор дод.

Эъмори давлати воқеан демократӣ бидуни принсипи тақсимоти ҳокимияти давлатӣ ва ғайримутамарказ гардонидани он ғайриимкон аст. Бо назардошти неруи иқтисодӣ-молиявӣ, манфиатҳои аҳолии маҳал, анъана, шароити таърихӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ ғайримутамарказ гардонидани ҳокимияти давлатӣ ба рушди худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ-конститутсионӣ роҳ мекушояд.

Худидоракунии маҳаллӣ на фақат яке аз усулҳои асосии ташкил ва фаъолияти низоми демократии ҳокимияти халқ, балки он дар як вақт бояд ҳуқуқи шаҳрвандонро ҷиҳати бо ташаббуси худ мустақилона идора ва ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта низ таъмин намояд.

Бояд қайд намуд, ки муқаррароти моддаи 78-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ҳуқуқи шаҳрвандонро ба худидоракунӣ кафолат надодааст. Вобаста ба мазмунашон меъёрҳо бештар ҳуқуқ ва қобилияти амалкунии худи мақомоти худидоракунии маҳаллиро ҷиҳати дар ҳудуди ҷамоати шаҳрак ва деҳот ба амал баровардани ваколатҳои вогузоркардашудаи ҳокимияти давлатиро ифода мекунанд.

Ба таври пурра ба амал бароварда шудани ҳуқуқ ба худидоракунии маҳаллӣ танҳо дар сурати ҷой доштани заминаҳои мукаммали иқтисодӣ ва молиявӣ имконпазир мегардад. Чунки имкониятҳои иқтисодӣ ва молиявии рушди худидоракунии маҳаллӣ ба беҳтар шудани шароитҳои ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии сокинони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот мусоидат мекунад. Рушди инфрасохтори иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар сатҳи маҳал, ба устувор шудани қисмати даромади буҷети маҳаллӣ замина мегузорад ва ба сифати ҳимоякунандаи манфиатҳои иқтисодии аҳолии ҷамоати шаҳрак ва деҳот баромад мекунад.

Неруи иқтисодии ба амал баровардани худидоракунии маҳаллиро моликияти моддӣ ва молиявии он ташкил медиҳад. Масъалаҳо оид ба ташкил намудани асосҳои молиявии худидоракунии маҳаллӣ бештар аз манбаъҳои маблағгузорӣ шудани он вобаста мебошад. Моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 05.08.2009 сол, таҳти №549 сарчашмаҳои молиявии Ҷамоати шаҳрак ва деҳотро муқаррар намудааст. Гарчанде ки муқаррароти моддаи мазкур озодона ихтиёрдорӣ намудани воситаҳои молиявии аз тарафи давлат маблағгузоришавандаро ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ кафолат додааст, аммо муносибатҳои иқтисодӣ-молиявӣ, ки дар сатҳи худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба вуҷуд меоянд вобаста ба мазмунашон қариб пурра манфиатҳои умумидавлатиро ифода менамоянд ва амалан аз ҳимояи манфиатҳои аҳамияти маҳаллидошта дур мераванд. Бештари ин манбаъҳои молиявӣ устувор набуда, характери доимӣ надоранд [9].

Масъалаи асосӣ дар он ҷой дорад, ки ҷамоати шаҳрак ва деҳот мустақилона ва бо салоҳдиди худ ташкил, тақсим ва истифодабарии воситаҳои молиявии худро бо сабаби надоштани буҷети худӣ надорад.

Институти худидоракунии маҳаллӣ тадриҷан мазмуни худро бо сабаби пайваста дар шакли кумаки молиявӣ ва мусоидати молиявӣ маблағгузорӣ шудани фаъолияти ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот гум намудааст. Онҳо дар фаъолияташон бештар тобеи ҳокимияти давлатӣ буда, фаъолияташон характери фармоишӣ ва иҷроиши супоришу нақшаҳои аз боло додашавандаро касб намудааст. Лоиҳаи буҷет аз рӯи манбаъҳои даромад ва самтҳои хароҷот мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли сметаи хароҷот пешниҳод карда мешавад.

Дар шароити нави рушди муносибатҳои иқтисодӣ худидоракунии маҳаллӣ бештар ба худ хусусияти «худидоракунии иҷтимоӣ-иқтисодӣ» - ро касб менамояд ва Ҳукумати кишварро зарур мебошад, ки барои амалишавии самараноки он шароитҳои мусоиди ҳуқуқӣ, моддӣ ва молиявиро фароҳам созад.

Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии кишвар пешниҳод намуданд, ки солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шавад [13].

Муҳтавои асосии пешниҳоди сарвари давлат низ аз он иборат мебошад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии сатҳи деҳот таваҷҷуҳ ва неруи бештар равона созанд. Чунки амалишавии бештари ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандон дар сатҳи маҳал бевосита ба корҳои ташкилии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот низ зич алоқаманд мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки иштироки фаъоли аҳолии маҳал дар ташкили фаъолияти худидоракунии маҳаллӣ дар самаранок амалишавии сиёсати ҳокимияти давлатӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, пурра ва самаранок амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба худидоракунии маҳаллӣ ҷой доштани заминаҳои мукаммали ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявиро тақозо менамояд. Ба вуҷуд овардани заминаҳои мусоиди рушди худидоракунии маҳаллӣ дар шароити имрӯз бидуни таҷдиди назар намудани қонунгузории танзимкунандаи соҳа, аниқ муайян намудани моликияти худидоракунии маҳаллӣ, коркард намудани механизмҳои ташкил намудани сарчашмаҳои иловагии буҷети ҷамоат, бе озмоиши пешакӣ ва бе роҳбариву дастгирии методологии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровардан ногузир мебошад.

### Адабиёт

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 5 августи 2009, таҳти № 549 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №7-8, мод.503.

3. Материалы XXVI съезда КПСС. - М, 1971. - 77с.

4. Аминджанов Б.С. Местное самоуправление в Республике Таджикистан / Б.С. Аминджанов. – Худжанд: «Андеша», 2010. – 234 с.

5. Василиев В.И. Демократический централизм в системе Советов / В.И. Василиев. - М.: «Юрид.лит.», 1973. – 232 с.
6. Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан, 1994 г., №23-24, ст.450.
7. Ведомости Съезда народных депутатов СССР и Верховного Совета СССР. 1990г., №16, с.267.
8. Имомов А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане / А. Имомов. – Душанбе, 2003. – 188с.
9. Кодиров З.К. Формирование местного самоуправления как социального института в Республике Таджикистан / З.К. Кодиров. – Душанбе: «Дониш», 2017, - 169с.
10. Мухамеданов А. Совет народных депутатов – главное звено социалистического самоуправления // Советы – Органы самоуправления на современном этапе (сборник научных трудов) / А.Мухамеданов. – М., 1987. - С. 30-42.
11. Турсунов Н.О. Сложение и пути развития городского и сельского населения Северного Таджикистана 19 начала 20 вв. / Н.О. Турсунов. – Душанбе: «Ирфон», 1976. – 544с.
12. Фаньян Д. К истории советского строительства в Таджикистане (1920-1929гг.). Сборник документов / Д.Фаньян. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1941.
13. Дар Паёми Пешвои миллат солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шуд. *[электронный ресурс]. URL:* http://mihdasht.tj/dar-payomi-peshvoi-millat-solhoi-2019-2021-solhoi-rushdi-dehot-sajyohy-va-hunarhoi-mardumy-elon-karda-shudand *(санаи истифодабарӣ: 16.01.2019)*

**УДК. 330.8**

# МОҲИЯТИ РИҲЛА Ё САФАР БАРОИ ФАРОГИРИИ ДОНИШ ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН

***Аминзода Абдуҷаббор -*** *муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: 933-75-65-00.*

*Дар мақола дар бораи яке аз маъмултарин роҳҳои фарогирии дониш дар асрҳои миёна - тарки ватану ҳиҷрат ихтиёр кардани толибилмон маълумот дода мешавад. Дар қаламрави васеи хилофати исломӣ амнияти саросарӣ ҷорӣ гашта, ойин ва забони ягонаи илмӣ имкон дод, ки аз Осиёи Миёна то Испания ва аз Дашти Қипчоқ то Уқёнуси Ҳинд наҳзати саросарии саводомӯзӣ роҳандозӣ шавад. Вуҷуди бунёдҳои хайрия чунин ниҳодҳоро аз нигоҳи молиявӣ таъмин менамуд. Муҳимтарин шаҳрҳое ки донишомӯзонро аз саросари ҷаҳон фаро мехонданд, Бағдод, Мадина, Қоҳира, Димишқ, Нишопур, Бухоро, Марв, Балх, Ҳирот, Рай маҳсуб мегаштанд. Сомониён аз ҷумлаи сулолаҳое мебошанд, ки дар ин замина нақши муассир гузоштаанд. Тамоми донишмандони асрҳои IX-XII донишу таҷрибаи худро дур аз ёру диёр фаро гирифтаанд. Риҳла имкон дод, ки илму дониш дар маҳдудаи як кишвар ё минтақа қарор нагирифта, дар саросари олам интишор шавад. Дар баробари аҳамияти илмӣ доштан, сафарҳои илмӣ робитаи кишварҳоро ба ҳам наздик сохта, дар миёни аҳолӣ эҳсоси огоҳӣ аз ҳамдигарро тақвият бахшиданд.*

***Калидвожаҳо:*** *риҳла, сафари илмӣ, хилофат, шаҳр, мадраса, китоб, толибилм, мударрис, донишманд, Сомониён.*

## ЗНАЧЕНИЕ РИХЛИ ИЛИ НАУЧНОЙ ПОЕЗДКИ С ЦЕЛЬЮ ПРИОБРЕТЕНИЯ ЗНАНИЙ

***Аминзода Абдуджаббор*** *– старший преподователь кафедры гуманитарных дисциплин Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. телефон: 933-75-65-00.*

*В статье рассматривается один из основных форм получения знаний в средние века, т.е. путём миграции получателей знаний. По всей территории исламского*

*Халифата существовал покой, а также единая вера и язык, которые дали возможность распространять полученные знания от Средней Азии до Испании, а также от пустыни Кипчака до Индийского океана. Существование благотворительных фондов дали возможность финансировать такие центры. Самые известные города, которые принимали обучающихся, были Багдад, Медина, Дамаск, Нишапур, Бухара, Мерв, Балх, Герат и Рай. Саманиды являются одной из династий, которые играли заметную роль в этом деле. Почти все мыслители и учёные 9-12 века получили знания и практику в дали от родного дома.*

*Миграция дала возможность получить знания не только в родном месте, но и по всей территории земного шара. Наряду с этим, она имеет научное значение, соединяет страны и сближает их путём взаимопонимания людей.*

***Ключевые слова:*** *рихла, научная поездка, халифат, город, медресе, книга, учащийся, учитель, учёный, Саманиды.*

## THE VALUE RIHLA OR SCIENTIFIC REASON WITH THE AIM OF ACQUIRING KNOWLEDGE

***Aminzoda Abdujabbor*** - *teacher of department of humanitarian sciences of Tajik state finance and economics University. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel.: 933-75-65-00.*

*The article discusses one of the main forms of knowledge acquisition in the Middle Ages, i.e. by migration of knowledge recipients. Throughout the territories of the Islamic Caliphate, there was peace, as well as a single faith and language, which made it possible to spread the knowledge gained from Central Asia to Spain, as well as from the Kipchak desert to the Indian Ocean. The existence* of *charitable foundations gave an opportunity to finance such centers. The most famous cities that enrolled were Baghdad, Medina, Damascus, Nishapur, Bukhara, Merv, Balkh, Herat and Rai. Samanids are one of the dynasties that played a prominent role in this business. Almost all thinkers and scientists of the 9th-12th centuries received knowledge and practice far from their native home.*

*Migration made it possible to gain knowledge not only in their native place, but throughout the entire globe. Along with this, it has scientific value and connects countries and brought them together by mutual understanding of people.*

***Key words:*** *rihla, scientific trip, Caliphate, city, madrasah, book, student, teacher, scientist, Samanids.*

Асрҳои саюму чаҳоруми ҳиҷрӣ, ки баробар бо садаҳои 9-10-и милодӣ аст, замони шукуфоии бесобиқаи тамоми улум дар қаламрави хилофати мусулмонӣ шумурда мешавад. Пас аз якрӯя ва софӣ шудани ҳукумати исломӣ ва хатми ҷангҳои хонагии миёни арабҳо амнияту субот дар сарзамини таҳти ҳукумати хилофат падид омад. Шаҳрҳо ба таври бесобиқа рушд карданду иртиботи пайваста миёни минтақаҳо фароҳам омад. Аз марзи Чин то Испания дар таҳти ҳукумати мусулмонон қарор дошта, мардумон метавонистанд ин қаламрави густурдаро дарнаварданд. Яке аз паси тиҷорат ва дигаре аз пайи фарогирии илму дониш ба шаҳру рустоҳо сафар мекарданд. Ба эътирофи донишмандони ғарб дар ин аср сафарҳои илмӣ чунон роиҷ гашта буд, ки то поёни асри XVIII-и милодӣ таърихи ҷаҳон дигар чунин фазову шавқу рағбати илмомӯзиро ба худ надидааст. Ба самтҳои мухталиф тақсим шудани улум худ як далели густариши он дар ин давра шумурда мешавад.

Ҷуғрофияи фарҳангии илм ва ниҳодҳои илмии олами ислом яке аз мавзӯъҳои муҳимест, ки камтар баррасӣ шудааст. Муҳимтарин шаҳру минтақаҳои мусулмоннишин, ки мақсади толибони илм ва маҳди парвариши донишмандону фарҳехтагони он рӯзгорон ба шумор меомаданд, Самарқанд, Бухоро, Нишопур, Гунди Шопур, Басра, Куфа, Бағдод, Қоҳира, Димишқ ва Ҳиҷоз ба шумор меомаданд. Қуръону аҳодиси пайғамбари ислом донишу андешаро ситоиш карда, мусулмононро барои

фарогирии дониш фаро мехонданд. Ҳатто фарогирандагони донишро дар як саф бо пайкорҷӯёни роҳи дин баробар дониста, барои ин амал маҳдудияти синнусолӣ низ гузошта намешуд. Ин мисраи зебову маъруфи Фирдавсӣ «Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй», ки баргирифта аз як сухани пайғамбари ислом аст, дар ҳамин аср гуфта шудааст. Аммо набояд аз марзи инсоф берун равему асри заррини тамаддуни исломиро, ки ховаршиносони аврупоӣ, аз ҷумла Адам Метс аз он ба унвони «растохези исломӣ» ёдовар мешаванд [3, 3-9], бархоста, аз нимҷазираи Арабистон донем. Зеро тавре мушоҳида мешавад, аз даҳ маркази илму фарҳанги исломӣ, ки зикр кардем, нӯҳ шаҳри он хориҷ аз гаҳвораи ислом қарор дошта, дар бештари авқот ҷузви импературҳои Сосониёну Рум будаанд. Яъне, падид омадани ин марказҳо ҳодисаи тасодуфӣ набуда, бар ҳасби заминаҳои таърихии ҳазорсола ва имкону тавоноиҳои марказҳои суннатӣ шакл гирифтааст.

Дар инҳисори як шахр ё минтақа қарор нагирифтани маркази нашри андешаву дониш имкон дод, ки дар як вақт даҳҳо маркази бузурги илму дониш падид ояд. Дар навбати худ, табодули илму таҷриба миёни марказҳои илмиву фарҳангӣ ба миён омад. Ин боз сабаби он шуд, ки миёни аҳолии шаҳрҳову минтақаҳои гуногун робитаи отифӣ ва наздикӣ пайдо шавад. Яъне, дар миёни мардумон робитаи наздикӣ пайдо шуд, ки барои нигоҳ доштани онҳо дар таркиби як империя осонтар гардид.

Ҳамин тавр, аз шароити фароҳамомада истифода карда, ташнагони дониш ба марказҳои илмӣ сафар мекарданд, ки онро риҳла رحله меномиданд. Сафарҳои илмӣ, ки истилоҳан аз он ба риҳла таъбир мешавад, барои дастёбӣ ба сарчашмаи донишҳо ва улуми нав ва интиқоли мероси илмӣ, ки маъмулан дар заминаи ҳадис ва фиқҳ сурат мегирифт, бахше аз бедории илмии ин давраро шакл медиҳад. Бидуни шак, оёти Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ дар таҳрики мусофирон, илм нақши муассир доштааст. Мусофират кардан барои донишандӯзӣ ва дидори устодон бар камоли илмӣ меафзуд. Зеро устодон, ҳар як дар истилоҳоти донишҳо шеваи хосе доштанд ва дидори донишмандон ва устодони саршумор дар боз шинохтани ин истилоҳот, ки роҳ ва равишҳои барои омӯзиш ва расидан ба дониш буд, судманд будааст.

Баъзе раҳҳолон дороии худро бар сари ин кор мениҳоданд. Абӯ Амр Аҳмад бинни Умари Мутаррризи Бикрободӣ (ваф. 401қ. / 1011м. ), ки ба манотиқ ва шаҳрҳои чун Сиистон, Буст, Ҳирот ва Нишопур сафар кард, моли фаровоне дар ин роҳ хазина кард. Абӯ Бакр Муҳаммад бинни Абдуллоҳ Ҷузқии Нишопурӣ (ваф. 388 қ. / 998м. ) ба шаҳрҳои бисёре сафар кард ва ба гуфтаи худ сад ҳазор дирҳам харҷ кард ва дирҳаме аз онро ба касб напардохт. Лекин баъзе дар канори донишандӯзӣ ба тиҷорат низ мепардохтанд ва аз ин роҳ амволи фаровон гирд меоварданд. Гузоришҳои фаровоне аз сафарҳои илмӣ, аз шаҳрҳои чун: Гургон, Рай, Бардаъа ва Бағдод то дурдасттарин манотиқи ҷаҳони ислом, яъне Андалус, ба қаламрави Сомониён ва билъакс, аз Хуросону Мовароуннаҳр ба дигар марокизи илмии ҷаҳони ислом дар даст аст.

Аз чеҳраҳои барҷаста ва пешгом дар ин ҳаракати илмӣ метавон аз касоне ҳамчун: Абӯ Муҳаммад Шаъронӣ, Абӯ Абдуллоҳ Арғиёнӣ, Абӯ Яълои Тамимӣ, Ибни Ҳиббони Бустӣ, Шайхи Ҷалил, Абӯ Бакр Қаффоли

Шошӣ, Ибни Мандаи Исфаҳонӣ ва Ҳокими Нишопурӣ ёд кард. Абӯ Муҳаммад Фазл бинни Муҳаммад бинни Мусайяби Шаъронӣ (ваф. 895 м.) муҳаддис, адиб ва фақеҳи раҳҳол аз қарияи Ривази Байҳақ бархоста буд. Гуфта мешавад, ки вай ҷуз Андалус ба тамоми шаҳрҳои исломӣ сафар кард. Аз ин рӯ, китобҳоеро ривоят кард, ки касе пас аз вай ривоят накардааст. Риҳла дар фарҳангҳо ба маънои сафар, мусофират, саёҳат ва ҳатто кӯч бастан тафсир шудааст. Дар яке аз сураҳои маъруфи Қуръон, ки бо номи Қурайш маъруф аст, ин калима зикр шуда, дар ду ояти аввали он чунин гуфта мешавад: «Барои улфат додани Қурайш ва улфати онҳо дар сафарҳои зимистонӣ ва тобистонӣ». Яъне, мусофирату муҳоҷиратро таълимоти исломӣ яке аз шартҳои такомулу таолии инсон донистааст. Зеро сафар инсонро аз ҳолати рӯзмаррагӣ, печидагиҳову якнавохтиҳои рӯзгор берун оварда, дастёбии ӯ ба танавуи дидорӣ ва шунидориро имконпазир сохта, таҷрибаи зиндагии ӯро низ бештар мекунад. Мусофират эътимод ба нафси як шахсро боло бурда, ангезаҳои наверо дар тафаккури инсон эҷод ва руҳияи худшиносии ӯро беҳтар мекунад. Барои аз байн бурдани хастагиҳои ҷисмию зеҳнӣ ва расидан ба нишоту шодобӣ низ сафар муфиду судманд аст. Сафар барои тиҷорат ҷоиз буда, аммо на ҳар сафар лозим дониста шудааст. Ҳатто дар баъзе мавридҳо ҷаҳонгардони дунёталабро низ накуҳиш кардаанд:

Дар сафар чун пайи шикам гардӣ,
Аз куҷо садру муҳташам гардӣ?

Дар сарчашмаҳову осори таърихиву адабӣ низ сафар кардан барои мардум амре зарурӣ дониста шуда, пизишкону равоншиносон низ онро муфид ва барои рушди фикрии инсонҳо муфид донистаанд. Ин байти маъруфи Саъдӣ низ сафарро ситоиш мекунад:

Бисёр сафар бояд, то пухта шавад хоме,
Сӯфӣ нашавад софӣ, то дар накашад ҷоме.

Яке аз дигар авомиле, ки муҷиби равнақи риҳла ва бемамониат сафар кардан ба шаҳрҳои гуногуни қаламрави исломӣ гардид, ин густариши забони умумӣ ва расмии уммати исломӣ буд. Забони арабӣ, ки ба эътирофи донишмандони ҷаҳон яке аз забонҳои ғанӣ ва қавӣ ба шумор меояд, ҷойгоҳи вижа касб карда, дар ташаккули забонҳои соири милали мусулмон нақши калидӣ ифо кард [1, 324]. Бо вуҷуди он ки хилофати исломӣ милалу ақвоми гуногуннажодро муттаҳид мекард, вале забони ниҳоии илм дар ин давра забони араб буда, мусаллат будани тамоми олимони қаламрави исломӣ бо ин забон онро тақвият мебахшид. Чун аксари донишмандони сарфу наҳви арабӣ ғайриарабҳо буданд. Чанд забон донистани устодони ғайриараб дар навбати худ муҷиби радду бадал гаштани ахбору иттилоот ва огоҳии мардумони минтақаҳои мухталиф аз дастовардҳои ҳамдигар буд.

Абӯ Муҳаммад Аҳмад ибни Абдуллоҳи Музнӣ, ки ба Шайхи Ҷалил маъруф аст, сокини Бухоро гашта, соли 967 дар ҳамин шаҳр аз дунё рафт. Ӯ баръакси бештари аҳолии Мовароуннаҳр, ки ҳанафимазҳаб буданд, пайрави мазҳаби шофеӣ буд. Ӯ тамоми шаҳрҳои Хуросонро барои касби илм паси сар карда, дар Гургон, Рай, Аҳвоз, шаҳрҳои Ироқ, Ҳиҷоз, Шом ва Миср низ илми ҳадис омӯхт. Тамоми олимони ин давра, аз ӯ ҳадис нақл кардаанд [2, 227]. Дар ин давра шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр асосан

пайрави мазабҳои ҳанафӣ ё шофеӣ буданд. Аммо донишмандони ин мазҳабҳо бар сари ихтилофҳои ҷузъӣ бо ҳам баҳсу пархош ва гоҳе ҷангу хунрезӣ мекарданд [6, 126-145].

Яке аз олимони барҷастаи ин давра, муаллифи китоби маъруфи «Таърихи Нишопур» Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Ҳокими Нишопурӣ (933-1015) мебошад. Ӯ асосан донишманди соҳаи ҳадис буда, ба Ироқ сафари дуру дароз кард. Аз рӯи маълумоти сарчашмаҳо Ҳокими Нишопурӣ дар назди ду ҳазор устод дониш андӯхт. Танҳо шумори касоне, ки дар Нишопур аз онон ҳадис шунид, ба ҳазор тан мерасид [4, 875].

Аз қисмати ғарбии хилофати исломӣ, хусусан шаҳрҳои Ироқ, Миср, Сурия ва Ҳиҷоз толибилмони бешуморе ба Бухоро, Нишопур, Чоч, Самарқанд ва ғайра омада, дар мадрасаҳо, ҳавзаҳои илмӣ, дӯконҳо, работ ва дигар маконҳое, ки ҷойи ҷамъшавии донишмандон буд, дарс меомӯхтанд. Абӯ Муҳаммад Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Хаворӣ аз шаҳри Рай, Ибни Бобуя аз ғарбии Эрон ба Нишопур ва Бухоро омада дарс хонд. Донишмандони зиёде аз шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр то ба Андалус рафта, дар ҳузури донишмандони ин кишвар илму дониш омӯхтанд. Теъдоди чунин ашхос ба ҳазорон нафар мерасид, ки дар китобҳои шарҳиҳолӣ ва тазкираҳо дар бораи онҳо маълумот дода мешавад. Ибни Надим аз ҷумлаи чунин муаллифҳо мебошад, ки дар китоби машҳури худ «ал-Фехрист» дар ин бора маълумот додааст [5, 237-323]. Дар бораи чигунагии сафарҳо, шароити он ва душвориҳои бешумори он дар солҳои охир мақолаҳои зиёде таълиф мешавад, ки гувоҳи ҷолиб будани ин мавзӯъ миёни донишмандон мебошад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки сафари илмӣ барои фаро гирифтани дониш яке аз равишҳои маъмул дар асрҳои миёна буда, Сомониён барои густаришу равнақи он дар қаламрави худ саҳми босазо гузоштаанд. Амният яке аз шароити аслии сафар барои илм дониста мешавад. Ин равиш дар асрҳои минбаъда низ идома ёфт ва то замони ҳуҷуми муғулҳо пойдор монд. Пас аз ин давра буд, ки илму дониш ба ҳолати заволу рукуд гароид ва кишварҳои мусулмонӣ яке пас аз дигаре гирифтори хурофотпарастӣ шуда, аз қофилаи илму адаб қафо монданд.

**Адабиёт**


*1. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Муқаддасӣ (Мақдисӣ). Аҳсан-ут-тақосим фӣ маърифати-л ақолим. Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. / Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Муқаддасӣ (Мақдисӣ). -Теҳрон, 1385. - 434 с.*

*2. Абдулкарим ибни Муҳаммади Самъонӣ. ал-Ансоб. Ба кӯшиши Абдураҳмон Муаллимии Ямонӣ. / Абдулкарим ибни Муҳаммади Самъонӣ. - Ҳайдарободд, 1962. - 485 с.*

*3. Мец А. Мусульманский реннесанс. Перевод с нем. Д.Е. Бертельса. / Мец А. -М., 1973. - 155 с.*

*4. Муҳаммадризо Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. / Ноҷӣ Муҳаммадризо. -Душанбе, 2011. -995 с.*

*5. Муҳаммад ибни Исҳоқ Ибни Надим. ал-Феҳрист. Ба кӯшиши Ризо таҷаддуд. / Муҳаммад ибни Исҳоқ Ибни Надим. -Теҳрон, 1346. - 622 с.*

*6. Сайфуллоҳи Муллоҷон. Низои ҳанафиёну шофеиён дар шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр //Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Сайфуллоҳи Муллоҷон. –Душанбе: Эр-граф, 2017. - с. 126-145.*

УДК 338.2.

# САҲМИ АБУРАЙҲОНИ БЕРУНӢ ДАР РУШДИ ИЛМИ ҶАҲОНӢ

***Шарипов Абдулваҳҳоб Маҳдиевич*** *- муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ. Сурога: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 985085842*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи ҳаёт ва фаъолияти яке аз барҷастатарин мутафаккир ва олими асрҳои миёна Абӯрайҳони Берунӣ изҳори андеша кардааст. Муаллиф дар бораи саҳми беҳамтои мутафаккир дар соҳаи илм, бахусус, илмҳои риёзӣ, ситорашиносӣ, геометрия, геодезия, нуҷум ва ғайра сухан рондааст. Хидмати шоёни мутафаккир дар он аст, ки ӯ, аллакай, дар асри X дар бораи озмоишу санҷиш дар илм сухан рондааст. Мутафаккир на танҳо дар як соҳаи илм, балки дар чандин соҳаҳои илм хидмати шоён кардааст. Илова бар хизмат ба соҳаи илм, мутафаккир инсони одил ва инсонпарвар будааст. Ӯ доимо ба масъалаҳои иҷтимоӣ аҳамият дода, аз аҳволи мардуми одӣ хабар доштааст. Инчунин, дар мақола саҳми олими намоёни халқи тоҷик Абӯрайҳон Берунӣ инъикос гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *илм, ҳақиқат, таҷриба, озмоиш, нуҷум, натиҷа, кӯшиш, талаб, андеша, кашфиёт, ихтироъ.*

## ВКЛАД АБУРАЙХАНА БИРУНИ В РАЗВИТИЕ МИРОВОЙ НАУКИ

***Шарипов Абдулвахxоб Махдиевич*** *- старший преподаватель Таджикского государственного финансово-экономиченского университета. 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Тел.:+992985085842.*

*В данной статье автор высказал свое мнение о жизни и деятельности одного из значительных мыслителей и ученых Средневековья – Абурайхана Бируни. Автор проводит научный анализ вклада мыслителя в науку, в том числе математических наук, астрономии, геометрии, геодезии и др. Заслуга мыслителя заключается в том, что он уже в X веке говорил об экспериментах и испытаниях в науке. Ученый работал во многих направлениях науки своего времени. Мыслитель обращал также внимание к социальным вопросам и был в курсе происходящего в жизни людей. Статья отвечает требованиям научных статей, в ней рассмотрен вклад известного таджикского ученого – Абурайхана Бируни в мировую науку.*

***Ключевые слова:*** *наука, истина, эксперимент, астрономия, результат, стремления, требования, мысль, открытие, изобретение.*

## CONTRIBUTION OF ABURAYKHAN BIRUNI IN THE DEVELOPMENT OF GLOBAL SCIENCE

***Sharipov Abdulvahhob Mahdievich,*** *Senior Lecturer of the Department of Humanities of Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel: +992938982388.*

*In this article, the author expressed his opinion about the life and activities of one of the most prominent thinkers and scientists of the Middle Ages - Aburaihon Berun. The author tells about the unique contribution of the thinker to science, in particular, mathematical sciences, astronomy, geometry, geodesy, etc. The thinker's merit lies in the fact that already in the 10th century he spoke about experiments and trials in science. The scientist worked not only in one science, but also in many branches of science. In addition to serving science, the thinker was an honest and fair person. He constantly turned his attention to social issues and was aware of what was happening in people's lives. The article meets the requirements of the writing of scientific works, it contains in detail and briefly the contribution of the remarkable Tajik people - Aburaihona Beruni to world science.*

***Key words:*** *science, truth, experiment, astronomy, testing, results, requirements, idea, invention.*

Ҳангоми омӯзиши осору фаъолияти олимони Шарқ дар асрҳои миёна, аз он ба ҳаяҷон омадан мумкин аст, ки чӣ гуна дар он замон онҳо

ба чунин дастоварду комёбиҳо дар соҳаҳои гуногуни илм ноилу сарфароз гаштаанд. Дар воқеъ, онҳо шабу рӯз бо илм машғул будаанд ва сарфи назар аз маҳдудиятҳои замон аз худ осори гаронбаҳо боқӣ гузоштаанд. Саволе ба миён меояд, ки чаро онҳо чунин ҷонфидоӣ ва аз куҷо барои омӯзиши илм қувват пайдо мекарданд? Яке аз чунин олимони бузург, ки то ба охири ҳаёт қуввату тавоноии ҷавониро дар худ нигоҳ медошт ва бо майлу рағбат, бо саъю кӯшиш ба омӯзиши донишҳо машғул буд, Берунии Бузург аст. Номи пурраи ин донишманди хирадманди нобиға Абу Райҳон Муҳаммад ибн Аҳмад ал Берунӣ аст. Ӯ 4 октябри соли 973 дар наздикии шаҳри Кот, пойтахти қадимаи Хоразм таваллуд шудааст. Ҳоло ҷойи таваллуди вай номи ин олими бузургро соҳиб гаштааст, яъне он шаҳр Берунӣ ном дорад ва дар Ӯзбекистони (Қарақалпоқистон) муосир ҷойгир шудааст. Берунӣ 13 декабри соли 1048 дар шаҳри Газна аз дунё гузашт. Дар соли 1973 бо қарори ЮНЕСКО ва Конгресси байналхалқии олимони шарқшинос ҳазорсолагии ин олими бузурги Осиёи Марказиро ҷашн гирифта буданд [13, 45].

Беруниро олими доиратулмаориф меноманд, ки ин гувоҳи маълумоти васеи ӯ аст, чунки дар соҳаҳои гуногуни илм кашфиёти гуногун кардааст. Кашфиёти Берунӣ дар чунин соҳаҳои илм назаррас аст: риёзиёт, нуҷум, кимиё, физика-табиатшиносӣ, заминшиносӣ-геодезия, қабатшиносӣ-геология, маъданшиносӣ, ҷуғрофия ва хариташиносӣ, таърих ва этнография-қавмшиносӣ, фалсафа, иллоҳиёт, дорусозӣ ва забоншиносӣ. Осори илмии Берунӣ қариб ба 150 адад мерасад, аммо мутаассифона, на ҳамаи онҳо то ба замони мо расидаанд.

Чунин осори гаронбаҳои олим сабаби он гардид, ки олимони барҷастаи аврупову дигар манотиқи дунё асри X-ро асри Берунӣ номиданд. Вай давру замони худро бо сабаби ҷонфидоиаш дар роҳи илм ба чанд аср пештар гузашта буд. Бояд гуфт, ки ин шахсияти таърихӣ дар ҷодаи илм дар аҳди Сомониён таваллуд шудааст. Дастгирии олимон дар дарбори Сомониён сабаби пешравии илм гардид. Сомониён чунин олимонро гулчин карда, аз тамоми гӯшаҳои сарзамин даъват намуда, дар дарбор қадрдонӣ варзида, ба онҳо имкониятҳои машғули илм шуданро фароҳам месохтанд. Ин хидмати Сомониён дар соҳаи илм бесамар намонд. Беҳуда он давраро, яъне асрҳои 9-10-ро асри тиллоии тоҷикон ва ислом меноманд.

Аммо сабаби асосии чунин ном ва эътиборро соҳиб гаштани Берунӣ аз меҳнату машаққати зиёди худи ӯ дар роҳи илм аст. Берунӣ назарияро бо амалия пайваста, таъкид мекард, ки он донишҳое, ки мо дорем, онҳоро бояд дар таҷриба ва бо санҷиш озмоишу исбот намоем. Инчунин, мефармуд, ки бояд муҳаққиқ мушоҳидакору дақиқкор бошад, натиҷаҳои кори худро бодиққат аз назар гузаронад ва аз сари нав бисанҷад. Танҳо чунин усулро истифода бурда, ба дониши дуруст муяссар метавон гашт. «Илм, - таъкид мекард Берунӣ, - бояд танҳо такя ба таҷриба ва мушоҳида кунад» [16, 50]. Хулосаҳои илмии Берунӣ натиҷаҳои чандкаратаи таҷрибаҳо ва мушоҳидаҳои худи ӯ ба шумор меравад.

Сарчашмаи чунин дақиқкорӣ дар осори Берунӣ бо муҳити зисти ӯ вобастагӣ дорад. Берунӣ дар муҳити ҳунармардону косибон ба воя расидааст, ки ин омилҳо сабаби диққаткории вай дар фаъолияти минбаъдаи илмиаш шудаанд. Бинобар ин, дар оянда барои олим табиӣ буд, ки вай рӯ ба ҳалли вазифаҳои амалӣ ва воқеӣ меовард, ки дар навбати

худ онҳо бо талаботи ҳаёт алоқамандии зич доштанд. Дар он давра Хоразм яке аз марказҳои пешрафта буд, чунки ба воситаи вай корвонҳо ба шимолу ҷануб ҳаракат мекарданд ва мардуми бисёре аз шаҳру минтақаҳои гуногун ба ин шаҳр меомаданду бо худ ахбору донишҳои навро оид ба дунё меоварданд. Берунӣ дар китоби «Дар бораи растаниҳои шифобахше, ки дар тиб истифода мешаванд», гуфтааст, ки - «Аз ҷавонӣ табиатан, мувофиқи синну солам ва шароитҳо ман ба аз худ кардани донишҳо рағбати бениҳоят зиёди ҳарисона доштам. Барои гувоҳии гуфтаҳоям ин қисса кифоя аст: дар сарзамини мо он вақт як юноние муқимӣ шуда буд ва ман ба вай гандум, тухмиҳо, мевагиҳо, растаниҳо ва дигар чизҳоро меовардаму аз вай пурсон мешудам, ки ба забони юнонӣ инҳо чӣ ном доранд ва онҳоро менавиштам» [4, 139].

Мутафаккир аз ҷавонӣ бо доираҳои илмии Хоразм иртибот дошт. Устоди ӯ Абу Наср Мансур яке аз уламои машҳури илми нуҷум ва риёзӣ буд. Бо ҳамроҳии устодаш дар синни 17-солагӣ вай дар баҳисобгирии арзи хати ҷуғрофии шаҳри Кот иштирок карда буд. Баъди ин кори илмӣ дигар корҳои илмии ӯ вусъат ёфтанд. Дар синни 21-солагӣ Берунӣ устурлоберо сохт, ки ба воситаи он офтобгириро мушоҳида мекард ва аввалин касе буд, ки шакли глобусро бо қутри 5 метр сохта буд. Аллакай, дар синни 22-солагӣ вай муаллифи чандин корҳои илмӣ буд, ки яке аз онҳо «Хариташиносӣ» - китоб дар бораи тартибдиҳии харитаҳо ва усули тақсими ҳаҷм ба сатҳо мебошад [7, 7].

Барои пурра фаҳмидани осор, зиндагӣ ва бузургии мутафаккир баъзе кашфиёту ихтироъҳои ӯро меоварем, ки қатрае аз дарёи илмии хирадманд ҳастанд. Берунӣ дар наздикии шаҳри Кот расадхонае сохта буд ва аз тариқи он осмонро мушоҳида мекард, аммо ин дер давом накард, чунки ҷангҳои пай дар пай байни амирону хонҳое, ки дар он замон рух медоданд, на танҳо ба ҳаёти осоиштаи мардум, ба некуаҳволии халқ, инчунин ба рушди илму фарҳанг низ зарар мерасонданд. Баъд аз забт кардани лашкари Амири Урганҷ Хоразмро, Берунӣ ба шаҳри Гургон, ки дар соҳили шарқии баҳри Хазар воқеъ аст, кӯчид. Ҳокими Гургон Шамсулмаолии Кайковус ибни Вушмагир (бобои Унсурмаолии ибни Искандар ибни Кобус ибни Вушмагир), ки худаш олим буд ва ҳамчун ҳимоягари илму олимон ва аҳли адаб машҳур буд, бинобар ин, Берунӣ бо умедҳои зиёд ба ин сарзамин омад, то ин ки дар инҷо барои фаъолияти илмиаш шароитҳои лозимаро пайдо намояд ва ин тавр ҳам шуд. Зеро дар ин сарзамин Берунӣ қариб шаш сол зиндагӣ кард ва китоби худ «Солнома»-ро ба забони тоҷикӣ навишт, ки боз бо чунин ном «Таърихи наслҳои гузашта - Осорулбоқия» ҳам машҳур аст ва ин асари худро Берунӣ ба Шамсулмаолии Кайковус ибни Вушмагир ҳокими Гургон бахшид. Дар ин вақт Берунӣ ба синни 27-солагӣ расида буд, ки ин асари «Таърихи солномаи халқҳои қадим»-ро сохт, ки дар он тақвимҳои дар он замон маълумро, ки мардумҳои гуногуни дунё онҳоро истифода мебурданд, ҷамъоварӣ карда навишт. Дар ин таълифот олим солшумориҳои халқҳои гуногунро омӯхта, дар асоси онҳо усули умумии сохтани тақвимҳоро пешниҳод кардааст, аз ҷумла барои кишоварзӣ ва обу ҳавосанҷӣ. Дар ин асар таърихи маданият, урфу одатҳо ва анъанаҳои халқҳое, ки аз он ҷумла дар Хоразм маскан гирифта буданд, тасвир шудааст, инчунин солшумории онҳо ва дигар халқҳоро, ки дар давраҳои гуногун истифода мебурданд, низ

ба таври муфассал навиштааст. Дар шаҳри Гургон боз китоби дуюми худро, ки бо номи «Калиди илми нуҷум» маъруф аст, навиштааст [10, 77].

Дар соли 1004 бо даъвати шоҳи нави Хоразм Али ибни Маъмун олим ба ватани худ ба Хоразм баргашт. Пойтахти нави Хоразм шаҳри Урганҷ шуда буд ва ба пойтахти нав бо таклифи Хоразмшоҳ олимони зиёде ҷамъ омаданд. Дар ин давра ҷамъияти илмӣ бо ном «Академияи Маъмун» ташкил шуд, ки роҳбарӣ ва ташкилотчии илмии ин муассисаро Берунӣ ба уҳда гирифта, дар корҳои вай фаъолона иштирок мекард. Берунӣ дар Академияи Маъмун бо ҳамроҳии Абуаӣ ибни Сино тадқиқотеро дар риштаи кимиё гузаронидаанд, ки натиҷаҳои онро Берунӣ дар мақолааш оид ба «Хаҷми нисбӣ» ва Ибни Сино дар «Рисолаи санги хирадмандона» (1005 сол) овардаанд. Берунӣ дар назди дарбори шоҳи Хоразм то соли 1017 фаъолият кардааст. Ба ғайр аз корҳои илмӣ вай дар дарбор фаъолияти давлатиро оид ба супоришҳои муҳими сиёсати дарунӣ ва байналхалқиро низ адо мекард, ки ин аз сатҳи баланди маданияти умумии мутафаккир шаҳодат медиҳад [9, 187].

Дар давраи ҳаёт дар Ғазна, баъди истилоҳи Хоразм аз ҷониби Султон Маҳмуд, вай як қатор асарҳоро оид ба ҷуғрофия, нуҷум, маъданшиносӣ-геология ва дигар илмҳо эҷод кард. Маҳз дар он давра Берунӣ муайян ва исбот кард, ки рушноӣ нисбат ба садо зудтар паҳн мегардад. Дар соли 1038 Берунӣ асари навбатии худро дар соҳаи маъданшиносӣ «Китоби маълумотҳо оид ба омӯзиши сангҳои қиматбаҳо»-ро таълиф кардааст, ки дар он вазни хоси маъданҳоро муайян кардааст ва дар бораи зиёда аз 50 намуди маъдан ва фулузотро шарҳ дода, оид ба онҳо маълумоти мушаххасу муфассалро овардааст. Дар соҳаи обумаъданшиносӣ-гидрогеология, вай аввалин олиме буд, ки шарҳи дурусти пайдоиши чашмаҳои табиӣ ва обҳои зеризаминиро пешниҳод кардааст. Тахминан дар ин солҳо вай зичии маъданҳо ва сангҳои қиматбаҳоро андозагирӣ ва чен карда буд, ки аз нуқтаи назари илми муосир натиҷаҳои Берунӣ бағоят аниқанд. Ин намуди ченкунӣ, ки ҳамчун «ҳаҷмӣ» маълум аст, то ба ҳол дар тадқиқотҳои саҳроӣ ва экспедитсионӣ дар хокшиносӣ, муҳандисӣ, маъданшиносӣ ва қабатшиносӣ бомуваффақият ба кор бурда мешаванд [2, 271-291].

Дар нимаи асри XIX дар Аврупо дастнависи ал-Хазинӣ бо ном «Китоби мизони ҳикмат» ёфт шуд, ки дар он нусхаҳои асари Берунӣ «Оид ба муносибат байни фулуз ва фулузоти асил дар ҳаҷм» оварда шудааст. Инчунин, дар ин асар асбоби ченкунандаи моддаҳо ва натиҷаҳои он навишта шудаанд. Берунӣ тадқиқоти зичии моддаҳоро дар пайвастагии омӯзиши хусусиятҳои об гузаронидааст. Берунӣ нишон додааст, ки ба хусусиятҳои об фаслҳои сол ва ҳолати ҳаво таъсир мерасонанд ва зичии об аз миқдори ғашҳо дар таркибаш ва ҳарорати он вобастагӣ дорад.

Ҳангоми дар Ғазна буданаш Берунӣ бо ҳамроҳии Султон Маҳмуд дар юриши Ҳиндустон иштирок карда буд. Рӯҳбаландӣ ва ҷустуҷӯи донишҳои нав ба Берунӣ илҳому сафои зиёде мебахшид ва аз ин сабаб, дар Ҳиндустон ҳам ба омӯзиши фарҳанги мардуми муқимӣ, урфу одат, забон, дин ва илмҳои онҳо шурӯъ кард. Самараи мушоҳидаҳо ва тадқиқотҳои мутафаккир дар ин марҳила асари ӯ «Ҳиндустон» гардид, ки соли 1030 вайро ба итмом расонд, ки дар он Берунӣ ҷанбаҳои зиёду гуногуни ҳаёти ин сарзаминро равшан сохтааст. Дар ин асар хирадманд тартиботи табақаҳои ҷомеаи ҳиндуиро ва ҷуғрофияи ин кишварро тасвир кардааст,

инчунин асосҳои фалсафаи ҳиндуӣ, тақвим, нуҷум ва риёзиёти онҳоро дар ин китоб баён намудааст. Бартарии ин китоб ва маълумотҳояш дар он аст, ки муаллиф бидуни ягон ғарази диниву қавмӣ онҳоро ҷамъоварӣ намуда, танҳо воқеиятро холисона нишон додааст. Берунӣ дар тадқиқотҳояш усулҳои мантиқии тамсил ва қиёсро васеъ истифода мебурд, чуноне ки худаш гуфтааст: «Ман назарияҳои ҳиндуҳоро чуноне аст, меоварам ва дар баробари он, назарияи тааллуқ ба юнониҳоро оварда, нишон медиҳам, ки то ба кадом андоза онҳо наздиканд» [15, 60].

Муяссар гаштан ба чунин тадқиқоти ҳаматарафа ин боз як гувоҳи истеъдоду маҳорати донишманд буд ва ин рағбат ва қобилият доштани ӯ ба омӯзиши забонҳо буд. Ба ғайр аз забонҳои арабӣ, юнонӣ, суриёнӣ, барберӣ, туркӣ, яҳудӣ ва форсӣ, ки пеш аз ҳиҷрати Ҳиндустон онҳоро ба пуррагӣ медонист, дар он ҷо бошад, забони қадимаи ҳиндуӣ - санскритро аз худ кард, ки ин боиси омӯзиши китобҳои ҳиндуӣ ва дастхатҳои аслӣ гардид. Дар анҷоми навиштани асари «Ҳиндустон» мақоми Берунӣ хубтар шуд. Ба сари тахти шоҳӣ баъди марги Султон Маҳмуд писараш Масъуд (солҳои ҳукмрониаш 1030-1040) нишаст. Масъуд ба Берунӣ некхоҳона муносибат намуда, дар ҳама корҳояш пуштибонӣ мекард. Берунӣ дар ин вақт ба сафари ҳаҷ ба шаҳрҳои Маккаву Мадина меравад. Мутафаккир ба Масъуд асари калони худ оид ба нуҷум ва тригонометрияи мудавварро бахшид ва ба номи ӯ гузошт. Ин китоб ба номи «Қонуни Масъуд» машҳур буда, дар ин асар, ки аз 11 китоб иборат аст, донишманд сурати оламро тасвир кардааст ва дар ин ҷо Берунӣ ҳамчун ситорашиноси бузург ва беҳамтои даврони худ намоён шудааст. Берунӣ табиати оташини Офтобу ситораҳо ва фарқи онҳоро аз ҷисмҳои торик - саёраҳо исбот кардааст. Вай дар бораи андозаҳои бузурги ситораҳо нисбат ба Замин гуфтааст ва боз аввалин маротиба ақида ва назарияи қонуни ҷозибаи умумиҷаҳониро низ пешниҳод карда буд. Бар замми ин, мутафаккир падидаи шафақи субҳу шомро ҳамчун рӯшноии заррачаҳои шӯоӣ, ки дар офоқи Офтоб ниҳонанд, фаҳмондааст. Дар асари «Қонуни Масъуд» Берунӣ дар бораи тригонометрия андешаҳои худро низ нишон додааст. Пеш аз ҳама, вай таърифи шаш (синус, косинус, секанс, косеканс, тангенс ва котангес) вазифаҳои асосии тригонометриро овардаасту аввалин маротиба ҳамнавъ будани онҳоро дар доира фаҳмондааст. Олим ба таври муфассал хусусиятҳои вазифаҳои ҳар яки онро дида баромада, вобастагии алгебравии байни онҳоро дар шакли формулаҳои алоҳида баён кардааст, ки бо илми муосир мувофиқанд. Дар ин ҷо олим ҷадвали вобастагии бузургии тригонометриро тартиб додааст, ки чунин дараҷаи тригонометрияро Аврупо танҳо дар асри XV ноил гаштааст [9, 100].

Тавре таъкид кардем, баъди марги Султон Масъуд ба сари тахт писари ӯ Маъдуд (ҳукмрониаш аз соли 1041 то соли 1049) нишаст. Султони нав ҳам ба Берунӣ эҳтироми зиёде мегузошт ва Берунӣ аз ин сабаб асари тозаэҷоди худро «Китоб оид ба муайян кардани сангҳои қимматбаҳо», ки соли 1048 таълиф шудааст ва ҳамчун «Маъданшиносӣ-минералогия» машҳур аст, ба Султон Маъдуд бахшид [5, 141-160].

Берунӣ дар бахши нуҷум зиёда аз 44 асар навиштааст. Китоби машҳураш ҳамчун муқаддимавӣ, яъне ворид шудан ба илми нуҷум, бо номи «Китоби фаҳмондани асосҳои илми нуҷум» машҳур аст, ки дар соли 1029 таълиф шудааст ва то ба замони мо ҳам бо забони арабӣ ва ҳам форсӣ омадааст. Ин китоб аз 530 савол ва ҷавобҳо роҷеъ ба ҳандаса, арифметика,

нуҷум, ҷуғрофия, солнома ва сохти устурлоб иборат аст. Асбобҳои асосии нуҷумие, ки дар он давра ба кор бурда мешуданд, Берунӣ онҳоро пурра ва комилтар сохт. Ин ва дигар кашфиёту ихтироъҳо ва натиҷаҳою хулосаҳои Берунӣ дар соҳаи нуҷум яке аз нодиртарин ва беҳтаринҳо дар тӯли асрҳои оянда ба ҳисоб мерафтанд, ба монанди: аз ҷониби мутафаккир сохтани аз ҳама калонтарин девори квадрант (олоти астрономие, ки барои муайян кардани ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ истифода бурда мешавад) бо андозаи 7,5 метр барои мушоҳидаҳояш, ки то 400 сол баъди Берунӣ калонтарин дар дунё ба ҳисоб мерафт, - асбоби зовиясанҷ, ки чен кардани ҳолати Офтобро имконият медод, инчунин Берунӣ усули нави муайян кардани радиуси - хати рости Заминро (зиёда аз 6000 км.) дар асоси фаҳмиши байзашакл будани он такмил додааст. Дастовардҳои ӯ оид ба ченаки хамии мадори Офтоб нисбати хати истиво (экватор) дар муддати асрҳо аниқтарин ба ҳисоб мерафт [9, 200].

Берунӣ дар айёми зиндагиаш дар Ҳиндустон аз забони юнонӣ ба забони санскрити ҳиндуӣ китоби «Оғоз»-и Евклид ва дигар китоби юнониҳо «Алмагест»-и Птолемейро низ тарҷума кард, то ки олимони ҳинд бо асарҳои олимони юнонӣ шинос шаванд. Ин гувоҳи он аст, ки олим ба рушди илми ҷаҳонӣ ва умуман, паҳн кардани илм дар кураи Замин саҳми бағоят калони худро гузоштааст. Ҳамчунин, китоби худ «Устурлоб»-ро низ ба забони ҳиндуӣ тарҷума кардааст. Дар ин давра олим китоби нави худро бо ном «Ватар (хорда)»-ро ба итмом расонд, ки дар ин рисола муайян кардани ватарро дар доира бо истифода бурдани хати шикастае, ки даруни доира аст, нишон додааст. Яке аз хизматҳои бузурги Берунӣ он аст, ки маҳз ба воситаи тарҷумаҳои вай олимони арабу форс аз дастовардҳои олимони ҳиндуӣ ахборот пайдо карданд. Берунӣ гарчанде ки ҳамчун фарзанди тоҷик бо тамоми вуҷуду эҳсосоташ эҳтиром ба фарҳангу забони қадимаи форсизабонон дошт, вале мегуфт, ки забони арабӣ барои баён намудан ва исботи ақидаҳо ва назарияҳои илмӣ комилтарин забон аст [1, 71-91].

Берунӣ ҳамчун файласуф Парвардигорро офарандаи кулли мавҷудот медонист. Табиатро тағйирёбанда ва инкишофкунанда ҳисоб мекард ва инро қувва ва қонуни табиат номидааст. Берунӣ имконияти дарк кардан, фаҳмишу омӯзиши табиатро аз тарафи инсон ба воситаи амалҳои узвҳои эҳсос, ақлу шуур, амалҳои мантиқӣ ҳимоя ва таъкид мекард. Фалсафаи ҳиндуиро мисли фалсафаи юнониҳо ба кулли омӯхтааст. Масъалаҳои руҳ ва ҷисм ва алоқамандии онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст.

Хизмати Берунӣ дар соҳаҳои илми арифметика, алгебра, геометрия ва тригонометрия бузург аст. Андешаҳои вай дар арифметика ба назарияҳои риёзидонҳои юнонӣ наздик аст. Ададҳои умумиро баҳо дода, онҳоро тоқу ҷуфт, одию мураккаб номидааст. Мувофиқи анъана олим ададҳоро ба шаклӣ, мураббаӣ ва кӯбӣ тақсим кардааст. Инчунин, амалҳои ададҳои пуррaро ба монанди афзоиши онҳо дар дараҷа ва баровардани решаро фаҳмондааст. Бар замми ин, дар бобати назарияи касрҳо ва амалиёт гузарониданро бо онҳо такмил додааст.

Фикрҳои худро мансуб ба алгебра Берунӣ дар асараш «Илми ахтарон» овардааст. Дар оғоз олим амалҳои асосиро дида баромадааст, ки бо ёрии онҳо муодилаҳои алгебравиро ба ҳадди хеле одӣ расондан мумкин аст ва қоидаҳои аломатҳоро дар ин асар таҳлил кардааст. Муодилаҳоро ба намудҳо тақсим карда, ҳалли онҳоро фаҳмондааст. Дар ин асар Берунӣ андешаҳои худро оид ба геометрия - ҳандаса низ баён кардааст. Дар

сароғоз таърихи пайдоиши ҳандасаро ва пасон таърифи мафҳумҳои геометриро овардааст, ки ба геометрияи евклидӣ наздиканд. Дар баробари ин, олим тавсия менамояд, ки барои омӯзиши геометрия бояд аз таърифи ҷисмҳо, сипас омӯзиши сатҳҳо, хатҳо ва нуқтаҳо шурӯъ намоянд. Хатҳои мувозиро ҳамчун хатҳои рост мешуморид, ки дар як сатҳи ҳамворӣ ҷой гирифтаанд ва масофаи байни худро иваз намекунанд.

Дар охири умри худ Берунӣ асари «Дар бораи растаниҳои шифобахше, ки дар тиб истифода мешаванд» офарид. Дар китоб 1116 боб аст, ки дар онҳо номгӯи растаниҳои шифобахш бо забонҳои гуногун тавсифу таълиф шудаанд. Дар ин китоб Берунӣ маълумоти муфассалро оид ба 880 растанӣ овардааст ва 4500 номгӯи ин растаниҳоро бо забонҳои арабӣ, юнонӣ, сурияги, ҳиндуӣ, форсӣ, хоразмӣ, суғдӣ ва туркӣ пешниҳод кардааст, ки то ба имрӯз ин асар аҳамияти илмӣ оид ба дорусозӣ дар тибро дорад [8, 330].

Усули сохташудаи транскриптсияи Берунӣ, ки дар асоси алифбои арабӣ бунёд шудааст, то ба ҳол беҳтарин усул дар бораи интиқоли калимаҳои ҳиндуӣ ба забони урдуи муосир ба ҳисоб меравад.

Берунӣ бениҳоят одамдӯсту мушфиқу меҳрубон буд ва нисбат ба ҳама мардум, новобаста аз қавму нажоду мақому динашон некхоҳона рафтору гуфтор мекард. Дар ҳақатан, вай ҳамчун олиму хирадманди асил инсонпарвар буд. Новобаста аз вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, ки дар гирду атрофаш рух медоданд, дар кадом ҳолате, ки намебуд, вай то охири умр ҳамеша тадқиқотчӣ, муҳаққиқ ва донишманд боқӣ мондааст.

Новобаста аз он ки то ба замони мо, тибқи баъзе олимон, ҳамагӣ аз панҷ як ҳиссаи асарҳои Берунӣ расидаанд, ҳатто аз рӯи ин асарҳо дар бораи ин шахсияти таърихӣ баҳо додан мумкин ва кифоя аст, ки дар воқеъ, вай яке аз олимҳои бузургтарини таърихи инсоният ба шумор меравад. Чунки мо сифатҳои зиёдеро дар як инсон мебинем, ки чӣ гуна вай назарияҳои бесобиқаро меофарид, ӯ мушоҳидакори бодиққате, озмоишгару санҷишгари барҷаста буд, забондону ҷаҳондон, асосгузору поягузори илми муосир ва хуллас, доиратулмаорифи бузурге буд.

Берунӣ дунё, табиат ва коинотро меомӯхт, аммо ба рӯзгори гузаранда бо тамоми пасту баландиҳояш нигоҳ намекард, аҳамият намедод ва доимо дар ҷустӯҷуи илм буд. Вай таъкид мекард, ки таассуби диниро аз илми воқеӣ ва ҳақиқӣ ҷудо бояд кард. Бо қаҳру ғазаб бар зидди ҷангҳои истилогар ва баробарии ҳамаи халқҳои дунё баромад мекард. Ақидаҳо ва кашфиётҳои Берунӣ на танҳо ба рушди илми Осиёи Марказӣ ва ҳамаи Машриқзамин, балки ба тамоми дунё ва инсоният таъсир расондааст. Дониши таҷрибавиро мутафаккир дурустарин дониш мешуморид ва ӯро бар муқобили дониши мулоҳизавӣ мегузошт, ки натиҷаҳояш мисли хулосаҳои аз таҷриба ҳосилшуда наметавонанд пурра дақиқ ва аниқ бошанд. Берунӣ дар воқеъ, соҳибқирони илми асримиёнагии Шарқ мебошад. Таърихнависи ғарбӣ Ҷ. Сартон дар бораи Берунӣ чунин гуфтааст: «Таърихи нуҷум, математика, ҷуғрофия, антропология, этнография, фалсафа, археология, ботаника ва минералогия бе номи бузурги Берунӣ ятиму бепарастор мемонад».

Берунӣ таъкид мекард, ки мавҷудияти табиат ва тағйирёбии табиатро дар қонунҳои табиат бояд ҷӯст ва ин қонунҳоро танҳо бо воситаи илм фаҳмидан, омӯхтан ва исбот кардан мумкин аст. Он шубҳаҳое, ки дар вақти омӯзиш пайдо мешаванд, онҳоро бо таҷрибаҳои

нав ба нав, пай дар пай, такрор ба такрор бартараф кардан лозим аст. Вай мегуфт, ки то натиҷаву хулосаҳо ва маълумотҳои дақиқу аниқро пайдо накунем, таҷрибаҳоро идома додан шарту зарур ва даркор аст. Номи Беруниро олимони астрономияи ҷаҳонӣ дар харитаи осмонии ситораҳо ворид карданд, ки ин фахри миллати тоҷик аст [14, 304].

Чуноне ки бузургони мо гуфтаанд, «аз гаҳвора то ба гӯр илм омӯз», бешак ин гуфтаҳо ба Берунӣ ба куллӣ дахл доранд, чунки то дами охирин вай илм меомӯхт ва қиссае омадааст, ки «…дар бистари марг буданаш ӯ аз як олими дӯсташ бо ном Абулҳасани Валвалиҷӣ мепурсад, ки «Чӣ гуна ту боре ба ман масъалаҳои нави тақсимоти меросро шарҳ дода будӣ?». Ба саволи Берунӣ дӯсташ тааҷҷуб карда гуфт, ки «Чӣ тавр шумо бо ин ҳол дар ин бобат андеша мекунед ва вақти ин ҳам нест, беҳтараш ором гирифта, дам гиред, хуб мешавад!?». Берунӣ дар ҷавоб аз сабаби ранҷур буданаш бо овози паст гуфт: «Эй дӯсти азизам, ҳар касе, ки ба ин дунё омадааст, ҳатман ӯро тарк мекунад, зеро ҳар як нафс чашандаи марг аст, аммо, ман фикр мекунам ва ақлам низ мегӯяд, ки маҳз ҳозир моҳияти онро бояд бифаҳмам, ки ту ба ман қаблан гуфта будӣ. Беҳтараш инро дониста ман бимурам, назар ба он ки нодониста бимурам». Сонӣ Абулҳасан шурӯъ ба фаҳмондани он масъала карда, онро ба итмом расонд ва баъд аз чанд дақиқа Берунӣ бар хоби гарон рафт. Ин суҳбати охирини илмии олим буд». Чунин буд ин шахси бузурги таърихӣ, доиратулмаорифи аср, ки ба ҳама саволҳо ҷавоб меҷӯст ва ҳамеша дар ҷустуҷӯи донишҳо буд, ки аз ин сабаб, ба ин дастоварду комёбиҳои бузурги илмӣ ноил гашт ва номи худро дар илми ҷаҳонӣ сабт кард.

Олими машҳури илми кимиё ва таърих, зодаи Белгия Ҷорҷ Сартон (1884-1956) инкишофи илмро ба ҳафт давра тақсим сохт ва як давраро бо номи Берунӣ номгузорӣ кардааст. Умари Хайём ӯро устоди худ мешуморид, Ибни Сино дӯсти беҳамтои худ ҳисоб мекард ва умуман, номи Берунӣ дар сафи чунин олимони бузурги инсоният, ба монанди Архимед, Нютон, Ломоносов ва Тесла дар таърих сабт шудааст.

Саҳми Берунӣ дар он аст, ки аллакай дар асри 10 ӯ таҷриба ва санҷишро асоси илм ҳисоб мекард ва аз натиҷаҳои озмоишҳои илмӣ хулосаи назариявӣ мебаровард ва ба дигарон ҳам ин усули илмиро таъкид мекард. Умуман, ӯ неруи бемисли хеш, ҳавсалаи далеронаашро барои таҳқиқот ва билохира ғанои пирӯзиҳо ва кашфиёташро якҷо дар ихтиёри истифодаи тамоми мардум ва тамоми ҷомеаи башарӣ қарор додааст.

**Адабиёт**


1. Абдуллаев Х. М. Бируни и значение его работ для развития науки. //Х. М Абдуллаев// Материалы Первой Всесоюзной научной конференции востоковедов в г. Ташкенте 4-11 июня 1957 г. - Ташкент, 1958. – С. 58-67.

2. Беленицкий А.М. Краткий очерк жизни и трудов Бируни. Опубликовано в Ал-Бируни. // А. М. Белинский// Собрание сведений для познания драгоценностей (минералов). // Издательство АН СССР. - Москва, 1963. - С.271-291.

3. Бируни Абу Райхан. Трактат об определении хорд в круге при помощи ломаной линии, вписанной в него. //Из истории науки и техники в странах Востока, 3, 1963. - С. 93-147.

4. Бируни Абу Райхан. Избранные произведения. - Ташкент: Фан, 1973-1976., - 1347с.

5. Беруни Абу Райхан. Об отношениях между металлами и драгоценными камнями по объёму. // Из истории физико-математических наук на средневековом Востоке. - Москва: Наука, 1983. 141-160 с.

6. Бируни Абу Райхан. Индия. Пер. А. Б. Халидова, Ю. Завадовского, М. Ладомир., 1995. -112 с.

7. Бируни Абу Райхан. Геодезия (Определение границ мест для уточнения расстояний между населенными пунктами) / Исследования, перевод и примечания П.Г. Булгакова. Избранные произведения, Том III. – Ташкент: Фан, 1966. -363с.
8. Бируни Абу Райхан. Фармакогнозия в медицине / Иссл., пер. и прим. У. И. Каримова. Избранные произведения, Т.IV. - Ташкент: Фан, 1973. -1120с.
9. Бируни Абу Райхан. Математические и астрономические трактаты. Пред., пер. и комм. П. Г. Булгакова и Б. А. Розенфельда. Избранные произведения, Т.VII. Ташкент: Фан, 1987. -339 с.
10. Булгаков П. Г. Жизнь u труды Беруни. / П. Г. Булгаков. – Ташкент: Фан, 1972 . -428 с.
11. Захидов В. Ю., Аль-Бируни как мыслитель. / В. Ю. Захидов// Известия АН СССР. Серия: история и философия, 1949. - т. 6. - № 2.- С.30-54.
12. Звездный каталог ал-Бируни с приложением каталогов Хайяма и ат-Туси. // Историко-астрономические исследования. Вып. VIII, 1962. - С. 83-192.
13. Кедров Б. М. Абу Райхан Беруни (к 1000-летию со дня рождения). / Б. М.Кедров, Б. А. Розенфельд. – Москва: Наука, 1973. - 200с.
14. Тимофеев И. В. Бируни – жизнь замечательных людей. // И. В. Тимофеев. - Москва: Молодая гвардия, 1986. -304 с.
15. Абу Рейхан Бируни. Индия. Избр.произв., т. II. [«Индия»]. под редакцией В. И. Беляева. - Ташкент: изд-во АН Узб.ССР., 1963.- 727. с.
16. Шарипов А. Великий мислитель Абурайхан Беруни. //А. Шарипов. -Ташкент, 1972. -175с.

**УДК-347.4.**

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ ШАРТНОМАИ ФАЪОЛИЯТИ ЯКҶОЯ

***Дустов Сулаймон Абдуллоевич -*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 918282148.*

*Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба пайдоиш ва инкишофи шартномаи фаъолияти якҷоя сухан меравад. Муаллиф ба таърихи пайдоиши шартномаи фаъолияти якҷоя ва муносибатҳои вобаста ба он дар Рими Қадим руҷӯъ намуда, қайд кардааст, ки таҳлилҳои маъхазҳои ҳуқуқию таърихӣ маълум менамоянд, ки аломатҳои асосии шартномаи фаъолияти якҷоя ин, пеш аз ҳама, муттаҳидии якчанд шахс, якҷоя намудани молу мулк ва расидан ба мақсадҳои хоҷагидории умумӣ мебошад. Дар мақола, ҳамзамон, қайд гардидааст, ки ҳуқуқи римӣ яке аз маъхазҳои муҳими ҳуқуқии ҷаҳон маҳсуб ёфта, дар он вобаста ба як қатор муносибатҳое, ки дар асоси онҳо фаъолияти одии якҷояи шарикон, ки бо истилоҳи римӣ societas маълум аст, ба чашм мерасад. Аз ҷумла, ҳангоми хариду фурӯши гуломон, сохтани киштиҳо, харидани равган, шароб ва галла чунин иттифоқ ба вуҷуд меомад.*

*Муаллиф, инчунин, дар мақола қайд кардааст, ки муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба шартномаи фаъолияти якҷояро дар ҷомеаи муосир вобаста ба амалӣ кардани фаъолияти соҳибкории якҷояи сохтмони биноҳо, аз ҷумла хонаҳои истиқоматӣ, биноҳои савдо, коргоҳҳои истеҳсолӣ, пешбурди фаъолияти якҷояи тиҷоратӣ мушоҳида намудан мумкин аст.*

***Калидвожаҳо:*** *Истиқлолияти давлатӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи фаъолияти якҷоя, ҳуқуқи римӣ, ширкати одӣ, сулолаи Сосониён, Қонунномаи Сосониён, муносибатҳои муштараки фаъолияти соҳибкорӣ, Қонунҳои XII ҷадвал, ориёинажод, маъхазҳои таърихӣ.*

## ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ДОГОВОРА О СОВМЕСТНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

***Дустов Сулаймон Абдуллоевич**, ассистент кафедры экономического финансового и антикоррупсионого права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 918282148*

*В статье рассматриваются вопросы возникновения и развития договора о совместной деятельности, а также исторические предпосылки появление договора о совместной деятельности, в частности, указано на отношения, связанные с ними в Древнем Риме.*

*Автор отмечает, что анализ исторических источников показывает, что основные признаки договора о совместной деятельности, прежде всего, это объединение нескольких лиц, объединение имущества и достижение общих хозяйственых целей.*

*В статье также отмечается, что римское право - один из основных историко-правовых источников рассматриваемого договора. Именно к нему относятся ряд отношений, основанных на совместной деятельности товарищей, что было известно и бросается в глаза под римским термином societas. Такие союзы возникали, в том числе, при купле-продаже рабов, строительстве кораблей, покупке масла, вина и зерна.*

*Также автор отмечает, что в настоящее время правовые отношения, имеющие признаки договора о совместной деятельности, можно наблюдать во время выполнения совместной предпринемательский деятельности, строительства зданий, в том числе жилых помещений, торговых центров, заводов и осуществлении совместных торговых отношений.*

***Ключевые слова:** Государственная независимость, Конституция Республики Таджикистан, Гражданский кодекс Республики Таджикистан, договор о совместной деятельности, римское право, простое товарищество, династия Сасанидов, судебник Сасанидов, совместные отношения, предпринимательская деятельность, Законы XII таблиц, иранские народы, исторические источники.*

## LEGAL BASIS THE EMERGENCE AND DEVELOPMENT OF A JOINT VENTURE AGREEMENT

***Dustov Sulaimon Abdulloevich,** assistant of the department of economic, financial and anticorruption lav of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, street. Nakhimova 64/14. Phone 918282148*

*The article discusses issues of the origin and development of a joint venture agreement, as well as the historical prerequisites for the emergence of a joint venture agreement, in particular, indicated the relationships associated with them in ancient Rome.*

*The author notes that the analysis of historical sources shows that the main features of the agreement on joint activities, first of all, are the union of several persons, the association of property and the achievement of common economic goals.*

*The article also notes that Roman law is one of the main historical and legal sources of the contract under review. It is to him that a number of relations are based, based on the joint activities of his comrades, which was known and striking under the Roman term societas. Such unions arose, including the sale and purchase of slaves, the construction of ships, the purchase of oil, wine and grain.*

*The author also notes that at the present time legal relations, signs of a joint activity agreement can be observed during the execution of joint business activities, the construction of buildings, including residential premises, shopping centers, factories and the implementation of joint trade relations.*

***Keywords:** State independence, Constitution of the Republic of Tajikistan, Civil Code of the Republic of Tajikistan, agreement on joint activities, Roman law, simple partnership, Sassanid dynasty, Sassanid lawyer, joint relations, business activities, Laws of XII tables, Iranian peoples, historical sources.*

Агар ба таърихи пайдоиши шарномаи фаъолияти якҷоя назар андозем, мушоҳида намудан мумкин, ки он таърихи тулонӣ дошта, ба қарнҳои пеш аз солшумории мелодӣ рафта мерасад.

Дар доираи ин шартномаи муҳим ҳатто римиёни қадим ва гузаштагони мардуми форс муносибатҳои муштараки худро дар соҳаҳои гуногун ба роҳ мемонданд.

Яке аз маъхазҳои муҳими ҳуқуқии ҷаҳон ҳуқуқи римӣ маҳсуб ёфта, дар он вобаста ба як қатор муносибатҳое, ки дар асоси онҳо фаъолияти одии якҷояи шарикон, ки бо истилоҳи римӣ societas ҷой дорад, ба назар мерасад. Аз ҷумла, ҳангоми хариду фурӯши ғуломон, сохтани киштиҳо харидани равған, шароб ва ғалла чунин иттифоқоти муштрак ба вуқӯъ меомад.

Бояд қайд кард, ки асоси бастани шарномаи фаъолияти якҷоя ин расидан ба мақсадҳои муайяни хоҷагидории муштараки шарикон ба ҳисоб мерафт.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи хусусии римӣ, иттиҳод ё шарикӣ, пеш аз ҳама, барои ноил гардидан ба мақсадҳои тиҷоратӣ ё расидан ба ҳадафҳои умумии шарикон маънидод гардидааст.

Вобаста ба ин муҳаққиқон В.Б. Романовская ва Э.Б. Курзенин чунин қайд менамоянд: “Дар Рими Қадим шарикӣ ин иттиҳоди хоҷагии якчанд шахс бо мақсадҳои хизматрасонӣ, иҷроиши корҳо ва муттаҳидии молу мулк буда, барои ноил гадидан ба натиҷаҳои дар маркази диққати шарикон ҷойдошта равона мегардид. Аммо дар ҳуқуқи римӣ шумораи умумии шарикон аниқ муайян нагардида буд. Шояд ду нафар низ метавонист шарикиро замина гузоранд” [4, 98].

Аз рӯи анъанаи пайдоиш, нишонаҳои асосии шартномаи фаъолияти якҷоя ин муттаҳидии якчанд шахс, якҷоя намудани молу мулк аз ҷониби шарикон ва расидан ба мақсадҳои хоҷагидории дар назди шарикон гузошташуда мебошад.

Вобаста ба пайдоиш ва ташаккули шарномаи фаъолияти якҷоя дар дигар адабиёт ва маъхазҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба мисли Қонунҳои XII ҷадвали Рими Қадим низ маълумотҳои муътамад мавҷуд мебошанд. Дар ин сарчашмаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла қисми масъалаҳои ҳуқуқи граждании он, роҷеъ ба шартномаи фаъолияти якҷоя муқаррароти зиёди меъёрӣ ҷой дорад.

Меъёрҳои ҳуқуқии ин санади таърихӣ маълум менамоянд, ки мақсади асосии шарикии якчанд шахс аз рӯи таомул дар қадим ин ба ҷомеа гузоштани саҳм дар шакли молу мулк ба мақсади анҷом додани ягон муомилот ё додугирифт, аз ҷумла хариду фурӯши ғуломон ба ҳисоб мерафт.

Вобаста ба ин масъала дар маъхазҳои таърихию ҳуқуқии мардуми ориёинажод низ маълумотҳо ҷой дорад. Аз ҷумла, профессор Холиқов А.Ғ. чунин ишора менамояд: “Ҳар як шаҳрванди комилҳуқуқ дар сулолаи Сосониён ҳуқуқ ба муносибатҳои рафиқонаро доро буд”. Ё дар ҷои дигар қайд менамояд: “Тибқи Қонунномаи Сосониён ғуломон дар як вақт ҳам моликияти шахсони алоҳида ва ҳам моликияти якҷояи якчанд шахс шуда метавонистанд”. Ин шаҳодати он аст, ки аҷдодони мо низ дар гузашта моҳияти муносибатҳои муштаракро муҳим мешумориданд [7, 74-75].

Вобаста ба ин мо кӯшиш намудем, ки муносибатҳои шарикиро тибқи Мотикони Ҳазордотистон, ки имрӯз бо номи Қонунномаи Сосониён маълум аст, каме ҳам бошад, мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Аз таҳлилҳо вобаста ба ин санади ҳуқуқии нодир маълум шуд, ки мавҷудияти баъзе меъёрҳои он аз ибтидои ҳазораи 1 то асри ҳафтуми мелодиро дар бар гирифтаанд. Матни пурраи Қонунномаи Сосониён, ба ақидаи бисёре аз

муаррихон, солҳои 620-уми солшумории мелодӣ иншо шудааст. Дар Қонуннома дар баробари дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба муносибатҳо вобаста ба шарикӣ ва амволи умумӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои шарикон бисёр меъёрҳои нодирро дарёфтан мумкин аст, ки то имрӯз аҳамияти истифодаи худро гум накардаанд. Аз ҷумла, дар фасли панҷуми ин санад, ки ба муносибатҳои ширкат, ҳаммоликон ва моликияти умумӣ бахшида шудааст, вобаста ба уҳдадории қарзии шарикӣ муқаррарот ҷой дорад.

Дар фасли бисту дуюм, банди панҷуми ҳамин санад, ки муносибатҳои моли умумиро дар бар мегирад, қайд карда мешавад, ки шарикон ҳуқуқ доранд, барои таъмири мулки умумӣ ба ҷои шарики худ дар зарурат мутаҳаммили хазина шаванд ва дар ин сурат шарик наметавонад аз пардохти ҳиссаи худ худдорӣ намояд. Ба ҳамин мазмун дар фасли бисту панҷуми Қонуннома муносибатҳои ҳуқуқӣ роҷеъ ба амволи умумӣ ва ширкат ва дар фасли бисту нуҳум, банди панҷум бошад, оид ба интиқоли саҳми амволи умумӣ ба дигар нафар ва дар фасли сиву панҷ, банди шашум меъёр вобаста ба ихтиёри иштирок дар ширкат ва канорагирӣ аз он бо хоҳиши худи шарик муқаррарот ҷой дорад [3, 85-114].

Роҷеъ ба пайдоиши шартномаи фаъолияти якҷоя дигар муҳаққиқони тоҷик, аз ҷумла профессорон Маҳмудов М.А. ва Менглиев Ш.М. низ чунин қайд кардаанд: "Пайдоиши шартномаи фаъолияти якҷоя, пеш аз ҳама, дар натиҷаи умумияти молумулкии оилавӣ, асосан байни ҳаммеросхӯрон оид ба муҳофизати молу мулки худ ва идоракунии он ба миён омадааст" [2, 70].

Аз ин маълум мегардад, ки шартномаи фаъолияти якҷоя, на ҳамчун шартномаи навпайдо, балки дорои таърихи бисёр тулонӣ мебошад. Чуноне ки манбаъҳои таърихӣ исбот менамоянд, одамон дар даврони қадим низ ба моҳияти шарномаи фаъолияти якҷоя, яъне ширкати одӣ таваҷҷуҳ намуда, барои таъсис додани ширкатҳо ва муттаҳидӣ майл доштанд. Албатта, онҳо аз аввал барои муомилот ва додугирифти нисбатан сода барои бастани шартномаи фаъолияти якҷоя ба созиш меомаданд, аммо баъдтар бо инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва баланд гардидани нишондодҳои иқтисодӣ ва рушди соҳаи соҳибкорӣ мавзӯи шартномаи фаъолияти якҷоя низ васеъ гардид.

